МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 811.21 22 (81.2)

НИЗОМОВА САИДАХОН ИЛЬЁСОВНА

ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКОГРАФИИ «МУҚАДДИМАТ-УЛ-АДАБ»-И ЗАМАХШАРӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ (6D021003 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ))

Роҳбари илмӣ: номзади илми филология, дотсент,
Нуруллозода Фирӯза

ХУҶАНД – 2023

МУНДАРИҶА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО…….....3
МУҚАДДИМА…….....4-8
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ 9-12
БОБИ I. ЗАМАХШАРӢ ВА «МУҚАДДИМАТ-УЛ-АДАБ»-И Ӯ (ДАР САРЧАШМАҲО)…….....13-53
1.1. Аз таърихи фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ (форсӣ)…….....13-27
1.2. Мероси илмии Замахшарӣ ва «Муқаддимат-ул-адаб»-и ӯ.....28-43
1.3.«Муқаддимат-ул-адаб» ва мақоми он дар рушди фарҳангнигорӣ.....44-51
Хулосаи боби I.....52-53
БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ ЛЕКСИКОГРАФИИ «МУҚАДДИМАТ-УЛ-АДАБ»-И ЗАМАХШАРӢ.....54-103
2.1. Сохтор ва қисматҳои фарҳанг.....54-70
2.2. Принсипи интихоб ва ҷобаҷогузории моддаҳои луғавӣ.....71-86
2.3. Баъзе вижагиҳои лексикаи тоҷикии фарҳанг.....87-100
Хулосаи боби II.....101-103
БОБИ III. УСУЛИ ТАРҶУМА ВА ТАШРЕҲИ МАЪНО ДАР «МУҚАДДИМАТ-УЛ-АДАБ»-И ЗАМАХШАРӢ.....104-144
3.1. Усули тарҷума.....104-112
3.2. Усули ташреҳи маъно дар фарҳангҳои дузабона.....113-122
3.3. Истихдом аз сермаъноӣ, муродифшавӣ, ифодаҳои шевагӣ ва ибороти рехта дар шарҳи моддаи луғавӣ.....123-133
3.4. Ташреҳ тавассути аносири арабӣ….....134-141
Хулосаи боби III.....142-144
ХУЛОСА 145-149
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...150
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 151-168
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....169 -170

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО:

АМИТ – Академияи Миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

АИ ФР – Академияи илмҳои Федератсияи Россия

АИ ҶӮ – Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон

а. – асри

ғ. – ғайра

м. – мутародиф

м – мелодӣ

ф. – форсӣ

ҷ. – ҷамъ

ш – шамсӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Фарҳангнигорӣ яке аз риштаҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ, ки аз самтҳои камтаҳқиқшудаи лексикографияи мост, паҳлуҳои гуногуни назариву амалии забоншиносӣ, бавижа хусусиятҳои фарҳангнигориро дар иншои қомусҳои ду ё бисёрзабона, усули тарҷумаву ташреҳ дар ин гуна фарҳангҳо ва амсоли инро боз хоҳад кард. То имрӯз фарҳангҳои дузабона бисёр таълиф шуда бошанд ҳам, на ҳамаи онҳо мавриди баррасиву таҳқиқ қарор гирифтаанд. Фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ баробари густариши дини ислом ва ҳукумати аҳвоми араб дар сарзамини форсизабонон ва мақоми забони байналмилалӣ касб кардани забони арабӣ пайдо гардиду рушд ёфт. Аз ин сабаб, баррасии фарҳангҳои дузабона дар масъалаи тарҷумаи вожаҳову инъикоси маъно, усули ташреҳи воҳидҳои луғавӣ ва аҳаммияти онҳо дар омӯзиши забонҳои тарҷумаву тафсиршаванда бояд дар забоншиносии тоҷикӣ ба таври густарда сурат ёбад. Дар заминаи маводи фарҳангҳои дузабона, ки як рукни муҳимми забони тоҷикӣ ба шумор меояд, маводи зиёде барои баррасии таърихи забони тоҷикӣ дар марҳилаи муайян ва ё давраи мушаххас ба ихтиёри аҳли таҳқиқ меояд. Вобаста ба ин, фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб»-и Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ чун фарҳанги дузабона ҳовии аҳаммияти зиёд буда, мавзуи таҳқиқ интихоб гардид. Ин фарҳанг аз фарҳангҳои арабӣ-тоҷикиест, ки аз назари тақсимоти мавод сохтори грамматикии забони арабиро фарогир мебошад. Яъне, дар баробари фарҳанги дузабона будан, вазифаи дастури забониро низ дорост. Фарҳанги мазкур бо ин хусусият, ки фарогири тамоми ҳиссаҳои нутқи забони арабист ва зери ин ҳиссаҳои нутқ моддаҳои луғавӣ сабт шудааст, аз дигар луғатномаҳои ҳамсони худ бартарӣ дорад. Дар зимн, то ҳол ин асари Замахшарӣ дар забоншиносии тоҷикӣ мавриди баррасии алоҳида қарор нагирифтааст. Ҳол он ки «Муқаддимат-ул-адаб» сарчашма ва манбаи кори на танҳо фарҳангнигорони дузабона, балки қомуснависони тоҷик ҳам

будааст. Ҳамчунин тавассути ин фарҳанг нобтарин калимоту таъбирҳо ва шеваҳои баёни тоҷикӣ боқӣ мондаанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Бо вуҷуди он ки дар забоншиносӣ роҷеъ ба фарҳангнигории дузабона таҳқиқот нисбатан кам аст, аз китобу рисолаҳои муҳаққиқоне, чун А. Атахонова [99], Г.Б. Баракаева [104], В.П. Берков [108, 109, 110], М. Раҳматуллоӣ [77], А.Н. Мунзавӣ [68], С.Сулаймонӣ (С.Сулаймонов) [84], А. Мамадназаров [127, 128, 129, 130], А. Ҳоҷиев [141], М.Н. Азимова [95], Г.И. Бобоева [111], Э. Агрикола [94], Ю.Д. Апресян [97] ва ғ. бояд ба таври ҷудогона ёд кард.

Омӯзиш ва баррасии ҷиддии ин мавзуъ дар забоншиносии тоҷик бо таҳқиқоти забоншинос Г.Б. Баракаева «Асосҳои тартиби фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ ва масъалаҳои лексикографияи тоҷикӣ ва англисӣ» [104] оғоз шуд. Дар даврони Истиқлолият натиҷаҳои таҳқиқоти А. Мамадназаров низ дар инъикоси ҷанбаҳои тозаи фарҳангнигории дузабона дар сурати асари алоҳида аз чоп баромад [131]. Дар ин замина, ҳамчунин А. Ҳоҷиев «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдониро мавриди омӯзиш қарор дода, соли 2003 рисолаи худро нашр намуд [141].

Дар масъалаи фарҳангнигории дузабона мақолаҳои алоҳидаи илмӣ низ ба чоп расидаанд, ки мақолаҳои «Сравнительный анализ использования грамматических помет в двуязычных словарях», «Пути развития современной двуязычной лексикографии в условиях глобализации», «Чашмандозе ба луғатнигории соҳавӣ-истилоҳии тоҷик дар садаи XX ва аввали XXI»-и забоншинос А. Мамадназаров [130, 335-339; 129, 145-149; 63, 18-25], «Сарнавишти талхи «Луғати комили русӣ-тоҷикӣ»-и С. Назарзода [70], «Чашмандозе ба луғатноманависӣ дар Эрон»-и А. Шеърдӯст [93, 3-18], «Муқаддима»-и «Луғати Абулфазли Майдонӣ «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и А. Ҳоҷиев (А. Хоҷазода) [87, 6-19], «Фарҳангнигории арабу аҷам: «Кадомӣ муассир ва кадомӣ муассар?»-и Н. Ғиёсов [50, 65-76] ва даҳҳо навиштаи дигар ба ин гурӯҳ шомил мешаванд.

Дар бораи фаъолияти Замахшарӣ ҳамчун забоншинос ва фарҳангнигор бошад, ба сабаби чанд фарҳанг таълиф кардани ӯ, дар осори зиёде ишораҳои ҷолиб дида мешавад, ки китобу мақолаҳои А.М. Ал-Ҳуфӣ [89], В.А. Звенгинсев [123], А.Б. Халидов [142], М. Наҳовандӣ [72, 415-445], Абдуссаттори Зайф [56], Н. Абдулҳафиз [40], муаллифи «Арабская лексикография» [191], Ш. Охунҷонов [101, 280-291], Н.И. Робакидзе [138], М. Руҳонӣ [78, 301-311], М. Оқилов [133], М. Очилова [135] ва даҳҳо асару мақолаҳои дигар дар ин мавзуанд. Ҳатто баъзе муҳаққиқони хориҷӣ доир ба фаъолияти фарҳангнависии Замахшарӣ китоб таълиф кардаанд, вале дар он асарҳо таваҷҷуҳи асосӣ бар китоби «Ал-Фоиқу фӣ ғариб-ил-ҳадиси» равона шудааст ва танҳо «Муқаддимат-ул-адаб» ном бурда шудаасту халос. Инҳо асари «Аз-Замахшарӣ-луғавийина ва муфассирина»-и Мустафо Шерозӣ [92, 372], «Замахшарӣ ва осораш»-и Ризо Начафӣ [73, 180-187] ва «Аз-Замахшарию ал-луғавию ва китобуҳу «Ал-Фоиқ»-и Рашид Абдурраҳмони Убайдӣ [85] мебошад. Зимнан, китобе, ки дар Хуҷанд соли 2012 ба қалами муҳаққиқи Замахшарӣ, бавижа «Атвоқ-уз-заҳаб»-и ӯ, М. Оқилов тааллуқ дорад, аз зумраи чунин кор мебошад, вале муаллифи он ба таври мухтасар ҳам бошад, дар бораи «Муқаддимат-ул-адаб» иттилоъ дода, таъкид аз он мекунад, ки ин асар на танҳо дар замони муаллиф ва қуруни баъдӣ, балки имрӯз ҳам аҳаммияту шуҳрати худро ҳамчун сарчашмаи муҳимми забоншиносӣ маҳфуз доштааст [74, 46-47]. Мо дар ин ҷо аз пажуҳишҳое, ки дар мавриди дигар ҷанбаҳои осори Замахшарӣ шудааст, ёд намекунем.

Масъалаи омӯзиши «Муқаддимат-ул-адаб» ҳанӯз аз асрҳои миёна пайдо шуда буд, ки ин низ нишоне аз шуҳрати бисёри китоби мазкур аст. Он ҳудуди а. XVII аз ҷониби муаллифи номаълуме ба забони туркӣ низ тарҷума шудааст, ки нахустин қадам дар шинохт ва таҳқиқи китоб ба ҳисоб меояд. Камол Ҷабрии Абҳарӣ бар он назар аст, ки тарҷумаи мазкур аз тарафи Исҳоқ Афандӣ Аҳмад ибни Хайруддини Буснавӣ [41, 112] ба анҷом расидааст. Аз мутолиаи нусхаи № 4661 китобхонаи Аёсӯфия, ки зери дасти мо қарор дорад [148], маълум мешавад, ки ҳама бахшҳои китоби Замахшарӣ ба пуррагӣ тарҷума шудааст. Ин тарҷума дар ҷаҳони таҳқиқ мусовӣ бо худи китоби «Муқаддимат-ул-адаб»

иштиҳор ёфт ва аз он нусхаҳои № 3180, 3181 китобхонаи Асъад Афандӣ [149; 102], № 4660 китобхонаи Аёсӯфия [147], № 5415 (2-1) китобхонаи Ҳоҷӣ Маҳмуд [151] ва даҳҳо нусхаи дигар то кунун ба даст омадааст. Ҳамчунин соли 1895 тарҷумаи мазкур дар матбааи Амирии Истамбул дар шакли чопи литографӣ ба нашр расида, бештари муҳаққиқонро ба сардаргумӣ андохт. Чунончи, Закӣ Валидии Туғон [146], Нури Юҷа [175], Маҳдии Муҳаққиқ [69] ва чанд тани дигар бар он назаранд, ки «Муқаддимат-ул-адаб» дар асл ҳовии тарҷумаи туркӣ ҳам будааст. Ин, ба назари мо, нодуруст менамояд. Дар пайравӣ ба ин ақида, муҳаққиқони ӯзбекзабон З.М. Исломов дар мавзуи «Таҳқиқи феълҳои туркӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб»-и Маҳмуди Замахшарӣ» (соли 1993) ва М.Ю. Ҳакимҷонов дар мавзуи «Хусусияти лексикографии тавзеҳоти арабӣ-туркии «Муқаддимат-ул-адаб» (соли 1994) пажуҳиш анҷом додаанд [57; 88]. Дар ин замина аз мақолаи пуарзиши шарқшинос Ананаис Зайончовский бояд ёд кунем, ки дар он муҳимтарин хусусиятҳои луғати мавриди назар ба таври хеле мухтасар нишон дода шудааст [122, 27-82]. Албатта, муҳаққиқи мазкур ҳам бар он назар буда, ки фарҳанги Замахшарӣ ҳовии луғоти туркиву муғулист.

Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои лексикографии «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ аз аввалинҳо шуда В.В. Бартолд [107], А. Кримский [126] ва А.К. Боровков дар мақолаҳои худ иттилоъ додаанд [112; 113; 114]. Ҳамчунин навиштаи З.В. Туғон [146] бояд ба риштаи қайд алоҳида биёянд, аммо ин таҳқиқот бар пояи тарҷумаи туркии асари мазкур анҷом пазируфтаанд.

Асари мавриди таҳқиқ борҳо аз ҷониби муҳаққиқони гуногун ба нашр расидаву матни он дар шаклу қолабҳои гуногун ба зевари табъ ороста гардидааст. Нашироне, чун И.Ҷ. Ветзштейн [173], Н. Поппе [174], З.В. Туғон [146] М.К. Имом [160], Н. Юҷа [175], М.Ф. Алӣ, М. Муҳаққиқ [159], Ҳ.М. Сиддиқ [190] дар ин кор саҳм гузоштаанд. Аз ин миён Маҳдии Муҳаққиқ дар пешгуфтори худ бо номи «Замахшарӣ ва «Муқаддимат-ул-адаб» доир ба хусусиятҳои бандубастии фарҳанги мазкур иттилои пуарзиш додааст [69, 9-16].

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Масоили таҳқиқи мо бо барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалисозии сиёсати забони давлатӣ алоқаи ногусастанӣ дошта, дар заминаи «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647) татбиқ мегардад. Мавзуи диссертатсия бошад, дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи грамматикаи забони арабии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» интихоб гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳқиқи рисола нишон додани аҳаммияти омӯзиши «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ байни фарҳангномаҳои дузабона, сохту таркиби он, принсипи интихоб ва ҷобаҷогузории моддаҳои луғавӣ, хусусиятҳо ва навъҳои тарҷума дар фарҳанг, усули ташреҳи вожаҳои арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ, баррасии лексикаи форсӣ-тоҷикӣ дар фарҳанги мавриди назар аст.

Вазифаҳои таҳқиқ. Дар меҳвари таҳқиқи мо масъалаҳои зерин қарор гирифтаанд:

– баррасии заминаҳои пайдоиш ва густариши фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ;

– таҳқиқи мақоми «Муқаддимат-ул-адаб» дар раванди фарҳангнигорӣ;

– баррасии принсипҳои интихоб ва ҷобаҷогузории воҳидҳои луғавӣ дар фарҳанг;

– омӯзиши тарҷума ва роҳу тарзҳои истифодаи воҳидҳои луғавии форсӣ-тоҷикӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавии арабӣ;

– таҳқиқ ва муайян кардани принсипҳои тадвини «Муқаддимат-ул-адаб» -и Замахшарӣ.

Объекти таҳқиқ фарҳанги арабӣ-тоҷикии Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ «Муқаддимат-ул-адаб» мебошад.

Предмети таҳқиқ. Баррасии хусусиятҳои лексикографии фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» ва дар заминаи маводи он муайян кардани хусусиятҳои интихоб ва шарҳи моддаи луғавӣ дар луғатҳои дузабона аст.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Барои ҳалли масоили назариявӣ ва амалии роҷеъ ба ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқ мо такя ба осори илмии олимон ва забоншиносони хориҷиву ватанӣ, мисли В.А. Капранов, С.И. Баевский Л.С. Пейсиков, А.К. Боровков, Муҳаммад Муин, А.А. Содиқӣ, Маҳдии Муҳаққиқ,

Ш.Нақавӣ, Ҳ.Носир, Ш.Рустамов, А.Атахонова, А. Мамадназаров, А. Ҳоҷиев, Н. Ғиёсов, Ф. Нуруллозода, Ф. Алиева ва дигарон кардем.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Бунёди методологии рисола бар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили таҷзиявӣ ва таҳқиқи оморӣ ниҳода шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Дар рисола матни нашри олмониву эронии «Муқаддимат-ул-адаб»-и Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ ва нусхаҳои хаттии фарҳанги мазкур, ки дар китобхонаҳои кишварҳои хориҷа, ба монанди китобхонаи давлатии Берлин ва Донишгоҳи Лейпсики Олмон, китобхонаи миллии Фаронса ва Туркия нигаҳдорӣ мешаванд, сарчашмаи асосӣ ба ҳисоб рафта, барои тасдиқи назару андешаҳои қиёсӣ ҳамчун маъхазҳои иловагӣ матни тарҷумаи туркии фарҳанг бо номи «Акс-ал-араби фӣ тарҷамат-ил-Муқаддимат-ил-адаб», ҳамчунин «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ, «Муқаддима»-и Луғатнома» ва «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо ва «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ»-и С. Сулаймонӣ (С.Сулаймонов) низ ба кор гирифта шуд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар диссертатсия бори аввал арзиш ва мақоми фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб»-и Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ дар заминаи баррасӣ ва таҳқиқи нусхаҳои хаттӣ, нашрҳои он, мақоми он дар рушди фарҳангнигории дузабона, усули бакоргирии моддаҳои шарҳшаванда дар фарҳангҳои дузабона, хелҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии моддаи арабӣ дар фарҳангҳо, заминаҳои тарҷума, усули корбурди муродифоти форсӣ-тоҷикӣ дар шарҳ, навъҳои шарҳи моддаи луғавӣ, истифодаи калимот ва ифодаҳои шевагӣ дар зимни шарҳ, навъҳои лексикаи тоҷикӣ дар фарҳанг ва мақоми забони тоҷикӣ дар он нишон дода шуд. Ҳамчунин барои пурра нишон додани роҳҳо ва заминаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ мухтасаран ба таърихи нигошт ва усули лексикографии бархе фарҳангҳои гурӯҳи мазкур низ таваҷҷуҳ гардид ва дар мавридҳои муайян маводи «Муқаддимат-ул-адаб» бо маводи фарҳангҳои мазкур бо усули қиёсӣ санҷида шуд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. баррасии таърихи мухтасари татаввури фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ;

2. таҳқиқ дар заминаи осори илмии Замахшарӣ ва мақоми ӯ дар илми забоншиносӣ;

3. таъйини саҳми нусхаҳои хаттии «Муқаддимат-ул-адаб» дар шинохти илмии он ва баррасии нашрҳои фарҳанг;

4. нишон додани мақоми «Муқаддимат-ул-адаб» дар фарҳангнигории арабӣ-тоҷикӣ ва, ҳамчунин дар фарҳангнигории сирф тоҷикӣ ва дар ташреҳи мушкилоти матнҳои қадим;

5. таъйини асосҳои сохтории фарҳанг ва тадқиқи таркиби он;

6. таснифу таҳлили моддаҳои луғавии фарҳанги мавриди таҳқиқ;

7. баррасии лексикаи тоҷикӣ ва мақоми забони тоҷикӣ дар фарҳанги Замахшарӣ;

8. нишон додани усули маъмули ташреҳи маъно дар фарҳангҳо ва тадқиқ дар заминаи фарҳангҳои дузабона;

9. таҳқиқи анвои тарҷума ва нишон додани баробарии калимаву таркибҳои тоҷикӣ ва арабӣ;

10. баррасии усули ташреҳ тавассути муродиф дар «Муқаддимат-ул-адаб»;

11. таҳқиқи хусусиятҳои ташреҳи муфассал дар фарҳангнома;

12. рӯнамо кардани хосиятҳои грамматикӣ ҳангоми ташреҳи моддаи луғавӣ;

13. муқаррар кардани чандмаъноии моддаи луғавӣ дар шарҳ ва рӯ овардани муаллиф ба таркибҳои рехта дар зимни шарҳ.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Арзиши назариявии рисола дар он зоҳир мегардад, ки дар он заминаҳо ва назарияву принсипи таҳлилу баррасии моддаи луғавӣ, шарҳи грамматикӣ, усули ташреҳи калимаҳову ибора ва ҷумлаҳои арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба таҳқиқ кашида шудаанд. Истифодаи он дар доираи таҳқиқоти забоншиносии забони арабӣ ва забони форсӣ-тоҷикӣ гӯшаҳои наверо дар ҷойгузиниву тарҷумаи бархе вожагон ва ё таъбиру мафҳумҳо боз хоҳад намуд. Рисола зимни таълифоти фарҳангҳои дузабонаву

бисёрзабона, тафсирӣ, баргузории семинар ва курсҳои махсус ва таълифи осори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Дар маҷмуъ, ҳосили таҳқиқоти рисола дар хондани лексияҳои назарӣ, машғулиятҳои амалӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, магистрӣ, дипломӣ ва корҳои курсӣ дар факултетҳои марбут ба улуми филологӣ ба кор меояд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо бо шиносномаи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ (6D021003 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ)) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар гирдоварии маводи таҳқиқ, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот зоҳир мегардад. Ҳамчунин муайян кардани мақсад ва вазифаи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, гузориши масъалаҳои меҳварии таҳқиқот, таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва коркарду баррасии маълумоти бадастомада иборат аст. Масъалагузории назариву методологӣ ва хулосаҳои рисола натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи докторант ҳастанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Нуктаҳои диссертатсия дар конференсияҳои байналмиллалӣ (2021), минтақавӣ (2019-2020), конференсия ва семинарҳои илмию методии донишгоҳӣ (2021-2022) ироа гардидаанд.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) интишор ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисола аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 170 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

БОБИ I.

ЗАМАХШАРӢ ВА «МУҚАДДИМАТ-УЛ -АДАБ»-И Ӯ (ДАР САРЧАШМАҲО)

1.1. Аз таърихи фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ (форсӣ)

Фарҳангнигорӣ аз шохаҳои бисёр муҳимми забоншиносӣ ба шумор меравад, ки он низ монанди соири улуми марбут ба забону адабиёт таърихи дерина дорад. Мақоми фарҳангҳо дар ҷамъоварӣ ва ҳифзи захираҳои луғавии ин ё он забон бузург аст ва онҳо аз сарчашмаҳои муҳим ва арзишманде дар ҳифзи забони адабӣ, забони зиндаи ин ё он давр, шеваҳои гуногун, истилоҳҳои марбут ба ин ё он соҳаи илм ва ғ. ба шумор мераванд. Баррасии таърихи фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ нишон медиҳад, ки фарҳангнигории мо ба фарҳангнигории арабӣ робитаи ногусастание дорад. Аз аввалин фарҳангҳое, ки ба забони арабӣ то имрӯз шинохта шудааст, «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ мебошад, ки нимаи дуюми а. II/VIII ба забони арабӣ таълиф ва бар услуби овоӣ тадвин шудааст. Аз ин ба баъд фарҳангҳои зиёде, ба монанди «Таҳзиб-ул-луғат»-и Ал-Азҳарӣ, «Китоб-ул-бориъ»-и Ал-Қолӣ, «Ал-Муҳкам фӣ луғат-ил-араб»-и Ибни Сидӣ, «Ал-Ҷамҳарату фӣ-л-луғат»-и Ибни Дурайд, «Китоб-ул-муҷмал» ва «Китоб-ул-мақоис»-и Ибни Форис, «Тоҷ-ул-луғат»-и Ал-Ҷавҳарӣ, «Лисон-ул-араб»-и Ибни Манзур ва ғ. ба майдон омаданд, ки ҳамагӣ аз пайравони Халил ибни Аҳмад дар кори фарҳангнигорӣ ба шумор раванд ҳам, дар услуби ҷобаҷогузории калимаҳо равиши алифбоиро ба кор бурдаанд. Ин падидаро метавон дар фарҳангҳои «Ал-Ҷамҳарату фӣ-л-луғат», «Китоб-ул-мақоис», «Тоҷ-ул-луғат» ва «Лисон-ул-араб» ба хубӣ мушоҳида кард.

Густариши дини ислом дар сарзамини форсизабонон тағйиротеро ба миён овард ва аз нимаи дуюми қарни II/VIII сар карда забони арабӣ дар ин сарзамин забони давлатӣ эълон гардид. Дар ин маврид муаллифи «Китоб-ул-вузарои ва-л-куттоб» – Ал-Ҷаҳшиёрӣ қайд карда, ки соли 742 дар маркази девондории

вилояти Хуросон, ки вилояти Мовароуннаҳр низ аз он ҷо идора мешуд, забони арабӣ ба худ мақоми забони давлатиро қабул кард ва омӯзишу донистани он ба ҳама ҳатмӣ гардид [36, 11]. Пас аз ин, чанд муддат забони арабӣ мақоми худро ҳамчун забони давлатӣ, забони дин ва сиёсат нигоҳ дошт. Ин падида омили асосии тадвин шудани луғатҳои арабӣ ба форсӣ дар садаҳои баъдӣ аз ҷониби донишмандони форсизабон гардид. Оғози ин кор дар Хуросон падид омад ва қадимтарин фарҳангҳои арабӣ-форсӣ маҳз дар Хуросон таълиф шуданд. Куҳантарин фарҳанги дузабонаи арабӣ-форсӣ дар садаи V/XI тадвин шуда, то садаи мазкур фарҳангҳое, ки таълиф гардиданд, асосан фарҳангҳои тафсирӣ, мавзуӣ ё соҳавӣ ва фарҳангҳои иқтибосии арабӣ ба шумор мерафтанд. Чунонки Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» оварда, аҳолии ин вилоят се бор исломро пазируфта, се маротиба аз дин баргашта буданд ва маҳз ҳамин рафтори онон боис шуд, ки «Қутайба ибни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард андар ҳисори Бухоро ба соли 94 ва он мавзеъ бутхона буд. Мар аҳли Бухороро фармуд, то дар одина дар он ҷо ҷамъ шудандӣ, чунонки ҳар одина мунодӣ фармудӣ: «Ҳар кӣ ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам» [189, 67].

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи ин кор пас аз зулму ситам ва ханҷаркашиву қатлу ғорати зиёд, ки арабҳо барои густариши ислом дар Бухоро нисбат ба аҳолии ин вилоят анҷом доданду натиҷае набахшид, бо роҳи ҳавасмандкуниву пешниҳоди маблағ чораҷӯӣ карданд.

Аз нигоштаҳои таърихнигорон пай бурдан мумкин аст, ки аввалин дастурамалҳову лавозимоти таълими забони арабӣ дар сарзамини форсизабонон баробари ба сари қудрат омадани мусалмонон бояд ба миён омада бошад, зеро мутобиқи нақли Наршахӣ сокинони Бухоро дар оғози ислом намозро ба забони форсӣ мехонданд. Ӯ қайд мекунад: «Ва мардумони Бухоро ба аввали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан. Ва чун вақти рукуъ шудӣ, марде будӣ, ки дар паси эшон бонг задӣ «бакунитон кунит». Ва чун саҷда хостандӣ кардан, бонг кардӣ «нагунабон кунит» [189, 67-68]. Аз гуфтаҳои Наршахӣ метавон ба хулосае расид, ки аввалин дастурамалҳову китобҳои дарсии забони арабӣ ва фарҳангҳои

дузабонаи арабӣ ба форсӣ нахуст барои фаҳмишу омӯзиш ва дарки таълимоти динӣ дар оғози салтанати арабҳо дар сарзамини форсизабонон бояд ба миён омада бошад, аммо, мутаассифона, нишоне аз онҳо то ба замони мо омада нарасидааст.

Чунонки дар сатрҳои болоӣ ишора рафт, фарҳангнависии дузабонаи арабӣ ба форсӣ аз садаи V/XI оғоз гардид, ки ин падидаро донишмандони эронӣ Саид Нафисӣ ва Алинақии Мунзавӣ низ таъйид мекунанд [ниг.: 68, 269]. Нуктаи дигар ин аст, ки Саид Нафисӣ «Китоб-ул-масодир»-и Зузаниро (ваф.1093) аввалин фарҳанги арабӣ ба форсӣ медонад ва Алинақии Мунзавӣ бошад, «Китобу булғат-ил-мутарҷими фӣ-л-луғат»-ро аввалин фарҳанги арабӣ-форсӣ зикр кардааст [68, 269]. Айнан ҳамин нуктаро муҳаққиқи тоҷик А. Ҳоҷиев дар рисолаи худ оварда, дар такя ба таҳқиқоти Муҷтабо Минӯӣ Абуюсуф Яъқуб ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Курди Нишопуриро бо сабти соли вафоташ (1080) муаллифи «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат» зикр карда, менависад, ки то муддати наздик аз ин фарҳанг танҳо як нусха машҳур буд, ки дар китобхонаи Боязиди Туркия маҳфуз мебошад. Фарҳанги зикршуда соли 1256 китобат шуда, дар анҷомаи он соли хатми китоб мавҷуд аст, аммо номи муаллиф ёд намешавад. Маҳз бо кӯшиши муҳаққиқи эронӣ – Муҷтабо Минӯӣ нусхаҳои дигари ин фарҳанг ба даст омада, исми муаллифи он низ барқарор шуд [ниг.: 141, 16]. Аз гуфтаи А.Ҳоҷиев Саид Нафисӣ «Китоб-ул-масодир»-и Зузаниро нахустин фарҳанги арабӣ-форсӣ номидааст. Дар таҳқиқоти Муҷтабо Минӯӣ бошад ин андеша рад шуда, Абуюсуф Яъқуб ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Курди Нишопуриро муаллифи «Китоб-ул-булғат-ил-мутарҷими фӣ-л-луғат» бо сабти соли таълиф аввалин фарҳангинигори дузабона дониста мешавад. Ин андешаҳо ба назари мо ғалат мебошанд. Нахуст ин ки Алинақии Мунзавӣ бо такя ба соли таълифи «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат», ки дар садаи ҳафтум дар дасти Ҳубайшии Тифлисӣ ва Рабанҷанӣ буда, ҳамчунин дар садаи IX ба дасти Солеҳ ибни Сулаймон расида, менависад, ки «Таърихи нигориши ин фарҳанг дар поёни китоб соли 438 ҳ.қ. (1081) ёд шудааст» [ниг.: 68, 269]. Боз барои тақвияти фикри хеш муаллифи мазкур ишора мекунад, ки баргаи охири

нусхаи «Муқаддимат-ул-адаб» (ин ҳамон нусхаест, ки дар дасти Солеҳ ибни Сулаймон буда, ӯ ин нусхаро бо нусхаи «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат»-и дар соли 438 китобат шуда, ислоҳ карда буд–С.Н.) китобхонаи Маҷлис, шумораи 486 дида шавад [ниг.: 68, 269, поварақ]. Хулосаи Мунзавӣ сабткарда, бо андешаҳои А. Ҳоҷиев ва Муҷтабо Минӯӣ тамоман мухолиф аст, зеро Алинақии Мунзавӣ соли таълифи «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат»-ро 438 зикр карда, ки ба 1081 мелодӣ рост меояд ва он назаре, ки дар мавриди соли вафоти Абуюсуф Яъқуб ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Курди Нишопурӣ А. Ҳоҷиев ва Муҷтабо Минӯӣ овардаанд, яъне соли 1080 мелодӣ, ба санаи мазкур дуруст нест. Дигар, аз ин ҷо маълум мешавад, ки муаллифи «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат» Абуюсуф Яъқуб ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Курди Нишопурӣ нест ва ба гуфтаи Алинақии Мунзавӣ воқеан муаллифи ин фарҳанг шинохта нашудааст. Сеюм, А. Ҳоҷиев зимни маълумоти нусхаҳои хаттии дигари «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат», ки дар китобхонаҳои Боязиди Истамбул (Туркия), Частера Бети Дублин (Ирландия) ва Маҷлиси Эрон танҳо соли тартиби нусхаи китобхонаи Боязидро, ки 1256 мебошад, зикр кардаасту халос. Дар мавриди аз куҳантарин фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ дониста шудани «Китоб-ул-масодир»-и Зӯзанӣ аз ҷониби Саид Нафисӣ далелу бурҳоне низ вуҷуд надорад. Ҳамчунин А. Ҳоҷиев дар мавриди мансуб будани «Тоҷ-ул-масодир» ба Рӯдакӣ, ки дар бархе сарчашмаҳо ин назар тасдиқ шудааст, андешаронӣ ва таъкид мекунад, ки мансубияти ин фарҳанг ба Рӯдакӣ ҳоло ҳам баҳснок боқӣ мемонад. Ба андешаи Саид Нафисӣ «Тоҷ-ул-масодир» асари Абуҷаъфари Байҳақӣ аст» [141, 13].

Чунонки ишора шуд, асосгузори фарҳангнигории арабӣ – Халил ибни Аҳмад «Китоб-ул-айн»-и хешро ба услуби овоӣ тартиб дода, аммо фарҳангҳои пас аз ӯ тадвингашта равиши алифбоиро қабул карда буданд. Ба андешаи муҳаққиқ ва мутарҷими мисрӣ – Ҳусайн Муҳаммади Нассор сабаби ривоҷи услуби алифбоии фарҳангнигорӣ дар рушду густариши насри мусаҷҷаъ дар авохири а. Х будааст [171, 148]. Ба андешаи муҳаққиқ А. Ҳоҷиев бошад, рушди фарҳангнигорӣ бо услуби алифбоӣ дар он аст, ки шуруъ аз а. Х донишмандону

адибон ва суханварони форсизабон осори худро ба забони арабӣ эҷод мекарданд ва аз сабаби он, ки забони арабӣ барои онон забони бегона буд, маҳз ҳамин кори донишмандону адибони даврони мазкур сабаб шуд, ки фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ ба услуби алифбоӣ тадвин шаванд [141, 14].

Мавзуи мавриди баҳси мо, ки дар бораи таърихи фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ аст, дар ин рисола маълумоти мухтасар додан дар мавриди муҳимтарин фарҳангҳои дузабона мебошад.

Алинақии Мунзавӣ – донишманди эронӣ дар таҳқиқоти худ, ки «Фарҳангномаҳои арабӣ ба форсӣ» ном дорад, ҳамаи фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсиро дастабандӣ намуда, сипас онҳоро тибқи тартиботи асрӣ муаррифӣ кардааст [ниг.: 68, 269-363]. Аз сабаби он, ки дар ин навиштаи кӯтоҳ дар бораи ҳамаи фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ, ки дар таърихи фарҳангнигории мо ва арабзабонон ҷойгоҳи густардае дорад, маълумот додан аз имкон берун аст, нигоранда ба чунин хулоса расид, ки перомуни муҳимтарин фарҳангҳои арабӣ-форсии асрҳои XI-XII шуруъ аз куҳантарини онҳо маълумот диҳад. Ба чунин хулоса расидани мо чанд омил дорад. Нахуст, агар фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-форсиро тибқи китобҳои то замони мо расида аз а. XI шуруъшуда ҳисобем, а. тиллоии он ё авҷи фарҳангнигории мазбурро бояд а. XII шуморид. Барои он ки дар ин давра фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ ҳам миқдоран дар таълиф афзуданд ва ҳам аз нигоҳи шомил шудани мавод бисёр пешрафт намуданд. Агар дар фарҳангҳои дузабонаи пешина маҳдудиятҳои мавзуӣ ва ҳирфаӣ ба мушоҳида расад, дар фарҳангҳои а. мавриди назар ин маҳдудият дида намешавад. Аз ин хотир, фарҳангҳои ҷомеъ ва муфассале, ки дар ин давра ба риштаи таҳрир даромадаанд, бешак асос ва мояи фарҳангҳои асрҳои баъдӣ шудаанд. Бар замми ин, принсип ва усули нигошти фарҳангҳои дузабона, аз ҷумла интихоб ва шарҳи моддаҳои луғавӣ аз рӯйи мавзуъ, бо тартиби алифбоӣ, ҷудо кардани луғат ба гурӯҳҳои грамматикӣ, шарҳ тавассути калима, ибора ё ҷумлаи пурра, мисол овардан ва амсоли ин маҳз дар фарҳангҳои а. XII шакл гирифтаанд ва минбаъд ин меъёру принсип дар фарҳангҳои дузабона муттасилона идома ёфтаанд. Бар замми ин, дар а. мавриди

баён наздик ба 14 фарҳанги дузабонаи арабӣ-форсӣ рӯйи кор омадаанд, ки дар байни ин фарҳангҳои манзум ҳам дида мешавад. Дар китоби Алинақии Мунзавӣ – «Фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ», ки дар муқаддимаи луғатномаи Деҳхудо онро ба таври пурра мазбут овардаанд, низ ба давраи мавриди баҳс таваҷҷуҳи вижа зоҳир мешавад [49, 276-293], вале ҳеҷ кадом аз муҳаққиқон давраи авҷи фарҳангнигории дузабона будани а. XII-ро таъкид накардаанд. Сониян, ба мушоҳидаи мо, усули асосии тадвини фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ маҳз дар ҳамин давра сурати матбуъ пазируфт, зеро ҳатто дар фарҳангҳои ихтисосии навъи мазкур, мисли «Тарҷумон-ул-аоҷим» пайравӣ ва ҷавобияи зиёде дар даврони мухталиф дорад. Дар асрҳои минбаъда – XIII (се фарҳанг) ва XIV (се фарҳанг) нисбатан кори фарҳангнависони дузабонаи арабӣ-форсӣ камтар пайгирӣ шудаву давраи рукуде дар фарҳангнигории мазкур будааст, вале а. XV-ро монанди дигар соҳаҳои улуми марбут ба зеҳн, аз ҷумла забону адабу таъриху фалсафа ва ғ. буда, онро давраи эҳёи суннатҳои фарҳангнигории пешин ҳисоб карда метавонем. Чунончи, фарҳангҳои дар ин давра таълифшуда бештарин хасоиси фарҳангҳои а. XII-ро идома додаанд ва ҳам таълифи фарҳангҳои риштаи мазкур нисбатан афзудааст. Аз ин ба баъд фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ вобаста ба нуфуз пайдо кардани забонҳои туркӣ, дар доираҳои берун аз ҳавзаи аслии худ рушд кардани адабиёт ва забони форсӣ ва дар натиҷаи ин бо фарҳангҳои бегона пайванди бештар хӯрдани забон ва кам-кам нуфузи пешини худро аз даст додани хилофати арабӣ дар олами мутамаддини асрҳои миёна, дар доираи тангтар боқӣ мондааст. Аз ин хотир, вобаста ба омилҳои мазкур мо ба мушаххасоти чанд фарҳанги дузабонаи арабӣ-форсии асрҳои нахусти он (XI) ва давраи тиллоии он (XII) мурур менамоем:

«Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат» – яке аз қадимтарин фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ аст, ки соли 438/1081 таълиф шуда, муаллифи он номаълум мебошад. Ҳусомуддини Чалабӣ (VII/XIII) дар бораи фарҳанги мазкур ишора мекунад, ки он аз 40 боб иборат буда, фарогири асмои андоми инсон ва

касбу кори гуногун аст [ниг.: 47, 269]. Алинақии Мунзавӣ таъкид карда, ки қабл аз бобҳо муаллиф фаслеро ба «Асмоу-л-Лоҳ» бахшидааст [ниг.: 68, 269].

Оғози китоб чунин аст:

«الحمد لله الذى... اما بعد فانى ... اثبات اسما الله تعالى مترجمه فى صدر هذا ... تشبيب كتاب فى الاعداد لاهل لغت فى ذكر اسما الله تعالى هو الذى» :

Ӯст Худое, он ки, ло илоҳа илло ҳува, нест Худое магар Ӯ; Ар-раҳмон: бахшоянда; Ар-раҳим: меҳрубон…» [ниг.: 68, 269].

Анҷоми луғат:

«و الآثار: نشان الاشارات و العلامات و الآثار جمع... و قوله ان كنتم... قال المصنف رحمة الله عليه: فرغت و لله الحمد من تحرير كتاب "البلغة المترجم فى اللغة" صبحت يوم الاحد الثانى من شهر ربيع الآخر سنة ثمان و ثلاثين و اربعمائة. و كتب العبد الضعيف محمد ابن حسن حاجى الراضى ابوه فى التاسع و العشرين من شهر جمادى الآخر سنة اربعين و خمسين و تسعمائة» [ниг.: 68, 269-270].

Мутобиқи маълумоте, ки А. Ҳоҷиев дар мавриди бобҳои ин фарҳанг зикр карда, боби аввали он «Дар бораи инсон ва исмҳои андоми он» унвон дошта, дар ин боб вожаҳои сермаҳсуле, ки инсонро ҳамчун махлуқи зинда ва дорои тафаккур тасвир мекунанд, тарҷума шудааст. Ҷойгиршавии маводи бобҳои дигари «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат» низ бо услуби мазкур танзим шудааст. Масалан, боби чаҳорум «Дар бораи коинот ва навъҳои махлуқот», боби бисту нуҳум «Дар бораи садову овозҳое, ки ҳайвонот мебароранд» ва монанди инҳо [141, 16].

Алинақии Мунзавӣ як нусхаи хаттии «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луғат»-ро, ки дар китобхонаи Боязиди шаҳри Истамбули Туркия таҳти №954 маҳфуз аст, зикр мекунад. Муҳаққиқ А. Ҳоҷиев бошад, чунонки дар боло ишора шуд, боз дар бораи ду нусхаи хаттии ин фарҳанг ба нақл аз таҳқиқоти Муҷтабо Минӯӣ маълумот овардааст [141, 16].

«Мушкилот-ул-булғат» фарҳангест, ки фақат дар чанд барга боқӣ монда, зимни маҷмӯаи «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва мухтасаре дар «Каҳҳолӣ» ва ҷузъи он сабт шудааст ва таърихи китобати онро 722/1322 қайд кардаанд. Ба андешаи баъзе донишмандон ин фарҳанг қитъае аз шарҳи «Ал-Булғату ал-

мутарҷиму фӣ-л-луғат» [ниг.: 68, 270], аммо бисёр серғалат будааст. Оғози ин фарҳанг чунин аст:

«الاريش-

– ҷуфта аз чӯбҳо бувад, ки рост боз кунанд, устунро бар он ниҳанд, то шохҳо бар он бирӯяд.

الحسدت –

– такассури донаи ангур бувад. Ал-фарсаку: шафт – ранги чизе бувад, чун шабтолу илло он аст, ки соз бувад ва сурх…».

Нусхае аз фарҳанги мазкур таҳти №5839 зимни «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ дар китобхонаи Малики Теҳрон маҳфуз аст [ниг.: 68, 270].

«Фарҳанги Абулфазли Байҳақӣ» – ин фарҳанг аз шумори фарҳангҳои дузабонаи а. V/XI аст, ки дар он 370 калимаи арабӣ ба форсӣ тарҷума шуда, ба Абулфазл Муҳаммад писари Ҳусайни Байҳақӣ ва муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» мансуб мебошад. Оғози фарҳанги мазкур чунин аст: «Ин фасле аст аз расоили Абулфазл шогирди Абумансури Мушкон – дабири Султон Маҳмуд, муштамил бар чанд сухан, ки дабирон дар қалам оранд. «Бидон, ки ба ҷои «бастохӣ» «инбисот» нависанд, ба ҷои «хештан кашидан» «инқибоз» нависанд. Ба ҷои «тарсонидан», «таҳдид»…».

Нусхае аз фарҳанги номбурда дар китобхонаи Малик таҳти №474 маҳфуз аст, ки дар миёни баргаҳои «Ҳамду сано»-и Рашидуддини Ватвот ҷойгир шудааст [ниг.: 68, 270].

Анҷоми китоб: «Ба ҷои «орамидан» «истиқрор» нависанд, ба ҷои «безор шудан» «табарро» нависанд. Таммати-р-рисолату» [ниг.: 68, 270].

«Ал-Масодир»-и Зӯзанӣ – аз фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсии а. V/XI ба шумор меравад, ки ба ду бахш – «Масдарҳои сулосии муҷаррад» ва «Масдарҳои сулосии мазид» тақсим мешавад. Бахши нахуст дар навбати худ аз 6 боб иборат аст, ки дастабандии он ба таври зерин сурат гирифтааст:

- масдарҳое, ки айнулфеъли онҳо дар мозии мафтуҳ ва дар мустақбали мазмум аст;

- онҳо, ки дар мозӣ мафтуҳ ва дар мустақбал максур аст;

- онҳо, ки дар мозӣ ва мустақбал мафтуҳ аст;

- онҳо, ки дар мозӣ максур ва дар мустақбал мафтуҳ аст;

- онҳо, ки дар мозӣ ва мустақбал мазмум аст;

- онҳо, ки дар мозӣ ва мустақбал максур аст [68, 272].

Фарҳанг чунин оғоз мешавад: «Басмалаҳу. Ал-ҳамду ли-л-Лоҳи ало савобиғи олоиҳи-л-мусобиқати афвоҷан ва савобиғи ниъматиҳи-л-муталоимати азвоҷан ва салавотиҳи ало Муҳаммадин…» ва пас аз ҳамду сано омадааст: «Қола-л-қозийу-л-имоми-л-аҷали-л-абҷали Абуабдуллоҳ Ал-Ҳусайн ибну Аҳмад Аз-Зузанӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳи: Ҳозиҳи масодирун тарҷамтуҳо ва ҷаррадтуҳо ъан шавоҳиди-л-ҳадиси ва-л-ашъори ва-л-амсоли лийасғара ҳаҷмаҳо ва йасҳала ҳифзаҳо ва саддарту куллу бобин би масодири-л-афъоли-с-саҳиҳати… «الثقب – суроҳ кардан», «الثقوب – афрӯхта шудани оташ ва ҷуз он». «الجلب – гӯсфанду шутуру барда аз ҷое ба ҷое бурдан барои фурӯхтан» [68, 270].

Қайд кардан ба маврид аст, ки «Ал-Масодир» аз шумори фарҳангҳоест, ки беш аз 30 нусхаи хаттии он дар китобхонаҳои кишварҳои мухталифи ҷаҳонӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Масалан, Чарлз Рё аз 2 нусхаи хаттӣ [184, II, 505], Блоше аз 1 [182, II, 171], Фуод Саид аз 1 [177, I, 373] ва 1 нусхаи хаттӣ дар китобхонаи Кирилл и Мефодия дар София [102, 200-203] ва Алинақии Мунзавӣ бошад, аз 27 нусхаҳои хаттии ин фарҳанг, ки дар китобхонаҳои Фаронса, Англия, Эрон, Туркия ва Миср нигаҳдорӣ мешаванд, иттилоъ додаанд.

«Тарҷумони Қуръон» – яке аз қадимтарин фарҳангҳое ба шумор меравад, ки дар он вожаҳои Қуръон ба форсӣ тарҷума шудааст ва номи пурраи ин фарҳанг дар китоби «Таъриху одоб-ил-луғат-ил-арабиййати» «Тарҷумон-ул-Қуръони би-л-арабиййати ва-л-форсиййати» сабт шудааст [68, 273]. Алинақии Мунзавӣ дар «Фарҳангномаҳои арабӣ ба форсӣ» қайд кардааст, ки ин фарҳанг мансуб ба қалами Зӯзанист, зеро ба ҷуз Броккелман дигар ягон нафар аз донишмандоне, ки дар тарҷумаи ҳол ва осори Зӯзанӣ пардохтаанд, ин фарҳангро зикр накардаанд [68, 273]. Ҳарчанд, оғози китоб афтодааст, аммо тарзи тарҷумаи вожагони Қуръон дар он ба таври зерин сурат гирифтааст: «هذا –

ин мард; هذان – ин ду мард; هؤلاء – ин ҳама мардон; هذه – ин зан; هاتان – ин ду зан; هؤلات – ин ҳама занон…».

Нусхаҳои ин фарҳанг дар китобхонаҳои Олмон ва Туркия мавҷуд аст [68, 273].

«Китоб-ул-халос»-и Натанзӣ – фарогири он чӣ барои донистани забони арабӣ дар садаи V/XI лозим буд, дар ин китоб аз ҷониби муаллиф гирд омадааст. «Китоб-ул-халос» дорои пешгуфтор, матни китоб ва хотима мебошад. Хотима фарогири қоидаҳои сарфу наҳви забони арабӣ мебошад. Чунонки Алинақии Мунзавӣ зикр карда, моддаҳои луғавӣ дар ин китоб «гуфтор» номида шудааст [68, 274]. Дар хотима бошад, баъзе қоидаҳои сарфу наҳвро дар ҷадвал нишон додани муаллиф кори истифодаи онро як андоза осон мекунад. «Китоб-ул-халос» бо ҳамду санои Худованд оғоз гардида, муаллиф қайд мекунад, ки «فهذا دستور اللغة العربية...», яъне ин китоб дастурест барои омӯзиши забони арабӣ [68, 275]. Дар анҷоми китоб 4 ҳарфе, ки берун аз алифбои арабӣ буда, хоси алифбои форсианд, аз ҷониби муаллиф нишон дода шуда, китоб бо як қитъаи дуоия ба анҷом мерасад. Ба андешаи Ибни Юсуф Натанзӣ онро ба Низомулмулк бахшидааст [ниг.: 68, 275].

«Мирқот» – аз фарҳангҳои мансуб ба Бадеъуззамони Натанзӣ ба шумор меравад, ки бо номи «Саҳоиф» низ маъруф аст. Фарҳанги мазкур дар «Кашф-уз-зунун» ҳам дар радифи ҳарфи «сод» бо номи «Ас-Саҳоифу фӣ-л-луғати-л-форсиййати» ва ҳам дар радифи ҳарфи «мим» бо номи «Ал-Мирқот» ҳамчун ду китоби ҷудогона ва бидуни зикри муаллиф муаррифӣ шудааст [ниг.: 35, 1075, 1656]. Ин нукта ба қавли Алинақии Мунзавӣ, ки фарҳанги мазкурро бори аввал аз ҷониби Эдгар Блошше дар «Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи миллии Париж» [182, II, 172-173] муаррифишуда мепиндорад [ниг.: 68, 275], муқобил аст. Ба қавли Мунзавӣ аввалин касе, ки фарҳангро ба Натанзӣ мансуб карда, ҳамоно Блошше дониста шудааст [68, 275]. Муҳаққиқи тоҷик – А. Ҳоҷиев низ дар таҳқиқоти хеш онро аз Натанзӣ донистааст [ниг.: 141, 17]. Аммо муҳаққиқони мазкур далели аз Натанзӣ будани «Ал-Мирқот»-ро зикр накардаанд, зеро то он ҷое, ки мо иттилоъ ёфтем, исми муаллиф дар дебочаи

фарҳанг наомада, фақат дар қафои нусха бо хати марди туркзабоне, ки молики нусхаи фарҳанги мазкур буда, исми Натанзӣ китобат шудааст. Шояд ин аз он ҷиҳат бошад, ки мазмуни дебочаи «Ал-Мирқот» бо мазмуни дебочаи «Дастур-ул-луғат»-и Натанзӣ қаробат доштааст [35]. Донишманди дигари эронӣ – Алӣ Ашрафи Содиқӣ низ дар таҳқиқоти худ бо номи «Баҳсе дар бораи фарҳанги арабӣ ба форсии «Ал-Мирқот» ва муаллифи он» [83, 18-31] исбот кардааст, ки муаллифи «Ал-Мирқот» Бадеъуззамони Натанзӣ нест ва онро муаллифе ношинос дар поёни а. VI/XII ва оғози а. VII/XIII тадвин намудааст.

Фарҳанги мазкур аз шумори фарҳангҳои мавзуӣ буда, дар 12 боб танзим шудааст. Боби аввали он «Дар бораи таркиби ҷисми инсон ва номҳои аъзои бадан» буда, ҳама калимаҳои вобаста ба ҷисми инсонро фаро мегирад. Бобҳои дигари «Мирқот» чунин унвон доранд: Боби дуюм: «Аснофи мардум», боби сеюм: «Доруҳо ва бемориҳо», боби чаҳорум: «Хӯрокиҳову ошомиданиҳо», боби панҷум: «Матоъҳову силоҳҳо ва рахту асбоби хона», боби шашум: «Он чӣ ба бар мекунанду мегустаронанд», боби ҳафтум: «Дар зикри ҳайвоноту парандагон ва ҳашарот», боби ҳаштум: «Дар зикри осмонҳо ва он чӣ ба он тааллуқ дорад», боби нуҳум: «Дар зикри замин ва он чӣ ба он тааллуқ дорад», боби даҳум: «Дар зикри наботот ва дарахтон», боби ёздаҳум: «Дар зикри биноҳову маконҳо» ва боби дувоздаҳум: «Дар зикри фаслҳои ҷудогонаву гуногун». Ҳар як боби «Ал-Мирқот» ба фаслҳои гуногун низ тақсим шудаанд [172]. Воҳидҳои луғавӣ дар фарҳанг бештар ба шакли танҳо муаррифӣ шуда, ибораҳое, ки як мафҳумро мефаҳмонанд, хеле кам ба назар мерасад. Тарҷумаи вожаҳо асосан бо як калима шарҳ шудааст. Масалан, «التّاجر – бозаргон, الحمّال – боркаш, الشّمار – мӯйтоб, الحبّال – расантоб» [172, 45].

«Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» – яке аз бузургтарин фарҳангҳои мавзуии дузабонаи садаи VI/XII мебошад. Он аз ҷониби Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳими Нишопурӣ, маъруф ба Абулфазли Майдонӣ (ваф.518/1124) таълиф шудааст. Фарҳанги мазкур фарогири беш аз 15000 воҳидҳои луғавии забони арабӣ аст, ки муаллиф ҳамаи онро бо муодили форсӣ зикр мекунад. «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» аз дебочаи муаллиф, 4 бахш ва 23 боб

иборат мебошад. Бобҳои он ба фаслҳо низ тақсим шудаанд. Дебочаи китоб бо ҳамду санои Худованд оғоз шуда, муаллиф фаслеро барои ҷамъҳои қиёсӣ ва дастурҳои он афзуда аст. Китоб бахшҳои зерин иборат аст:

-вожаҳои мазҳабӣ, шаръиёти исломӣ ва ғайриисломӣ (5 боб);

-ҳайвонҳо ва ҳайвониҳо (7 боб);

-осмониҳову ситорашиносӣ (5 боб);

-заминиҳо, монанди ҷуғрофиё (6 боб) [168, 5-6].

Абулфазли Майдонӣ дар поёни китоб соли таълифашро навиштааст, ки 497/1104 мебошад. Маҳз ҳамин сана дар нусхаҳои хаттии китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон таҳти №1479, нусхаи Башир Оғо (китобатшуда дар соли 679/1280), нусхаи Домод Иброҳим-Пошшо (навишташуда дар соли 651/1253) ва нусхаи Насирӣ (навишташуда дар соли 615/1218) зикр шудааст [68, 277].

Ба қавли А.Ҳоҷиев, воқеан, Абулфазли Майдонӣ яке аз фарҳангнигоронест, ки камбудиву норасоиҳои фарҳангнигорони пешинаро дар «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» бартараф карда, ҳам калимаҳои қуръониро ва ҳам вожаҳои ифодакунандаи инсон ва доираҳои гуногуни ҳаёти ӯро дар фарҳангаш бо тарҷумаҳои форсии он овардааст. Ин хусусият арзишу аҳаммияти фарҳангро ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани муаллиф афзуда, боиси нусхабардории зиёд аз ҷониби котибони даврони гуногун гаштааст [141, 38]. Аз китоби «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» имрӯз дар китобхонаҳову осорхонаҳо ва ганҷинаҳои ҷаҳонӣ нусхаҳои зиёде ба қайд омадааст, ки ин далели дорои арзиши бузург буданаш байни фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсиро дорад. Куҳантарин нусхае, ки имрӯз аз ин фарҳанг маъруф аст, нусхаи хаттии №5883-и китобхонаи миллии Париж мебошад, ки таърихи китобати он ба соли 528/1134 рост меояд [186, 16; 187, 616].

То имрӯз «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ борҳо дар кишварҳои хориҷа нашр гардида, перомуни он мақолаву таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидаанд, вале яке аз муҳаққиқони хубе, ки таҳқиқоти пурарзише дар мавриди фарҳанги мавриди назар ба анҷом расонидааст, А. Ҳоҷиев мебошад. Ӯ рисолаи номзадии хешро, ки таҳти роҳбарии профессор А.Л. Хромов бо номи

«Лексикографическое сочинения Абулфадла ал-Майдани «Ас-Сами фи-л-асами» соли 1988 дифоъ намуда буд [141]. Ҳамчунин соли 2020 аз ҷониби ҳамин муҳаққиқ фарҳанги мазкур дар Душанбе ба нашр расид [168].

«Муқаддимат-ул-адаб» яке аз охирин асарҳои таълифнамудаи Замахшарӣ аст. Ӯ онро пас аз «Ал-Кашшоф» ва «Рабиъ-ул-аброр» баъд аз бозгашт аз Макка ба зодгоҳаш бо хоҳиши Отсиз ибни Хоразмшоҳ – ҳокими Хоразм иншо намуда, ба ӯ ҳадя кардааст [161, 2; 73, 185].

Сохт ва мундариҷаи «Муқаддимат-ул-адаб» ба таври зайл аст: Танбеҳ барои хонанда аз муаллиф; Дебоча; 1. Номҳо (Ал-асмо); 2. Феълҳо (Ал-афъол); 3. Ҳарфҳо (Ал-ҳуруф); 4. Гардонидани номҳо (Сарфу-л-асмо); 5. Гардонидани феълҳо (Сарфу-л-афъол).

Қисмати аввал аз 98 боб иборат буда, тамоми ақсоми исмро фаро гирифтааст. Баҳраи дуюми китоб дар бораи афъол буда, аз 24 боб иборат аст, ки ҳамаи ақсоми феълро шомил буда, қисмати зиёди китобро фаро мегирад ва ҳовии феълҳои маълуму маҷҳул аст. Баҳраи сеюми китоб, ки дар мавзуи ҳарф аст, аз ҳашт фасл иборат мебошад.

Аз рӯйи таҳқиқоти Муҳаммад Ҳусайни Рӯҳонӣ «Муқаддимат-ул-адаб» беш аз панҷ ҳазор вожаи арабӣ ва беш аз ҳафт ҳазор калимаи форсӣ-тоҷикиро шомил аст [63, 311]. Азбаски мавзуи меҳварии рисолаи мо «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ аст, дар мавриди аҳаммияту арзиши фарҳанги мазкур дар таърихи фарҳангнигории фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ фасли алоҳидае ба нақша гирифта шудааст, ин ҷо бо зикри маълумоти мазкур кифоят мекунем.

«Тоҷ-ул-масодир» – аз фарҳангномаҳои дузабонаи арабӣ-форсии садаи VI/XII мебошад, ки аз ҷониби Аҳмад ибни Алӣ ибни Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Солеҳ маъруф ба «Байҳақӣ» тадвин гаштааст. «Тоҷ-ул-масодир» аз шумори фарҳангҳоест, ки дар он масдарҳои арабӣ гирдоварӣ ва ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Алинақии Мунзавӣ дар такя ба суханони Ибни Юсуф «Тоҷ-ул-масодир»-и Байҳақиро такмилаи «Ал-Масодир»-и Зӯзанӣ ҳисобида, гуфтааст: «...чун «Ал-Масодир»-и Зӯзанӣ кӯчак аст, Байҳақӣ вожаҳои бисёр ба даст оварда, бар он афзуда ва бе он ки номе аз Зӯзанӣ биёварад, китоби

ӯро такмил карда, китоби мустақил хондааст» [68, 282]. Ба қавли Мунзавӣ «Ал-Масодир»-и Зӯзанӣ шомили 5000 байт ва «Тоҷ-ул-масодир»-и Байҳақӣ бошад, фарогири 10000 байт аст [68, 282]. Чунонки дар сатрҳои боло гуфта шуд, ин ҳамон «Тоҷ-ул-масодир» аст, ки А. Ҳоҷиев дар такя ба суханони Ҳоҷӣ Халифа ва Асъад Талас аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳисобида буд. Аҳаммият ва арзиши фарҳанги мазкур дар он аст, ки ҳам Зӯзанӣ ва ҳам Байҳақӣ масдарҳои арабиро бо масдарҳои форсӣ тарҷума намудаанд, ки равиши хоса дар илми луғатнигорӣ ба шумор меравад.

Аз фарҳанги «Тоҷ-ул-масодир» 4 нусхаи хаттӣ шинохта мешавад, ки қадимтарини он соли 603/1207 китобат шуда, 3 нусха дар Эрон ва 1 нусха дар китобхонаи Мурод Муллои Туркия маҳфуз мебошад. «Тоҷ-ул-масодир» соли 1301 дар Бомбей бо хати Мирзо Муҳаммади Шерозӣ дар 2 ҷузъ дар ҳаҷми 229 саҳифа ба нашр расидааст.

«Тароҷим-ул-аоҷим» – аз фарҳангҳои луғоти қуръонии қарни VI/XII аст. Он аз ҷониби Муҳаммад ибни Абулқосим Баққолии Хоразмӣ таълиф шудааст. Фарҳанги мазкур дар таърихи фарҳангҳои дузабонаи муфрадоти қуръонӣ дуюмин фарҳангест, ки пас аз «Тарҷумон-ул-Қуръон»-и Зӯзанӣ тадвин шуда, аммо муаллиф онро ба акси тартиби сураҳои Қуръон, яъне аз сураи «Ан-Нос» то «Ал-Бақара» таълиф намудааст. Вале фарҳанги «Тарҷумон-ул-Қуръон»-и Зӯзанӣ бошад, ба тартиби анвои калимаҳо (исм, феъл, ҳарф) мураттаб гаштааст.

Аз «Тароҷим-ул-аоҷим» ду нусхаи хаттӣ шинохта шуда, ки яке таҳти №571 дар китобхонаи Малики ҶИЭ ва дигаре таҳти №4665 дар китобхонаи Аёсӯфия нигаҳдорӣ мешаванд. Мутаассифона, дар дебочаҳои нусхаҳои номбурда исми муаллиф зикр нагаштааст ва танҳо дар қафои нусхаи китобхонаи Малик аз тарафи шахси номаълум онро ба Абулмаолӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғазнавӣ нисбат додаанд [68, 286]. Вале мутобиқи навиштаи Исмоилпошшо, ки дар «Ҳадият-ул-орифин» аз ин шахс нақл карда, зимни муаррифии осори Ғазнавӣ номе аз «Тароҷим-ул-аоҷим» нарафтааст [21, 89]. Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки нусхаи дар китобхонаи Малик маҳфуз буда, нусхае аз фарҳанги мазкур, ки аз ҷониби Хоразмӣ тадвин шудааст, мебошад. Фарҳанги мазкур бо

ҳамду санои Худованд оғоз гардида, пас аз зикри унвони сураи «Ал-Фотиҳа» «Бисми-л-Лоҳ»-ро тарҷума намудааст. Масалан, «الاسم – ном; الله و اله – Худой; الحمد – сутудан... «Сурат-ун-Нос», قل - бигӯ (ту мард); القول – гуфтан» ва ғ. [68, 286].

Соли таълифи фарҳанг маълум нест, аммо нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Малик соли 668/1270 ва нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Аёсӯфия соли 713/1313 китобат шудаанд.

Фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ аз тарафи забоншиносону донишмандон ва луғатнависон дар тӯли таърихи забон ва адабиёти форсӣ хеле зиёд таълиф шудаанд. Дар ин таҳқиқоти кӯчак наметавон ҳамаи онҳоро муаррифӣ кард. Бинобар ин, дар зер танҳо номи чанд фарҳанги дузабонаи арабӣ-форсиро аз давраҳои гуногун ба таври намуна зикр менамоем:

Аз фарҳангҳое, ки пас аз садаи VI/XII таълиф шудаанд, «Ҷавомиъ-ул-байон» ва «Вуҷуҳ-ул-Қуръон»-и Ҳубайшии Тифлисӣ, «Зуҳрат-ул-адаб» ва «Нисоб-ус-сибён»-и Фароҳии Сиҷзӣ, «Таҷнис-ул-алфоз»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Силк-ул-ҷавоҳир»-и Ангурӣ, «Насиб-ул-ихвон»-и Мутаҳҳар, «Туҳфаи Алоӣ»-и Ибни Баввоб, «Туҳфат-ул-фақир», «Мусалласоти манзум»-и Бадеӣ, «Фатҳия»-и Абулфатҳи Ҳиҷозӣ, «Абвоб-ул-улум»-и Дарвеши Ҷомӣ, «Гавҳари манзум»-и Муҳаммад Алии Ҳиндӣ, «Мифтоҳ-ул-луғат»-и Муҳаммад Ҷаъфари Ланҷонӣ ва даҳҳо фарҳангномаҳои дигар низ ҳастанд, ки дар рушди фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ аҳаммияти хоса доранд.

1.2. Мероси илмии Замахшарӣ ва «Муқаддимат-ул-адаб»-и ӯ

Замахшарӣ аз олимони бузурги ислом, донишманди илми тафсир, суханвари мумтоз ва луғатнигори бузурги охири а. V/XI ва нимаи аввали а. VI/XII буда, дар ҳадису наҳв, калом ва балоғату адаб низ аз саромадони асрҳои мазкур ба шумор мерафт. Пиромуни рӯзгори донишманди мазкур дар сарчашмаҳо маълумоти кофӣ ба чашм намерасад, аммо никоти муҳимми ҳаёти ӯро метавон мутолиа кард. Исми пурраaш Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Умари Хоразмии Замахшарӣ буда, 22 рачаби соли 467 / 13 марти соли 1075 дар деҳаи Замахшари Хоразм дар хонаводаи форснажод қадам ба олами ҳастӣ ниҳод [82, 2688; 69, нуҳ]. Дар маъхазҳо куния ва лақаби ӯро Абулқосим ва Ҷоруллоҳ сабт кардаанд, ки, воқеан, бо ин номҳо машҳур гаштааст [68, 279; 18, 196; 21, 168-169]. Аз маълумоти сарчашмаҳо аён гашт, ки ӯ, нахуст, назди падараш касби илм намуда, пас аз он барои такмили илм ба Урганҷ рафт [73, 181]. Ӯ дар овони ҷавонӣ шуҳрати адабӣ пайдо карда буд, зеро нишонаи онро аз воқеаи вурудаш ба Бағдод ба истиқболаш баромадани Ҳаббатуллоҳ ибни Шаҷарии фақеҳ метавон пай бурд [36, 2688]. Вай барои илмомӯзиву донишандӯзӣ ба шаҳрҳои гуногун, ба монанди Исфаҳон, Рай, Нишопур, Димишқ, Марв, Бухоро, Бағдод, Макка ва ғ. сафар карда [73, 183], муддате дар Макка байни Мақоми Иброҳим ва чоҳи Замзам сукунат ихтиёр карда буд. Маҳз ҳамин сабаб шуд, ки дар ниҳоят лақаби «Ҷоруллоҳ»-ро ба худ касб кунад [21, 196]. Замахшарӣ ҳанафимазҳаб будааст ва аз ин ҷиҳат донишмандони ислом ӯро дар илми ҳадис ва тафсиру фиқҳ аз пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ зикр кардаанд [68, 279].

Замахшарӣ адабиёт, наҳв ва илмҳои мухталифи арабиро аз устодони замонаш Абулҳасан Алӣ ибни Музаффари Нишопурӣ ва Абумузар Маҳмуд ибни Ҷарири Исфаҳонӣ омӯхта, илми ҳадисро аз донишмандоне, чун Абумансур Насри Ҳорисӣ, Абусаъди Шаққонӣ ва уламои дигар аз худ намуд [24, 87; 35, 119; 36, 2688].

Донишмандон ва абармардони фунуни гуногуни ҷаҳони ислом ӯро бо авсофи гуногуну алқоби мухталиф, ба монанди «Ҷоруллоҳ», «Аломат-уз-замони», «Нассобат-ул-араби», «Восеъ-ул-илми», «Касир-ул-фазли», «Ғоят-уз-закои» ном бурдаанд [ниг.: 69, даҳ].

Ӯ шаби арафаи соли 538/1144 дар шаҳри Урганҷи Хоразм дар синни 71-солагӣ аз олам даргузашт [15, 178; 68, нуҳ; 36, 2689].

Чунонки ба назар расид, Замахшарӣ яке аз бузургтарин нависандагон ва олимони қарни худ буд, ки аз лиҳози камийяту кайфияти таълиф ва пуркорӣ дар замонаш ва пас аз худ низ кам назир дорад. Донишмандон нуфузи мактаби илмии ӯро дар густураи таърих бисёр фарох нишон дода, шахсиятҳоеро мисли Рашидуддини Ватвот, Алӣ ибни Исо, Абулмаҳосин Исмоил ибни Абдуллоҳи Тавилӣ ва ғ.-ро, ки аз нухбагони илму адаб ба шумор мераванд, ба мактаби адабии Замахшарӣ иртибот медиҳанд. Замахшарӣ осори зиёде дар мавзуоти гуногун таълиф намудааст. Баъзе муҳаққиқон теъдоди китобу рисолаҳои ӯро 50, бархеи дигар 44 адад баршумурдаанд [ниг.: 59, 537]. Дар китоби «Аз-Замахшарӣ – сиратуҳу, осоруҳу, мазҳабуҳу ан-наҳвиййи» ҳудуди 90 асари ӯ муаррифӣ шудааст [41, 27-96]. Муҳаққиқ М. Очилова бошад, дар таҳқиқоти хеш 80 асари Замахшариро бо дастабандии мавзуӣ зикр кардааст [ниг.: 135, 46-47].

Гуфтанист, ки тамоми осори Замахшарӣ ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Бино ба танаввуи анвои он асарҳои Замахшариро метавон ба ду дастаи бузург – осори диниву ахлоқӣ ва илмиву адабӣ ҷудо кард. Дар зайл кӯшиш мешавад, то муҳимтарини ин асарҳо ба таври мухтасар баррасӣ шаванд:

а) Осори диниву ахлоқӣ:

«Ал-Кашшоф» – аз бузургтарин ва маъруфтарин таълифоти Замахшарӣ дар тафсири Қуръони карим ба ҳисоб меравад. Муаллиф, тибқи нигориши Муҳаммад ибни Аҳмади Форсӣ онро ба Алӣ ибни Ҳамза ибни Ваҳҳос ном шогирди худ бахшида [34, 167], нигоришашро дар ҷивори Каъба соли 528/1134 ба поён расонидааст. Дар бисёре аз сарчашмаҳо номи Замахшариро маҳз ба туфайли «Ал-Кашшоф» зикр мекунанд: «Абулқосим Маҳмуд ибни Умар

Ҷоруллоҳи Замахшарӣ аз аҳли ҳамин деҳ аст ва ӯ марде буд фозил ва олим. Тафсири «Ал-Кашшоф» аз мусаннафоти ӯст» [25, 505].

Масъалаи тасҳеҳи китоби Замахшарӣ ҳанӯз аз а. XIII дар мадди назари уламо будааст. Чунончи, Ҷунайд ибни Маҳмуди Шерозӣ – соҳиби тазкираи «Ҳазор мазор» гуфтааст, ки Мавлоно Ҳаким Нуруддин Абдулқодири Тӯсӣ, мулаққаб ба Устод-ул-башар «чанд сол тасҳеҳи кутуб мекард, мисли «Ал-Кашшоф», ки асли нусхаҳои Шероз аз асли нусхаи ӯст» [188, 418]. Китоби мазкур дар Қоҳира (с. 1307 ва 1343 дар ду муҷаллад ва 1373 дар чаҳор муҷаллад), Байрут (бидуни сол), Теҳрон (интишороти Офтоб, бидуни сол) ва амсоли ин ба нашр расидааст.

Шуҳрати «Ал-Кашшоф» ба ҳадде буда, ки шуруъ аз замони рӯйи кор омадан ба он ҳошияҳои зиёде ҳам навишта шудааст. Ин ҳошияҳо ба қалами Садруддин Муҳаммади Шерозӣ [189, 797], Ҷамолуддини Ардабилӣ [80, 312], Аҳмад ибни Муҳаммад Ал-Хуҷандӣ Ал-Маккӣ Ал-Ҳанафӣ [29, 153], Тоҷуддин Абунаср Абдулваҳҳоб [30, 283], Камолуддин ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Бобур [30, 391], Сироҷуддин Абуҳафс Умар ибни Абдурраҳмони Қазвинӣ [188, 129] ва дигарон тааллуқ дорад. Инчунин, Қозӣ Абдулкарим ибни Абдулҷаббори Ҳанафӣ [20, 39], Абдулазиз ибни Ал-Адим [21, 499], Муҳиббуддин Абулвалид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Шаҳна [22, 161], Мирсаййид Алии Шарифро [82, 219] ҳамчун шореҳи китоби мазкур ёд кардаанд.

Китоб борҳо аз ҷониби уламои мутафовит, аз ҷумла Юсуф ибни Мӯсо машҳур ба Ҷамол-ул-Малатӣ [22, 134], Носируддин Аҳмади Моликӣ [22, 417], Шайх Садруддин Муҳаммади Кортонӣ [188, 102] ба шакли ихтисор ҳам даромадааст. Дар баробари ин, муфассирони зиёде дар пайравӣ аз Замахшарӣ қадам бардоштаву кори ӯро аз ҳар ҷиҳат такмил низ намудаанд. Дар бархе сарчашмаҳо дида мешавад, ки муҳаққиқон бар ин никот ишораҳои сареҳ доранд. Масалан, Фасоӣ менигорад, ки Қозӣ Байзовӣ, ки аз уламои машҳури садаи Темур будааст, «шуруъ ба навиштани тафсире, ки акнун ба «Тафсири Қозӣ Байзовӣ» машҳур аст, намуд ва ин тафсирро аз тафсири «Ал-Кашшоф»-и

Аллома Замахшарӣ ахз фармуда, дар ҳар ҷо ғалате ёфт, ислоҳ намуд ва ҳар ҷо итнобе дид, эъҷоз намуд» [33, 41]. Тафсири мазкур ба муаллифи он шуҳрати бемисл овард ва то андозае маъруфият пайдо намуд, ки бештарини муфассирон аз ошноӣ бо мазомини он фахр мекарданд.

Аз дигар осори диниву ахлоқии Замахшарӣ «Навобиғ-ул-калим» ё «Ал-Калим-ун-навобиғ» мебошад. Он рисолаи кӯчак буда, ки муаллиф дар он вожаҳову иборот ва суханони баргузидаро, ки дар ваъз истифода мешуд, ҷамъоварӣ кардааст. Ин гуфторҳо «من يرغب فى آداب السَّنِيَّة» (Касе дар одоби суннат рағбат нишон медиҳад), «الاب اعرف و اشرف والام ارعم» (Падар донандатару шарафмандтар аст ва модар бевае беш нест),

«اي مال عديت زكاته ذرت» (Ҳар моле, ки закоташ шуморида шавад, тағйир ёбад/ кам шавад) ва ғ. мебошанд [ниг.: 12, 2-40]. Китоб, бо вуҷуди кӯчак будан ва нисбат ба «Ал-Кашшоф» ё «Рабеъ-ул-аброр» иштиҳори камтар доштан, шуҳратманд буд, зеро ки ба ишораи Забеҳуллоҳ Сафо шахсе бо номи Муҳаммади Шатранҷӣ дар замони худи муаллиф ба он шарҳе нигоштааст [81, 636]. Рисола дар соли 1871 бо тарҷумаи фаронсавии матн дар Порис бо ибтикор ва тарҷумаи Б. де Майнор низ интишор ёфтааст.

«Атвоқ-уз-заҳаб» низ аз рисолаҳои пандуахлоқӣ буда, аз муқаддима, сад мақола (гуфтор) ва хотима иборат аст. Чунонки муаллиф дар хотимаи китоб гуфтааст, исми аслии китоб «Насоиҳ-ус-сиғор» буда, пас аз хотима номи онро «Атвоқ-уз-заҳаб», яъне ба маънии «Ҳалқаи заррин» ва ё «Гарданбанди заррин» иваз намудааст [6, 36]. Дар китоби «Осори Аҷам» ишора шуда, ки Виқори Шерозӣ онро бапуррагӣ ба форсӣ тарҷума кардааст [28, 567]. Шарафуддини Шафарва, ки аз шуарои маъруфи форсизабони а. Замахшарист, китобе бо номи «Атвоқ-уз-заҳаб» дар равиши китоби «Атвоқ-уз-заҳаб» таълиф карда буд [177, 321]. Шуҳрати ин китоб то рӯзгори мо низ барҷост. Он яке аз аввалин китобҳои Замахшарӣ ба ҳисоб меравад, ки дар Аврупо тарҷума ва нашр шудааст. Чунончи, соли 1835 бо тарҷумаи олмонии Вон Ҳаммер дар Вена, соли 1867 бо тарҷумаи фаронсавии Б. де Майнор дар Порис, соли 1277 бо тарҷумаи туркии Мирзо Юсуфи Эътисомулмулк бо номи «Қалоид-ул-адаб фӣ шарҳи «Атвоқ-из-

заҳаб» рӯйи чопро дидааст. Соли 1981 тарҷумаи русии он аз ҷониби М. Оқилов анҷом ёфтаву соли 2012 ин тарҷума интишор гардидааст [74]. Боиси таъкид аст, ки мавсуф дар заминаи ин китоби Замахшарӣ таҳқиқи алоҳида низ ба анҷом расонидааст [ниг.: 133]. Инчунин, соли 1319 дар Табрез ва соли 1321 дар Қоҳира ба зевари табъ ороста шуда буд.

«Рабеъ-ул-аброр» дар даврони камолоти илмии Замахшарӣ ба забони арабӣ таълиф шудааст, зеро аз муқаддимаи муаллиф маълум мешавад, ки ӯ ин асарро пас аз «Ал-Кашшоф»-и хеш (соли итмомаш 528/1133) ба қалам овардааст. Чунончи: «Ин китобест, ки тасмим гирифтам, то бо он хотири нозирон бар «Ал-Кашшоф» оромиш биёбад ва дилҳои хасташуда дар такопӯи дастёбӣ бар нуктаҳои пӯшидаи он роҳату фароғат бипазирад» [13, 19]. Муаллиф дар таълифи «Рабеъ-ул-аброр» хулосаи баргузидаи дар тӯли ҳаёт омӯхтаҳои худро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро бо танзими хоса дар бобҳои алоҳида ҷой додааст. «Рабеъ-ул-аброр» аз муқаддима ва 98 боб иборат аст. Замахшарӣ кӯшида, то каломашро бо аҳодиси набавӣ, ахбору ақволи саҳобагону тобеин, гуфтору ривоёти порсоёну ҳакимони арабу форс, қиссаву ривоёти дилпазир аз рӯзгори паёмбарон, подшоҳон, амирон, халифагон, волиён, шоирон, муғанниён ва ашъори муносиб бо мавзуъ таъсирбахшу дилчаспу рӯҳнавоз гардонад. Ба гуфтаи устод Ф. Насриддинов «Рабеъ-ул-аброр»-ро бояд чун «…донишномаи адабиву таърихӣ ва ахлоқиву ирфонӣ ба ҳисоб овард» [71, 134]. Ин асар аз шумори осорест, ки ба ҷуз мавзуоти панду ахлоқӣ ва мавъизаву насиҳат шомили таъриху адаб низ ҳаст. Азбаски бештар тамоюли ахлоқӣ дорад, ба ин дастаи осори Замахшарӣ шомил шуд.

Дар китоби Камол Ал-Ҷабрӣ омадааст, ки худи Замахшарӣ онро мунтахаб кардаву бо номи «Ал-Мухтор» дар байни осори худ ҷо додааст [41, 105]. Дар «Феҳриствора» ҳам дар зайли китоби «Насим-ур-рабеъ» омадааст: «Мансуб ба Қивомуддин, гузидае аз «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ» [13, 487]. Он дар соли 1976 дар Бағдод бо таҳқиқи Салим Наимӣ, соли 1369 дар Қум ва боз дар ҳамин ҷо соли 1410 ба нашр расидааст.

«Ал-Фоиқу фӣ ғариб-ил-ҳадиси» асари дигари Замахшарӣ буда, муаллиф онро соли 516/1122 таълиф намудааст [59, 537; 36, 2691]. «Ал-Фоиқ» аз муқаддима, матни асар ва хотима иборат буда, дар муқаддима муаллиф пас аз ҳамду санои Худованд ба мақому хусусиятҳои забони арабӣ ва сабаби таълифи асар пардохтааст [161, 11-12]. Матни «Ал-Фоиқу фӣ ғариб-ил-ҳадиси» иборат аз калимаҳои душворфаҳму номаълум аст, ки аз аҳодиси набавӣ истихроҷ ва аз ҷониби муаллиф шарҳу тафсир шудаанд. Калимаҳо мутобиқи тартиби алифбоии ҳарфҳои арабӣ дастабандӣ шуда, зери ҳар ҳарф муаллиф калимаҳоро ба теъдоди ҳуруфи алифбо ба бобҳо тақсим намуда, овардааст. Бобҳо бар асоси ҳарфи «айну-л-феъл» мураттаб шудаанд [161, ҷ.1, 13-451; ҷ.2, 2-447; ҷ.3, 3-425]. Масалан, зери ҳарфи «Ҳамза» бобҳои «Ҳамза маъа-л-бо», «Ҳамза маъа-т-то», «Ҳамза маъа-с-со» ва ғ. [161, 13-20]. Аз сабаби он ки китоб дар шарҳи калимаҳои ғариби аҳодиси набавӣ аст, метавон онро як фарҳанги ривоятӣ унвон кард. Муаллиф бо судҷӯӣ аз осори гузаштагони худ ва истифода аз оёту ашъор ва ривоёт онро таълиф намуд. Китоби мазкур дар Ҳайдаробод соли 1364, дар Қоҳира соли 1366 ва дар Лубнон соли 1391 нашр шудааст.

«Китоб-ул-мақомот» рисолаи хурди ахлоқӣ ва дар мавзуи ваъз буда, соли 512/1118 таълиф шудааст. «Ал-Мақомот» бо номи «Насоеҳ-ул-кубро» низ шуҳрат дорад. Дар «Хутбат-ул-китоб» ҳамду санои Худованди оламиён ва сабаби таълифи китоб ҷой дорад [8, 2-3]. Ҳамчунин 50 мақома, амсоли «Мақомат-ул-марошиди», «Мақомат-ут-тақво», «Мақомат-ур-ризвон», «Мақомат-ул-иръивоъ», «Мақомат-уз-зод», «Мақомат-уз-зуҳд», «Мақомат-ул-инобат», «Мақомат-ул-ҳазар», «Мақомат-ул-эътибор» ва ғайра [8, 3-42], ки дар он муаллиф нафси худро насиҳату панд додааст, низ дида мешавад. Ин усули баёни муаллиф як навъ усули ҳунарӣ буда, ӯ бо панд додани нафси худ хостааст мухотабаш, яъне хонандаро зери таъсир гузорад.

Он соли 1312/1894 дар Миср нашр шуда буд. Ба ишораи муҳаққиқон нахустин шарҳи онро худи Замахшарӣ ба қалам овардааст: «Шарҳу Мақомоти-з-Замахшарӣ ва ҳува шарҳун қома биҳи Аз-Замахшарӣ бинафсиҳи баъда ан фараға мин таълифи Мақомотиҳи…» [41, 99]. Яъне, аввалин шарҳи «Мақомот»-

и Замахшарӣ онест, ки худи ӯ ба навиштанаш баъди итмоми китоб қиём карда, мебошад.

Чунонки дар боло қайд шуд, Замахшарӣ беш аз 90 асари илмиву адабӣ ва диниву ахлоқиро аз худ ба мерос гузошта, ки дар ин таҳқиқоти кӯчак наметавон ҳамаи онро муаррифӣ кард. Аз ин лиҳоз, исми чанд асари дигари донишманду забоншиноси мазкурро, ки ба гурӯҳи осори диниву ахлоқӣ дохил мешаванд, дар зер зикр менамоем. Ногуфта намонад, ки бештари онҳо то ҳол мавриди таҳқиқоти забоншиносону адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ қарор нагирифтаанд ва бешак дар китобхонаву мадрасаҳои ҷаҳонӣ ва марказҳои нусхаҳои хаттӣ нигаҳдорӣ мешаванд, аз ин рӯ баррасии ҷудогонаи ҳар яки он берун аз тавони омӯзиши як муҳаққиқ мебошад. Ба ин даста асарҳои «Нукат-ул-иъроби фӣ ғариб-ил-иъроби» (Фӣ ғариби иъроб-ил-Қуръон), «Асмоъ-ур-рувот», «Мухтасар-ул-мувофақати байна аҳли-л-байти ва-с-саҳобати», «Рисолат-ун-носиҳа», «Ар-Роизу фи-л-фароизи», «Ал-Минҳоҷу фи-л-усули», «Золат-ун-ношиди», «Равҳ-ул-масоили», «Таслийат-уз-зарири», «Рисолат-ул-асрори», «Шақоиқ-ун-нуъмон фӣ ҳақоиқи-н-Нуъмони» (Маноқиби Имом Абуҳанифа), «Шофий-ул-иййи мин каломи-ш-Шофиъӣ», «Насоеҳ-ус-сиғор», «Масъалатун фӣ калимати-ш-шаҳодати» ва ғ. дохил мешаванд [15, 178; 36, 2691; 41, 27-94].

б) Осори илмиву адабӣ:

«Китоб-ул-ҷиболи ва-л-амкина ва-л-миёҳ» асари ҷуғрофии Замахшарист, ки бо номи «Асмоъ-ул-адвийати ва-л-ҷибол» низ машҳур аст. Асари мазкур рисолае дар шинохти асомии кӯҳҳову чоҳҳои об ва рӯдхонаҳост, ки муаллиф дар бораи таърих ва исми ин мавзеъҳо маълумоти мухтасар додааст [89]. Замахшарӣ дар ин асар аз Алӣ ибни Ҳамза ибни Ваҳҳос беш аз 22 мавзеъ ва аз «Ҷазират-ул-араб»-и Асмаъӣ бошад, дар бораи 64 мавзеъ маълумот овардааст [193]. Аммо Броккелман асари мазкурро аз зумраи фарҳангҳои ҷуғрофӣ шуморида буд [46, 231]. Ҳар каси пас аз Замахшарӣ ба таълифи китобҳои ҷуғрофӣ дастзада, аз он истифода кардааст. Махсусан, машҳуртарин китоби ин соҳа – «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавиро бояд ёд кунем, ки наздик ба 50

маротиба аз Замахшарӣ иқтибос меорад. «Китоб-ул-ҷиболи ва-л-амкина ва-л-миёҳ» борҳо рӯйи чопро дидааст. Бори аввал бо муқаддима ва тарҷумаи С. де Грайв соли 1856 дар Лейдан ба нашр расида буд. Ин нашр дубора соли 1885 дар ҳамон ҷо ба силки табъ даромад. Соли 1357 дар Наҷаф ва дар Миср ҳам (бидуни сол) ва ахиран дар Наҷаф аз тарафи Муҳаммад Содиқ Оли Баҳрулулум дар ҳаҷми 160 саҳифа ба нашр расида буд.

«Ал-Муфассал» машҳуртарин китоби наҳвии Замахшарӣ буда, аз арзишмандтарин манобеъ дар илми наҳв ба шумор меравад. Замахшарӣ дар ин асари илмӣ назарияҳои худро бо овардани мисолҳо дар бораи наҳви забони арабӣ, ки меҳвари онро исму феъл ва ҳарф ташкил медиҳад, зикр карда, китобро ба чаҳор қисм тақсим намудааст: «Ал-қисму-л-аввалу мина-л-китоби фи-л-асмои» [10, 5-108], «Ал-қисму-с-сонийу фи-л-афъоли» [10, 108-130], «Ал-қисму-с-солису фи-л-ҳуруфи» [10, 131-157] ва «Ал-қисму-р-робиу фи-л-муштараки»[1] [10, 159-197]. Бо сабаби аҳаммияти фаровон доштани китоби мазкур дар илми наҳв аз ҷониби донишмандони зиёди а. миёна ба он шарҳҳо нигошта шудааст. Маъруфтарини онҳо «Шарҳ-ул-муфассал»-и Муваффаққуддин ибни Яъиш (553/1158-643/1245), шарҳи Хоразмӣ (555/1160-617/1220) бо номи «Ат-Тахмир», шарҳи Ибни Ҳоҷиб (570/1175-646/1248) бо номи «Ал-Ийзоҳ», «Шарҳ-ул-муфассал»-и Кошӣ (охирҳои а. VII/XIII ва нимаи аввали а. VIII/XIV) ҳастанд. Ҳамчунин Абулбақои Акбарӣ, Имом Фахри Розӣ, Абулаббоси Мақдисӣ, Абулаббос Аҳмад ибни Абубакри Ховаронӣ (шарҳи сегона), Садрулафозили Хоразмӣ [81, 322-323] ва Қосим ибни Ҳусайн ибни Муҳаммади Хоразмӣ аз ҷумлаи шореҳони китоб маҳсуб мешаванд [ниг.: 28, 12]. Он дар соли 1191/1777 дар Искандария чоп шудааст.

«Ан-Намузаҷ» аслан рисолаи алоҳидаро мемонад, вале мухтасари китоби «Муфассал» мебошад. Онро худи муаллиф тартиб додааст. Муаллиф дар он аз калима, ки иборат аз исм, феъл ва ё ҳарф аст, бо зикри қоидаҳои наҳвӣ ва сабти мисолҳои марбут ба он ҳарф задааст. Китоб муқаддима ва ё пешгуфтор надорад

[1] Яъне, қисмати аввал аз китоб: Дар боби исм, қисмати сонӣ: Дар боби феъл, қисмати сеюм: Дар боби ҳарф ва қисмати чаҳорум: Дар боби ҳиссаҳои муштараки нутқ.

ва аз се боб – «Бобу-л-исми», «Бобу-л-феъли» ва «Бобу-л-ҳарфи» таркиб ёфтааст. «Бобу-л-исми» шомили мавзуоти «Исму-л-ҷинси», «Ал-Алам», «Ал-Муъарраб», «Ал-Иъроб», «Ал-Мамнуъу мина-с-сарфи», «Ал-Марфуъот», «Ал-Фоъил», «Ал-Мубтадаъу ва-л-хабару», «Исму кона», «Хабару инна», «Ал-Мансубот», «Ал-Маҷрурот», «Ал-Мафъулу-л-мутлақ», «Ал-Мафъулу биҳи» ва «Бобу-л-феъли» бошад, мавзуоти «Ал-Мозӣ», «Ал-Музориъ», «Ал-Амр»-ро дар бар мегирад. «Бобу-л-ҳарфи» аз «Ҳуруфу-л-изофати» то «ҳуруфу-л-муаккада» ва «ҳоу-с-сакат», ки ҳамчун муҳимтарин қоидаҳои грамматикии забони арабӣ барои таркиби ҷумлаву ибороти саҳеҳ лозиманд, бо сабти мисолҳо фаро гирифтааст [56, 14-33]. Ба ин китоб шарҳҳои зиёде навишта шудааст, ки шарҳи Шайх Абдулғании Ардабилӣ машҳуртарини он мебошад [28, 177]. Ҳамчунин дар Аврупо ҳанӯз соли 1859 бо ибтикори П. Брош (Олмон) матни китоб ва соли 1879 ҳамроҳ бо тарҷумаи олмонӣ матбуъ шуда буд.

«Асос-ул-балоғат» ҷанбаҳои адабӣ, эъҷози балоғӣ ва луғавии Қуръонро фаро мегирад. Китоб аз муқаддима ва матни асар иборат буда, равиши мутадовили алифбоии луғатномаҳои арабиро дорад. Он бо таваҷҷуҳ ба ҳуруфи аслии калима мураттаб шудааст. Дар зери ҳар решаи сеҳарфа муштаққоти онро овардааст [ниг.: 54, 18-20]. Фарқияти асари мазкур аз тартиби луғатномаҳои арабӣ дар он аст, ки муаллиф ба ҷои ҳарфи «ҳо» «вов»-ро муқаддам меорад, ки ин хоси луғатнигории форсӣ мебошад. Дар муқаддима муаллиф баъд аз ҳамду санои Худованд ва салавот бар Пайғамбар (с) ба зикри сабаби таълифи китоб ва хусусиятҳои он пардохтааст [54, 15-16]. Китоб соли 1341/1923 дар Миср (дар ду ҷилд) ва дар Байрут (бидуни сабти таърих) ба табъ расидааст.

«Ал-Мустақсо» китобе дар мавзуи амсоли араб мебошад, ки аз ҷониби Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ таълиф шудааст. Китоб аз муқаддима ва матни асар иборат аст. Тибқи анъана дар муқаддима ҳамду санои Худо ва наъти Расул ва сабаби таълифи китоб ҷой дорад [9, 1]. Матни китоб мувофиқи тартиби алифбои арабӣ дастабандӣ шудааст. Муаллиф пас аз зикри масалҳо роҳҳои истифодаи онро бо овардани ҳикоёту воқеоти ҷолиб аз рӯзгори арабҳо нишон медиҳад. Ҳамчунин дар асари мазкур илова бар ҷамъоварии масалҳо ба

масъалаҳои забонии онҳо низ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, баъзе назариёти наҳвии муаллиф дар асоси қиссаву достонҳои марбут ба он зикр шудаанд [9, 1-452]. Китоб дар соли 1962 ва 1381ш./2002м. дар Ҳайдарободи Дакан интишор ёфтааст.

Осори дигари илмиву адабии Замахшарӣ «Нузҳат-ул-мустаънас», «Рисолат-ул-масъама», «Муъҷам-ул-ҳудуд», «Китобу ақл-ил-кулли», «Самим-ул-арабиййати», «Ал-Амолӣ фи-н-наҳви», «Ҷавоҳир-ул-луғати», «Китоб-ул-аҷноси», «Китоб-ул-асмои фӣ-л-луғати», «Ал-Қистосу фӣ-л-арузи», «Саовир-ул-амсол», «Ҳошиятун ала-л-«Муфассали», «Руҳ-ул-масоили», «Аъҷаб-ул-аҷаби шарҳу ломияти-л-араби», «Дивон-ут-тамсили», «Ал-Мунтахабу ман золаҳу Ношид», «Дивону расоилин», «Ал-Муфраду ва-л-мураккаб фӣ-л-лугати-л-арабиййати», «Зубдат-ул-амсол», «Дивону шиърин», «Ал-Муштабеҳ», «Шарҳу «Китобу Сибавайҳ», «Самим-ул-арабиййати», «Ал-Муҳоҷоту фи-л-масоили-н-наҳвиййати» ва ғ. мебошанд [15, 178; 37, 2691: 41, 27-94].

Дар китоби «Аз-Замахшарӣ – сиратуҳу, осоруҳу, мазҳабуҳу-н-наҳвийй» чанд китобу рисолаҳои Замахшарӣ ном бурда шудааст, ки аз онҳо танҳо номе боқӣ мондаасту халос. Ба ин даста китобҳои «Насоеҳ-ул-мулук», «Калимот-ул-уламо» [41, 103], «Аз-Зиёдоту ала-л-Фусус» [41, 102], «Шарҳ-ул-мухтасари Ал-Қуддурӣ фӣ фуруъи-л-ҳанифати», Шарҳу абёти-л-Кашшофи» [41, 98], «Ар-Рисолат-ун-носиҳати» [41, 96] ва ғ. дохил мешавад. Муаллифи асари мазкур, ки дар шинохти осори Замахшарӣ ва таъйини мансубияти онҳо ба қалами ӯ кори шоистаи таъкидро ба сомон расонидааст, дақиқан аз кадом сарчашма гирифтани маълумоти худро роҷеъ ба осори мазкур ва чанд асари дигари ӯ оварда, зикр мекунад. Ин осор дар фаҳориси китобхонаҳои машҳур, ки ӯ дар ихтиёр дошта ва он ҳам аглаби китобхонаҳои дунёро фаро мегирад, пайдо нашудаанд. Аммо бархе муҳаққиқон қисмати алоҳидаи китобҳои Замахшариро низ китоби ҷудогона гумон кардаву ба таҳқиқи алоҳидаи он пардохтаанд ва мисоли чунин муҳаққиқон Н. Робакидзе мебошад [ниг.: 138, 7].

«Муқаддимат-ул-адаб» аз фарҳангҳои муҳимтарини дузабонаи арабӣ ба форсии а. XII мебошад. Аз сабаби он, ки мавзуи меҳварии рисола

«Муқаддимат-ул-адаб» аст, дар ин бахш танҳо дар бораи нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои он муфассалтар истода мегузарем.

Луғати «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ дар олами луғатнигории форсӣ ва арабӣ аз мақоми вижае бархурдор аст. То кунун он дар шаклу ҳаҷмҳои мухталиф ва аз ҷониби донишмандони мутафовит нашр шуда бошад ҳам, муаррифии нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои он, барои дар шинохти мақому манзалат ва аҳаммияти асари мазбур муҳим дониста мешавад.

Нусхаҳои хаттии нодиру муътабари «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ имрӯз дар китобхонаҳои гуногуни ватаниву хориҷа нигаҳдорӣ мешавад. Дар феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаву ганҷинаҳои маъруфи ҷаҳон дар бораи теъдоде аз нусхаҳои хаттии асари мазкур маълумот дода шудааст, ки дар мавриди нусхашиносии «Муқаддимат-ул-адаб» як андоза корро осон мекунад. Имрӯз аз ҷониби донишмандони хориҷӣ «Муқаддимат-ул-адаб» бар асоси теъдоде аз нусхаҳои хаттӣ ба нашр ҳам расидааст. «Муқаддимат-ул-адаб» яке аз бузургтарин фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ (аз ҷиҳати вусъату дақиқияти мавзуъ) дар таърихи фарҳангнигорӣ ба ҳисоб меравад, ки Замахшарӣ онро дар даврони камолоти илмиаш таълиф намудааст.

Нусхаҳои китоб дар китобхонаҳои кишварҳои Эрону Россия, Олмону ИМА, Ҳиндустону Покистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ғ. чун ганҷинаи бебаҳои ниёгони мо маҳфуз мондааст. Нусхаи қадимтарини китобхонаи Санкт-Петербургро нусхаи «Муқаддимат-ул-адаб» ташкил медиҳад, ки 1276–ум сол китобат шудааст. Ё ин ки метавон нусхаи хаттии №344-и китобхонаи Донишгоҳи Лейпсикро (соли 867 / 1462) низ зикр кард. Қисмати феъли нусхаи мазкур бошад, аз баргаи 60б бо «Бобу фаъала йафъилу» оғоз шуда, то баргаи 200а бо «Бобу-л-афъоли ғайри-л-мутасаррифати» ба анҷом мерасад, ки ин қисмати фарҳанг соли 1059/1649, пас аз 92 соли китобати қисмати исм ба қалам омадааст [162, 200а]. Нусхаи №4283 шомили матни 3 фарҳанг буда, матни «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ аз баргаи 94 то 133 иборат аз муқаддимаи муаллиф ва бахши «Фӣ-л-асмои» буда, як қисмати фарҳанги мазкурро фаро мегирад. Он дорои тарҷима аст ва соли китобати нусха дар он соли 866/1462

нишон дода шудааст [187, 23]. Нусхаи хаттии №4289-и Китобхонаи миллии Фаронса ҷилди расмисохти картонии равғании сиёҳ дорад ва хеле фарсуда шудааст. Андозаи нусха 16,5х12 см аст [187, 33]. Нусха дорои 120 барга буда, як барга 6 сатр матн дорад. Котиб ва соли китобати нусха муайян карда нашуд. Аз оғозу анҷоми нусха осори таъмир ба назар мерасад. Нусхаи хаттии 4292 шомили 49 барга буда, андозааш 18х13 см аст ва дар ҳар як барга 7 сатрӣ матни «Муқаддимат-ул-адаб» китобат шудааст. Дар нусхаи мазкур танҳо муқаддимаи муаллиф ва бахши «Фи-л-асмои» китобат шудааст, ки он низ комил нест [187, 37]. Нусхаи хаттии PPN1687677832 дар Китобхонаи давлатии Берлин нигаҳдорӣ мешавад. Яке аз нусхаҳои комили «Муқаддимат-ул-адаб»-и Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ муаррифӣ шудааст, аммо аслан нусхаи «Ақс-ал-араб фӣ тарҷамати Муқаддимат-ил-адаб» мебошад, зеро вариантҳои туркии тарҷумаи моддаҳои луғавиро низ дорад. Он дорои 196 барга буда, дар ҳар як саҳифаи қисмати исму феъл 9 сатрӣ ва қисмати ҳарф, тасрифи исм ва феъл бошад, 17 сатрӣ китобат шудааст. Навъи хаташ насх аст. Номи бобу фаслҳои фарҳанг гоҳе бо ранги сурху гоҳе бо ранги сиёҳи баланд инъикос гардида, аз ҷониби Убайдуллоҳ ном котибе рӯзи душанбеи 4-уми сафари соли 682 / 4-уми майи соли 1283 китобат шудааст. Яке аз нусхаҳои мукаммали «Муқаддимат-ул-адаб» ба шумор меравад, ки шомили матни 5 қисмати фарҳанги мазкур мебошад. Чунончи, он аз «Қисму-л-асмои» [161, 4а-38а; 151, 46а-47б; 162, 79а-90б], «Қисму-с-сонӣ мина-л-афъоли» [161, 38б-45б; 162, 48а-78б; 163, 91а-179а] «Фаслун фӣ-л-ҳуруфи» [161, 179б-180б], «Фӣ тасрифи-л-асмои» [161, 180б-184б], «Фӣ тасрифи-л-афъоли» [161, 185а-196а] иборат аст. Нусхаи хаттии №2098/9 дар Ганҷинаи дастхатҳои шарқии АМИТ нигаҳдорӣ шуда, зоҳиран маҷмӯаест, ки шомили чанд асар мебошад. Андозааш 22,5х15 см буда, матн бо хати насх ва настаълиқ рӯйи баргаҳои шарқии зардранг китобат шудааст [178, 100]. Танҳо дар 23 баргаи он қисмати исми фарҳанги мавриди таҳқиқ китобат шудааст ва аз нусхаҳои ноқис ба шумор меравад. Нусха соли 1017/1608 ба қалам омадааст, аммо мураттибони феҳрист ба иштибоҳ соли 1017-и ҳиҷрӣ-қамариро баробар ба соли 1664-и мелодӣ нишон додаанд [178, 100]. Нусхаи

хаттии №429 Китобхонаи Институти шарқшиносии АИ ҶӮ ба номи А. Берунӣ ҳам яке аз нусхаҳои қадимаи «Муқаддимат-ул-адаб» ба шумор меравад. Ба гуфтаи муаллифони «Феҳристи нусхаҳои хаттии Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон» ин нусха низ яке аз нусхаҳои мукаммали «Муқаддимат-ул-адаб» буда, ҳамаи 5 қисмати фарҳанг – «Фӣ-л-асмои», «Фӣ-л-афъоли», «Фӣ-л-ҳуруфи», «Фӣ тасрифи-л-асмои» ва «Фӣ тасрифи-л-афъоли» дар нусха мувофиқи тартиби грамматикӣ навишта шудааст [180, 188]. Андозааш 16х18,5 см буда, 376 барга дорад. Нусха соли 705/1305 навишта шудааст [180, 188]. Аз рӯйи нақши муҳрҳое, ки дар баъзе баргаҳои нусха ба чашм мерасад, он ба Муҳаммади Порсо (ваф. 822/1419) тааллуқ доштааст [180, 188]. Дар Китобхонаи Институти шарқшиносии АИ ҶӮ ба номи А. Берунӣ боз 3 нусхаи дигар аз «Муқаддимат-ул-адаб» таҳти №2699, №1301/2 ва №1497/3 нигаҳдорӣ мешавад, ки ҳар се ноқис мебошад [180, 188]. Нусхаи хаттии №2699 низ яке аз нусхаҳои қадимаи «Муқаддимат-ул-адаб» аст, вале дар асл тарҷумаи туркии китоби мазкур мебошад. Аз рӯйи хусусиятҳои китобатӣ ба а. XIV тааллуқ дорад. Аввалу охири нусха афтодааст. Нусха дорои 194 барга буда, андозааш 15х18 см мебошад [180, 189]. Нусхаи хаттии № 1301/2 низ аз нусхаҳои ноқис ба шумор меравад, ки дар он аз оғози қисмати исмҳо то охири «фаслу заррод» (бахши зиреҳсоз) матн китобат шудааст. Андозааш 15х22,5 см буда, матн дар коғази шарқии хокистарранг бо ранги сиёҳ дар ҳаҷми 16 барга аз баргаи 99б-то 114б бо чанд рисолаи дигар ҳамроҳ китобат шудааст. Тарҷумаи форсӣ-тоҷикии калимаҳо байни сатрҳо навишта шудааст. Ба гуфтаи муаллифони феҳрист, макони китобати нусха Хуросон буда, нусха ба а. XVI тааллуқ дорад [180, 189]. Нусхаи хаттии № 1497/3 низ нусхаи ноқис буда, дар он қисми исмҳо ва феълҳо китобат шудааст. Андозааш 16х25 см аст. Матн дар 141 барга навишта шудааст. Тарҷумаи форсии он аз нусхаҳои дигари дар китобхонаи мазкур нигаҳдоришаванда фарқ мекунад. Ин нусха низ бо дигар асару рисолаҳо ҳамроҳ китобат шудааст. Котиби нусха Абдурраҳмони Хоразмии Балхӣ буда, соли китобати он номаълум аст [180, 189]. Нусхаи хаттии №1174 дар Осорхонаи Британия нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур комил буда, ҳамаи 5 қисмати

фарҳангро дарбар мегирад. Андозааш 25,5х17,7 см аст. Он дорои 190 барга аст. Навъи хаташ насх ва дар ҳар як саҳифа 5 сатрӣ матн навишта шудааст. Дар ҷо-ҷои баргаҳои нусха тарҷумаи юнонии моддаҳои луғавӣ низ ба чашм мерасад. Нусха моҳи рачаби соли 864 / апрел-майи соли 1460 аз тарафи Аҳмад ибни Юсуф ибни Айзил ибни Иброҳим ибни Яъқуб ан-Нукайдӣ китобат шудааст [185, 505-506]. Нусхаи хаттии №1631 дар Китобхонаи миллии Фаронса нигаҳдорӣ мешавад. Андозаи нусха 30х31 см буда, дорои 150 барга мебошад. Ба гуфтаи феҳристнигори фаронсавӣ Эдгар Блошшет матни нусха бо нусхаҳои №4283, №4289 ва №4292, ки дар бахши китобҳои арабии китобхонаи мазкур нигаҳдорӣ мешаванд, ҳамсон мебошад. Аз гуфтаи Эдгар Блошшет маълум мешавад, ки нусхаи №1631 ноқис аст ва танҳо муқаддимаи муаллиф ва бахши «Фӣ-л-асмои»-ро шомил мебошад. Аммо нисбат ба нусхаҳои номбурда қадимтар менамояд, зеро зери ҳарфҳои «дол», «ро», «сод», «то» ва «фо» нуқта гузошта шудааст, ки аз хусусиятҳои нусханависии то а. XIV ба ҳисоб меравад [183, 174].

Дар Институти шарқшиносии АИ ФР низ як нусхаи хаттӣ аз «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ вуҷуд дорад, ки таҳти №291 нигаҳдорӣ мешавад ва дорои 80 барга будааст. Маълумоти мазкур дар «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Муассисаи ховаршиносии Фарҳангистони улуми Россия» таҳти №4192 зикр шудааст [179, 425]. Аммо дар мавриди андозаву сохти ҷилд, коғаз, навъи хат, соли китобат ва дигар хусусиятҳои нусха маълумот дода нашудааст.

Чунонки аз маълумоти сарчашмаҳо маълум аст, то кунун беш аз 50 нусхаи ин асар шинохта шудааст [190], аз ин шумор танҳо 20 нусха тибқи нигоштаи Камол Ҷабрии Абҳарӣ дар китобхонаи Сулаймонияи Туркия нигаҳдорӣ мешавад [41, 111]. Ҳамчунин нусхаҳои таҳти №3062 дар китобхонаи Лола Лӣ (бо номи «Қитъатун мин «Муқаддимат-ул-адаб»), №2665 ва 2663 дар китобхонаи Шоҳид Алӣ, №3810/к дар китобхонаи Ромпури Ҳиндустон ва даҳҳо нусхаи дигар то ҳол ба муомилаи илмӣ кашида нашудааанду мавриди таҳқиқи алоҳидаи олимон қарор нагирифтаанд. З.М. Исломов низ дар таҳқиқоти худ меорад, ки дар Институти шарқшиносии Тошканд таҳти №2669, №3807 ва

№1497/ЗП нусхаҳои ин асар нигаҳдорӣ мешаванд [41, 24]. Як муҳаққиқи дигари ӯзбекистонӣ Ф. Маҳмудов чанд сол пеш нусхаи дигари «Муқаддимат-ул-адаб»-ро кашф кард, ки барғалат дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон таҳти шумораи Пв-87 ба номи «Таърих-ул-масодир»-и Аҳмади Байҳақӣ сабт шудааст [188]. Дар баробари ин, албатта нусхаҳои дигари асари мазкур вуҷуд доранд, ки ҳанӯз муаррифӣ ҳам нашудаанд. Ин ҷо нуктаи дигари қобили таъкид он ки шояд мухаққиқони номбурда нусхаҳои хаттии «Ақс-ал-араби фӣ тарҷамати Муқаддимат-ил-адаб»-ро низ барғалат нусхаи «Муқаддимат-ул-адаб» ҳисоб карда бошанд. Мавзуи баҳси мо, ки нусхаҳову нашрҳои «Муқаддимат-ул-адаб» аст, пас аз нусхашиносии китоби мазкур дар мавриди нашрҳои он низ дар поён маълумот оварда мешавад. Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки дар муқаддимаи нашрҳое, ки мо дар даст дорем, дар бораи нусхаҳои хаттии «Муқаддимат-ул-адаб» маълумот дода нашудааст.

Бори аввал «Муқаддимат-ул-адаб»-ро И.Ҷ. Ветзштейн соли 1843 дар асоси нусхаҳои мухталифе, ки дар Аврупо ба даст омад, дар Лейпсики Олмон дар асоси 7 нусха бо феҳристи арабӣ-лотинӣ ба табъ расонид [68, 281]. Соли 1936 Николас Поппе намунаи арабӣ-форсӣ-муғулии «Муқаддимат-ул-адаб»-ро мунташир сохт [175]. Соли 1951 Закӣ Валидии Туғон нусхаи хаттии форсӣ-хоразмии дар Қуния бударо ба сурати чопи факсимиле интишор намуд, ки дар асоси он Ҳоҳаннес Бензинг муодили лотинӣ-олмониро афзуда, ба табъ расонид ва баъдан бар он муодили гӯиши хоразмиро феҳрист намуд [145]. Соли 1342/1963 аз тарафи Муҳаммад Козими Имом матни арабӣ бо муодили форсии калимот ва иборот бо номи «Пешрави адаб» дар ду муҷаллад ба нашр расид [160]. Соли 1967 қисмати ба мавзуи ҳайвонот дахлдоштаи «Муқаддимат-ул-адаб» аз тарафи шарқшиноси полшагӣ Ананаис Зайончовский дар шакли мақолаи муфассал бо тарҷумаи русӣ ва овардани чопи факсимилеи он дар Полша ба нашр расонида буд [122]. Соли 1988 аз тарафи Нурӣ Юҷа муодилҳои туркии шеваи хоразмӣ аз туркиву ӯзбекӣ бо таҳқиқ дар решашиносии луғот бар асоси нусхаи Шуштар ба табъ расид [174]. Соли 1998 китоби мазкур дар шаҳри Қоҳира аз ҷониби Муҳаммад Фавзии Алӣ ном муҳаққиқи турктабори араб низ

нашр шудааст, вале аз кайфияту камияти он маълумоте дар даст надорем. Соли 1387/2008 аз ҷониби Маҳдии Муҳаққиқ аз рӯйи нашри Лейпсик бо ҳазфи бахши туркӣ интишор ёфт [159]. Нашри охирони «Муқаддимат-ул-адаб» аз ҷониби Ҳусайн Муҳаммадзодаи Сиддиқ мебошад, ки муҳаққиқи номбурда худ ин хабарро дар сомонааш гузошта, муқаддимаро ҳам пеш аз чопи китоб дар он ҷо интишор додааст [ниг.: 190].

Дар умум бо истифода аз нусхаҳои дар ин таҳқиқ баррасишуда метавон нуқсону камбудии нашрҳои фарҳанги мазкурро комил кард ва бахусус, ду фасли охирини ин асарро, ки то имрӯз дар ягон нашри он дида намешавад, зеро «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ байни фарҳангномаҳову луғатномаҳои дузабона ва бисёрзабона аз аҳаммияту манзалати хоса бархурдор буда, муаллиф бо таълифи ин китоб хидмати назаррасе ба забоншиносии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ кардааст.

1.3. «Муқаддимат-ул-адаб» ва мақоми он дар рушди фарҳангнигорӣ

«Муқаддимат-ул-адаб» яке аз куҳантарин фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ пас аз «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ мебошад ва аз луғатномаҳои арзишмандест, ки тақрибан пас аз 70 соли фарҳанги «Дивону луғот-ит-турк»-и Маҳмуди Кошғарӣ таълиф шудааст. Яъне, агар «Дивону луғот-ит-турк» соли 466/1072 навишта шуда бошад, «Муқаддимат-ул-адаб» тақрибан соли 537/1143 иншо шудааст. Доктор Маҳдии Муҳаққиқ ақида дорад, ки «Муқаддимат-ул-адаб» дар пайравӣ аз ин фарҳанг иншо гардидааст [ниг.: 159, 180]. Ба назари мо, сабаби дар пайравии Кошғарӣ фарҳанги худро иншо кардани Замахшарӣ дар сохтори он аст. Ба ишораи Муҳаммади Дабирсиёқӣ Кошғарӣ китоби худро ба 8 қисмат ҷудо карда, ҳар қисматро «китоб» унвонгузорӣ намуда будааст:

كتاب الهمزة/ كتاب السالم/ كتاب المضاعف/ كتاب المثال/ كتاب ذوات الثلاثة/ كتاب ذوات الاربعة / كتاب الغنة/ و كتاب الجمع بين الساكنين

[ниг.: 167, шаш].

Аммо фарқ миёни китоби Кошғарӣ ва Замахшарӣ дар он аст, ки Кошғарӣ дар ҳар бахш аввал исмҳоро оварда, тарҷума ва ташреҳи онҳоро зикр кардааст ва сипас феълҳоро. Яъне, ҳар бахш қисмати исм ва феъл дорад, ки вобаста сарфу наҳви арабӣ аз рӯйи тартиби ҳуруф, яъне аввал сулосӣ (сеҳарфа–С.Н.), баъд рубоӣ (чорҳарфа–С.Н.) зикр ёфтаанд. Дар китоби Замахшарӣ бошад, бахши исму феъл комилан ҷудо ҷойгир шудаанд.

Замахшарӣ барои такмили илм ба Макка сафар намуда, солҳои тӯлонӣ ба ҷивори Каъба иқомат дошт ва «Муқаддимат-ул-адаб»-ро пас аз бозгашт аз сафари тӯлонии худ ва дар айни камолоти илмиаш дар зодгоҳи худ таълиф намуд. Ӯ «Муқаддимат-ул-адаб»-ро пас аз таълифи «Ал-Кашшоф» ва «Рабеъ-ул-аброр» бо хоҳиши Отсиз ибни Хоразмшоҳ – ҳокими Хоразм таълиф намуда, ба ӯ ҳадя кардааст [160, 2; 73, 185].

Ба назари мо, барои таъйин кардани мақоми як фарҳанг дар таърихи фарҳангнигории форсу тоҷик, ки таърихи дуру дароз ва ниҳоят пурбор дорад,

се омилро ба назар гирифтан лозим меояд. Яке он ки ин фарҳанг дар ҳолати дузабона будан, махсусан агар фарҳанги дузабонаи арабӣ-форсӣ (тоҷикӣ) бошад, дар ташаккули фарҳангнигории ин ду забон чӣ нақше дорад? Дигар он ки ба лексикографияи тоҷик, яъне фарҳангнависии тоҷикӣ чӣ аҳаммият дорад? Ва ниҳоят дар олами илму адаб ва дар бозкушоии маонии нофаҳмои матнҳои куҳан оё муҳим мебошад? Барои ҳаматарафа кушодани мақоми фарҳанги мазбур ва гумон мекунем, фарҳангҳои дигар ин нуктаҳо низ кӯмак хоҳад кард.

Нуктаи асосӣ дар мавриди афзунии аҳаммияти «Муқаддимат-ул-адаб» аз дигар фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ, амсоли «Ал-Булғату ал-мутарҷиму фӣ-л-луға»-и муаллифаш ношинохта, «Фарҳанг»-и мансуб ба Абулфазли Байҳақӣ, «Ал-Масодир»-и Зӯзанӣ, «Дастур-ул-луғот» ё «Китоб-ул-ихлос»-и Бадеъузамон Абдуллоҳ Ҳусайн ибни Иброҳим, «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазл Аҳмади Майдонӣ, «Ал-Асмо фӣ-л-асмо»-и Абусаъд Саид ибни Аҳмади Майдонӣ ва ғ. дар он аст, ки Замахшарӣ бо таълифи фарҳангаш марҳилаи наверо оғоз бахшидааст, ки фарҳангнигорони қабл аз ӯ ба он таваҷҷуҳ накардаанд. Ин ҳам бошад, ба қисматҳои исму феълу ҳарф ҷудо намудани фарҳанг ва қоидаҳои тасрифи феълу исм дар 2 бахши охири «Муқаддимат-ул-адаб» аст, ки дар фарҳангҳои пеш аз он дида намешавад. Аксари фарҳангҳои пеш аз Замахшарӣ, чунонки аз номашон ҳам маълум аст, ба шарҳи исму масдарҳо пардохта, доираи мавзуашон нисбат ба «Муқаддимат-ул-адаб», ки афъол ва ҳуруфро ҳам фаро гирифтааст, маҳдудтар мебошад. Яъне, дар баробари он ки фарҳанг арзиши лексикографӣ ва лексикологӣ дорад, он метавонад ба ҳайси дастуре аз сарфу наҳви забони арабӣ ва тарҷумаи форсӣ-тоҷикии он хидмат кунад. Ин нуктаҳо боиси иштиҳори бисёр пайдо кардани «Муқаддимат-ул-адаб» шудааст. Беҳуда ҳам шарқшинос А.Б. Халидов шуҳрати китобаи Замахшариро бо «Муқаддима»-и Ибни Халдун баробар намедонад [142, 148].

Зикри ин нукта ҳам ба маврид аст, ки агар бахши «Исм»-и «Муқаддимат-ул-адаб» ҳам бо фарҳангҳои дигар, дар мисоли «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфази Майдонӣ мавриди қиёс қарор гирад, бо вуҷуди камии теъдоди

воҳидҳои луғавии бахши мазкур, аҳаммияти худро бештар нишон медиҳад. Барои он ки Замахшарӣ ҳангоми таълифи «Муқаддимат-ул-адаб» дар бахши «Исм» пас аз зикри калима ва тарҷумаи форсии он на кам аз се муродиф, шакли ҷамъ ва вижагии истифодаи онро дар таркиби ибора нишон додааст, ки дар фарҳанги Абулфазли Майдонӣ дида намешавад.

Чунонки қаблан таъкид карда будем, аз рӯйи таҳқиқоти Ҳусайни Рӯҳонӣ «Муқаддимат-ул-адаб» беш аз панҷ ҳазор вожаи арабӣ ва беш аз ҳафт ҳазор калимаи форсӣ-тоҷикиро шомил аст [77, 311]. Ба гумони нигоранда, аз сабаби он ки теъдоди вожаҳои нусхаҳои хаттӣ гуногун аст, аксари ноширон теъдоди вожаҳоро дар ҳамаи забонҳо нишон надодаанд.

Интихоб ва шарҳи моддаҳои луғавӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» аз нигоҳи сатҳӣ нишон медиҳад, ки Замахшарӣ ба забону забоншиносӣ диққати хоса дорад. Ӯ вақти шарҳи вожаҳо дар баъзе ҳолатҳо бо овардани шоҳид барои таъкиди маъно аз оёти Қуръону аҳодиси набавӣ ва зарбулмасалу мақолҳо низ истифода мекунад, ки ин дар луғатнигорӣ аз умури маъмул ба ҳисоб меравад. Чунончи, ӯ аз ҷумлаҳои зиёде ҳам ба ҳайси мисол истихдом мекунад: «نَقَشَ الشَّيءَ – нигор кард чизеро. و نقش الشَّوكَة من رجلِهِ بالمنقاش – берун кард хор аз пояш ба хоркаш; берун кард хор аз пояш ба хорчин» [160, ҷ.2, 329].

Дар баъзе мавридҳо бошад, муаллиф бидуни овардани мисол ҳам бо зикри муродифоти форсии моддаи шарҳшаванда манзараи куллии истифодаи мафҳумро мефаҳмонад. Мисол:

«خمس بطنه – борик шуд шиками ӯ; борик шуд шикамаш аз гуруснагӣ; борик шуд миёни ӯ» [160, ҷ.2, 330].

Ҳамчунин хусусияти ба мавзуъҳо тақсим кардан ва дар зимни як мавзуъ гирд овардани ҳарчӣ маводи зиёдтар ва фарогиртар ин мақоми фарҳангро дар раванди фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-форсӣ бештар гардонидааст. Аз ҷумла, фарҳангҳои дузабонае, ки пас аз Замахшарӣ ба майдон омадаанд ва, ҳатто, аксарияти луғатномаҳои пеш аз ӯ, мисли «Китоб-ул-булға», «Ал-Мирқот», «Китоб-ул-масодир» ва «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» – ҳеҷ кадом шуҳрат ва маҳбубияти «Муқаддимат-ул-адаб»-ро надоштанд. Ба ин нукта муҳаққиқон

низ ишораҳои ҷолиб доранд. Чунончи: «Ба таври куллӣ метавон гуфт ин китоб (манзур «Муқаддимат-ул-адаб»–С.Н.) аз ганҷинаҳои пуарзиш барои луғатшиносон ва адибони форсӣ ва арабист. Дар муқоиса бо фарҳангҳои мушобеҳ, ҳамчун «Булға» ва «Мирқот» ва «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» ва «Дастур-ул-ихвон» ва «Қонун-ул-адаб» ин китоб аз ҷиҳоти мухталиф бартарӣ дорад» [69, 11].

Ҳамчунин фарҳанги Замахшарӣ ҳанӯз а. XII ҳиҷрӣ ба забони туркӣ низ тарҷума шуда, бо номи «Ақс-ал-араб фӣ шарҳи Муқаддимат-ил-адаб» ва ё «Ақс-ал-араб фӣ тарҷамати «Муқаддимат-ил-адаб» иштиҳор дорад ва нусхаҳои он дар китобхонаҳои гуногуни олам, аз ҷумла Истамбул, Аёсӯфия ва даҳҳо китобхонаҳои дигар мавҷуд аст. Як нусхаи онро профессор Закӣ Валидии Туғон соли 1951 дар шакли чопи факсимиле ба нашр расонидааст [69, 12].

То он ҷо, ки мо аз омӯзиши яке аз нусхаҳои хаттии китоби мазкур пай бурдем, ба тарҷумаи худи матни луғати Замахшарӣ мутарҷим як муқаддима ва хотимае барафзудааст: «Маълум ӯла, ки бӯ китобда мақсуд би-з-зот аввалан «Муқаддимат-ул-адабик» тарҷумасидан аввал инки муқаддима ва бир хотима зикр улинмишда ва муқаддимаи аввал ӯн туққуз фаслда шомила» [147, 2а]. Тарҷума: «Маълум бод, ки мақсади асосӣ дар ин китоб тарҷумаи «Муқаддимат-ул-адаб» аст ва бар он муқаддимае ва хотимае афзуда, ки муқаддимаи аввал аз нуздаҳ фасл иборат аст». Аз мутолиаи тарҷумаи мазкур бармеояд, ки зимни тарҷума ва кори тарҷумонии муаллифи он забони тоҷикӣ низ сарфи назар нашудааст. Чунончи, номи чаҳор фасли аввал ва қисмати зиёде аз муқаддимаи мутарҷимро матни форсӣ-тоҷикӣ ташкил медиҳад. Мисол: «Ал-фаслу-л-аввал: Дар баёни тарҷума кардани лисоне ба лисоне; Ал-фаслу-с-сонӣ: Дар баёни иштиқоқи лафзи луғат; «Ал-фаслу-с-солис: Дар баёни он ки луғат тавқифиву ба ваҳйест ё қиёсист; Ал-фаслу-р-робеъ: Дар баёни он ки ҳар луғате, ки дар ӯ шурути панҷгона набошад, эътибор надорад» [147, 2а]. Аз номи фаслҳое, ки мутарҷим бар матн афзудааст, ин нукта маълум мешавад, ки дар он ӯ бештар масоили назарии дастуриро, ки барои омӯхтани забони бегона, махсусан забони арабӣ зарур аст, изофа кардааст. Забони баёни мутарҷим дар ин бахш забони

туркии омехта бо арабӣ ва тоҷикист. Оғоз: «Субҳонака субҳонака, аллоҳумма мо аҳсану асмоика ва мо атқану афъолика…» [147, 5а].

Тарҷумон асосан сохтори аслии «Муқаддимат-ул-адаб»-ро риоя карда, вале дар мавридҳои муайян ба ихтисор ва ё изофа кардани шарҳ пардохтааст. Шуруҳоти изофакардаи мутарҷим бештар зикр карданист. Муаллифи «Муқаддимат-ул-адаб» қариб дар тамоми шарҳҳо кӯшиши ихтисорбаёниро пеш гирифта, вале ин вижагӣ дар тарҷумаи туркӣ комилан хилоф мешавад ва мутарҷим дар кадом мавқеъе, ки тавоноӣ дорад ва ё донишаш мерасад, бар изофа кардани матлаб рӯй меорад. Азбаски ин падидаро тақрибан дар ҳамаи моддаҳои луғавии фарҳанг ба мушоҳида гирифта метавонем, аз овардани мисол худдорӣ менамоем.

Дар баъзе ҷойҳо мутарҷим танҳо варианти форсиро тарҷума мекунаду халос. Яъне, бар он тавзеҳе ва ё ташреҳе изофа намесозад. Мисол: «Латимун – аспи нуҳум – тӯқуз наҷиот» [147, 245а].

Як хусусияти ин тарҷума дар он аст, ки дар он аз ашъори шоирони туркзабон ва шоирони машҳури форсизабон низ ба ҳайси шоҳид абёте сабт шудаанд. Мисол: «Дидеки тангчашм агарчи аксар истеъмолӣ мақоми замда дур, лекин гоҳе мақоми мадҳда истеъмол улунуд. Низомии Ганҷавӣ:

Маю мурғу райҳону овози чанг,

Тани тангчашмон зи доғе-ш танг» [147, 87а].

Дар фарҳанг бад-ин минвол номҳои шоирони форсизабоне, чун Мунҷик, Асҷадӣ, Унсурӣ, Қудсӣ (шояд Машҳадӣ бошад–С.Н.) ва чанд тани дигарро вохӯрдан имкон дорад.

Маҳз ба миён омадани тарҷумаи мазкур, агар аз як тараф шуҳрати китоби Замахшариро афзуда бошад, аз тарафи дигар баҳсҳои ба кадом забон навишта шудани онро ба миён овард ва дар ҷаҳони илм бисёр касон муътақид шуданд, ки «Муқаддимат-ул-адаб» ба забони туркӣ низ иншо шуда, Замахшарӣ яке аз аввалин нафаронест, ки фарҳанги сезабона навиштааст. Ҳамчунин аксари феҳристнигорон бидуни тамйизи ин тарҷума ва нусхаи аслии худи «Муқаддимат-ул-адаб» онро туркӣ ва ҳовии шуруҳоти туркӣ муаррифӣ

кардаанд. Дар ин замина, муҳаққиқон, махсусан муҳаққиқони турктабор, андешаи мавриди баҳсро, ки ғалати маҳз мебошад, тарвиҷ додаанд. Аз ҷумла, доктор Ҳусайн Муҳаммадзодаи Сиддиқ дар пешгуфтори нашри нави «Муқаддимат-ул-адаб» навиштааст, ки «...доктор Нурӣ Юҷа – пажуҳишгари аҳли Туркия ва таҳсилкардаи Олмон муътақид аст, ки ин китоб аввал фарҳанги арабӣ ба туркӣ будааст ва муодилҳои форсӣ, хоразмӣ, муғулӣ ва усмонӣ баъдҳо аз сӯи истинсохкунандагон бад-он афзуда шудааст» [190]. Ӯ ин ақидаашро дар асоси нусхаҳои бозмондаи «Муқаддимат-ул-адаб», ки аксар муодилҳои ду забонро фаро гирифтаанд, баён мекунад, аммо нуқтаи назари муҳаққиқи номбурда чандон қобили эътимод нест, зеро дар ин ҷо чунин андешаро ҳам метавон баён кард, ки шояд носихони «Муқаддимат-ул-адаб», ки худ аксар турктабор будаанд, ҳангоми нусхабардорӣ муодилҳои туркиро афзуда бошанд. Ин нуктаро мусаҳҳеҳи «Муқаддимат-ул-адаб» – Маҳдии Муҳаққиқ ҳам ҳангоми нашри он таъйид мекунад. Ӯ бо вуҷуди чаҳорзабона хондани фарҳанг танҳо муодили забони арабӣ ва форсиро ба нашр расонидаасту халос ва муодилҳои туркиву муғулиро, чунонки қаблан ишора шуд, ҳазф намудааст. Ин равиши таҳқиқ далолат бар он мекунад, ки ҳар як ноширу носихи «Муқаддимат-ул-адаб» вобаста ба тақозои муҳити интишори асар муодили забонҳои лозимаро аз нусхаҳои хаттии он рӯйнавису интишор кардаанд ва ё носихон, ба андешаи мо, аз худ ба он афзудаанд. Барои он ки дар ягон сарчашма дақиқан забони туркиро донистани Замахшарӣ зикр намешавад, ё ин ки дар байни дигар осори ӯ асаре, ки аз забони туркию муғулӣ таъсири равшане дошта бошад, дида намешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асари мавриди таҳқиқ дар рушди фарҳангнигории сирф тоҷикӣ низ нақши бориз дорад, зеро фарҳанге мисоли «Муқаддимат-ул-адаб», ки арзишу аҳаммияти хоса ва нақши бузург дар ҳифзи луғоту таркиботи ҳам забони арабӣ ва ҳам забони форсиро дорад, наметавонад дар фарҳангҳои пас аз худ таълифшуда таъсире нарасонида бошад. Бино бар ин, барои муайян кардани аҳаммияти фарҳанги мазкур дар рушди фарҳангнигорӣ матни «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ бо «Луғатнома»-и Деҳхудо мавриди

қиёс қарор дода шуд. Замахшарӣ дар боби «Андар варзидани бозиҳо бо бозигарон» ҳангоми зикри анвои бозиҳо арғунчакро чунин баён мекунад: «...урҷуҳатун – нармура, луконӣ, ғанова» [159, 55]. Айни ҳамин маъниро Деҳхудо дар «Луғатнома»-аш дар шарҳи калимаи «луконӣ» зикр мекунад: «Луконӣ – урҷуҳа, нармура, ғанова» [ниг.: 136, 19826] ва дохили қавсайн ба ҷои номи «Муқаддимат-ул-адаб» исми муаллиф – Замахшариро сабт кардааст.

Ё дар мавриди шарҳи калимаи «зуърур» Замахшарӣ дар боби «Ҳадиқа» (Боғ) чунин гуфта: «Зуърур – ождаф; олич; дарахти олуч» [159, 19]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо чунин омада: «Олич – зуърур; олуч; ождаф» (Замахшарӣ) [136, 192].

Ҳамчунин дар «Луғатнома» муаллиф дар шарҳи калимаҳои зерин аз фарҳанги Замахшарӣ иқтибос кардааст: «Душворкорӣ – эҳтиёт» (Замахшарӣ) [136, 10917] «иҳтота фи-л-амри – душворкорӣ кард дар кор» [159, 243]; «Зиббон – ҷ. зибоб» (Замахшарӣ) [153, 11486]; «Сифт – лиқатун – савфи давит» (Замахшарӣ) [155, 13666; 159, 50].

Як вижагии «Луғатнома»-и Деҳхудо он аст, ки муаллифони он кӯшидаанд, ки номи ҳамаи фарҳангҳои мавриди истифодаашонро зери калимаҳо нишон диҳанд. Аз ин лиҳоз, дар фарҳанги мазбур дар поёни воҳиди луғавии шарҳшуда асмои фарҳангу қомусҳои зиёд зикр шудааст. Байни ин қомусҳо номи «Муқаддимат-ул-адаб» низ мукаррар меояд, аммо на бо исми худаш, балки бо номи «Замахшарӣ» байни қавсайн. Нақши ин фарҳанг дар тадвини «Луғатнома» махсус аст, ки мо бо овардани чанд мисол иктифо намудем. Ба ин тариқ, аҳаммияти «Муқаддимат-ул-адаб» дар рушди фарҳангнигорӣ на танҳо дар тадвини фарҳангҳои дузабона, балки фарҳангнигории форсӣ низ бузург будааст. Барои он ки тӯли ҳазору чанд соли робитаи ин ду халқи бузург, хоҳу нохоҳ раванди доду ситади калимаҳо ба таркиби забонҳои арабиву форсӣ сурат гирифтаву он ба кулли дар «Луғатнома» инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, муаллифони китоби мазкур дар вақти таълиф аз вожагони ҳам арабиву ҳам форсии луғатҳои дузабона низ истифода кардаанд, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ин навъ китоби Замахшарист.

Ҳамчунин маводи шомили фарҳанги мавриди таҳқиқи мо дар тасҳеҳи бисёре аз асарҳои тарҷумашуда аз ҷониби мусаҳҳеҳоне, ки матни онро омода кардаанд ва ё бевосита худи мутарҷимон ба кор рафтаанд. Масалан, дар ҳошияи тасҳеҳи Хидевҷам аз «Тарҷумаи «Эҳё улум-ид-дин»-и Муҳаммади Ғаззолӣ калимоте, чун «سکر – нимкоса» [3, 793], «سفیداب – оши исфаноҷ бо мост» [4, 199], «بختی – уштури хуросониро гӯянд» [4, 523], ё тасҳеҳи Ҳашмати Муайяд аз «Мақомоти Жандапил» ифодаи «لَعَمری بفتح العین – савганд ба ҷони ман, ба ҷони ман» [5, 339]; Фурӯзонфар дар тасҳеҳи «Маориф»-и Баҳоулвалад калимаҳои «рухбин» [1, 202], «лапоча – сидра» [1, 225] ва чанд мавриди дигар [1, 241, 269, 316 ва ғ.] тавассути руҷуъ ба ин сарчашма шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Ба шарҳҳои мабсут ва фарогири Замахшарӣ дар фарҳанг руҷуъҳои бисёр аз ҷониби мусаҳҳеҳони муосир, аз ҷумла дар корҳои матншиносии Ғуломҳусайн Юсуфӣ дар тасҳеҳи «Қобуснома» [22, 277, 304, 326, 334, 339, 354 ва 371], Муҷтабо Минӯӣ дар тасҳеҳи «Калила ва Димна» [16, 3, 10, 12, 32, 53, 74, 108, 135, 213, 254, 271 ва ғ.], Ҷаъфари Шиор дар тарҷумаи китоби «Ойини шаҳрдорӣ» [17, 99], Абулқосими Имомӣ ва Алӣ Нақӣ Мунзавӣ дар тарҷумаи «Таҷоруб-ул-умам» [25, 153], Муҳаммадризо Ҳакимӣ дар тарҷумаи «Мухтасар-ул-булдон» [18, 249] ва даҳҳо нафари дигар ба мушоҳида мерасад.

Шуҳрати фарҳанги Замахшарӣ ба ҳаддест, ки дар масъалаи ихтилоф дар шакли навишти калимот низ бисёре аз сарчашмаҳо афкору шарҳҳои пешниҳодкардаи ӯро пазируфта ва ё ба эҳтиром аз он ёд кардаанд. Мисол: «Шахор…ва дар «Муқаддимат-ул-адаб» «хашор ва ахшор» (ба тақдими «хо» бар «шин») омадааст» [3, 252].

ХУЛОСАИ БОБИ I:

1. Аз таҳқиқи мухтасар маълум шуд, ки бештари фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ аз ҷониби донишмандони тоҷик ба қалам омадаанд. Ин нукта мақому манзалати донишмандони форсизабонро дар рушди илмҳои гуногуни даврони мухталиф, бахусус дар рушд ва тавсиаи забон, адабиёт ва фарҳанги арабӣ дар ҷуғрофиёи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ ва, ба ин васила, дар тамоми олами мутамаддин нишон медиҳад. Дар ин самт нақши фарҳангнависоне, чун Ҳусайн ибни Аҳмади Зӯзанӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Абулфазли Майдонӣ, Ҷоруллоҳи Замахшарӣ, Бӯҷаъфараки Байҳақӣ, Зайнулмашоих Абулқосими Хоразмӣ, Рашидуддини Ватвот ва дигарон бузург мебошад.

2. Фарҳангнависии дузабонаи арабӣ-форсӣ аз риштаҳои пураҳаммияти фарҳангнигорӣ буда, дар раванди рушд ва тавсиаи ин соҳа ҷойгоҳи хоса дорад. Ин риштаи фарҳангнависӣ давраҳои гуногунеро аз сар гузаронидааст ва аз оғози он (а. XI) то давраи муосир дар ҳоли рушд ва дигаргунист. Аммо давраи тиллоии онро, чунонки гуфта шуд, а. XII ҳисоб кардан мумкин аст. Сипас фарҳангнигории арабӣ-форсӣ ба ду а. рукуд (асрҳои XIII –XIV), давраи эҳё (XV) ва давраи тазйиқи забони арабӣ (баъди а. XV) рӯ ба рӯ шуда, беҳтарин анъана ва принсипҳои луғатнависии дузабонаро дар худ таҷассум кардааст.

3. Дар ин раванд, вобаста ба донишу малакаи луғатнигорон ва талаботи замону муҳити фарҳангӣ, доираи моддаҳои шомили луғатҳо тавсиа ёфтаву ба танзим дароварда мешуд. Ҳамчунин бояд аз нақши фарҳангҳои алоҳидае, чун «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ», «Муқаддимат-ул-адаб» ва ғайраро дар шаклгирии усули ташреҳ ва дигар масоили фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-форсӣ гуфта шавад.

4. Ҳарчанд, то ҳол бештари осори ин муфассиру забоншинос ва суханвар пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд, вале осори шинохташудаи ӯ, амсоли «Ал-Кашшоф», «Ал-Муфассал», «Муқаддимат-ул-адаб», «Асос-ул-балоға», «Ан-Намузаҷ», «Рабеъ-ул-аброр» аз манобеи

муҳимми адибону забоншиносон ва муфассирон дар ҳар давру замон дониста мешавад.

5. Ҳамчунин Замахшариро аз забоншиносони тавонои замони худ қаламдод кардан хато нахоҳад буд, чун ба ишораи муҳаққиқон бештар аз 10 рисола дар илми забоншиносӣ таълиф кардааст.

6. Замахшарӣ дар илму адаби замонаш дасти тавоно дошта, ягонаи рӯзгор ва саромади донишмандону олимон ва адибони асраш ба шумор меравад. Вай тамоми умри худро сарфи омӯзиши илму таълифи осори пуарзиш карда, ки осори зикршуда далели равшан аз мақому манзалати ҳақиқии ин донишманди камназир дар а. VI/XII аст.

7. «Муқаддимат-ул-адаб» байни фарҳангномаҳои дузабона ва бисёрзабона аз аҳаммияту манзалати хос бархурдор буда, муаллиф бо таълифи он хидмати назаррасе дар забоншиносии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ кардааст. Ӯ тавонистааст мақоми махсуси забони форсӣ-тоҷикиро дар баробари забонҳои дигар, бахусус забони арабӣ нишон диҳад ва бо диққати фаровоне калимоти форсӣ-тоҷикии холису сараро дар муқобили калимоти арабӣ гузорад. Бисёре аз калимоти нодири форсӣ-тоҷикиро дар «Муқаддимат-ул-адаб» метавон пайдо кард ва бояд гуфт, ки фарҳанги мазкур аз гавҳарҳои пуарзиш ва ганҷинаҳои пурборе барои фарҳангнигорону забоншиносон ва адибони форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ аст.

8. Ҳамчунин «Муқаддимат-ул-адаб» аз фарҳангҳоест, ки ҳанӯз дар гузашта аз шуҳрати вофир бархурдор буда, ба забонҳои дигар, аз ҷумла туркӣ тарҷума шудааст. Аз ин рӯ, доир ба он баҳсҳои фаровоне дар олами таҳқиқ то ҳол дида мешавад. Дар ҳоле, ки худи фарҳангнигор ба забони туркӣ ишорае надорад, ӯ дар байни муҳаққиқони туркзабон низ бо ҳамин асари мондагори худ шуҳратманд гардид.

9. «Муқаддимат-ул-адаб»-ро ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои ноб бояд шинохт, ки то ҳол дар олами таҳқиқи матн, забоншиносӣ ва шинохти калимот тарҷумаи онҳо аз доираи истифода берун набаромада, дар байни муҳаққиқон яке аз марҷаъҳои серруҷуъ ба ҳисоб меравад.

БОБИ II

ВИЖАГИҲОИ ЛЕКСИКОГРАФИИ «МУҚАДДИМАТ-УЛ-АДАБ»-И ЗАМАХШАРӢ

2.1. Сохтор ва қисматҳои фарҳанг

«Муқаддимат-ул-адаб» дар баробари он ки бисёре аз анъаноти фарҳангнигории гузаштаро ҳифз мекунад, аз усулу сохтори вижае бархурдор аст, ки дар он на дар ҳама маврид низоми ягона риоя шудааст. Яъне, бо он ки фарҳанг бо танзим ва тартиби хосе калима ва таркибу иборотро дастабандӣ мекунад, риояи як принсипи ҷобаҷогузорӣ дар он камтар дида мешавад. Чунончи, фарҳанг ба гурӯҳи фарҳангҳои танзимашон мавзуӣ ворид шавад ҳам, дар фаслҳои алоҳида хусусияти сохти фарҳангҳои таҳлилӣ-морфологиро низ дорад. Ин ҷо бояд зикр карда шавад, ки хусусияти танзими мавзуӣ-тематикӣ дар фарҳанг хоси боби исмҳост ва дар ин боб Замахшарӣ пурра ба ин хусусият побанд аст. Дар қисмати афъол бошад, кор ранги дигар мегирад ва фарҳангнигор кори худро дар асоси хусусияти сарфу наҳви забони арабӣ ба роҳ мемонад. Чунонки феълҳои арабиро аз рӯйи тартиби сарфӣ ба бобҳои ҷудогона тақсим карда, тарҷума ва хусусиятҳои истифодашавии онҳоро нишон медиҳад.

Мо дар фасли ҳозир ба ду гунаи танзими фарҳанг таваҷҷуҳ зоҳир кардем: сохтори умумии фарҳанг ва сохтори ҷузъҳо ва таркиби ҷузъҳо, яъне бахшҳои он. Барои он ки чунин равиши таҳқиқ ҷузъиёти фарҳангро аз ду назар пешорӯйи муҳаққиқон боз хоҳад кард. Яке, назари умумӣ дар сарлавҳаҳо ва танзими умумии фарҳанг ва муносибати Замахшарӣ бо забони арабӣ ва дидҳои забоншиносии ӯ. Дигар, бархе хусусиятҳои паиҳам омадани моддаи луғавӣ, дастёбии осонтарин дар шинохти танзими фарҳанг ва амсоли ин.

Агар ба таври умумӣ назар карда шавад, сохтори «Муқаддимат-ул-адаб» ба таври зайл аст: ***Танбеҳ барои хонанда аз муаллиф; Дебоча; Номҳо (Ал-асмо);***

Феълҳо (Ал-афъол); Ҳарфҳо (Ал-ҳуруф); Гардонидани номҳо (Сарфу-л-асмо); Гардонидани феълҳо (Сарфу-л-афъол).

Сабаби бо чунин сохтор таълиф шудани «Муқаддимат-ул-адаб»-ро муҳаққиқ Камол Ҷабрии Абҳарӣ дар хусусияти таълимӣ доштани он мебинад [41, 111].

Дебочаи «Муқаддимат-ул-адаб» бо чунин ҷумла оғоз шудааст:

«الحمد لله الذى فضل على جميع الالسنة لسان العربية كما فضل كتاب المنزل به على سائر الكتب...» ва тарҷумааш «Сипос мар Худойро, он Худойро, ки афзун кард бар ҳама забонҳо забони тозиро, чунонки афзун кард китоби фурудоварда ба вай бар дигар китобҳо…» паиҳам оғоз ёфта, дар идома бо фиристодани дуруд ба ибораи зайл: "النبي الامّي العربي و على آله اشرف العرب"зикри мақому манзалати забони арабӣ, васфи ҳокими замон «Сипаҳсолор Баҳоуддини Алоуддавлат Абулмузаффар Отсиз ибни Хоразмшоҳ» ва дар хотимаи дебоча ба номи Абулмузаффари Отсиз ибни Хоразмшоҳ бахшида шудани китоб, сабаби ном гирифтани асари мазкур ба «Муқаддимат-ул-адаб» ва тарҳи он ба панҷ баҳра (бахш) зикр гаштааст [ниг.: 159, 3]. Замахшарӣ пас аз дебоча бидуни зикри тарҳу хусусиятҳои фарҳанг, амсоли ангезаи таълиф, шеваи тадвин ва танзими фарҳанг, зикри номи нигоранда, манобеи мавриди истифодаи фарҳанг, зикри қоидаҳои дастуриву имлоии луғоти фарҳанг ва иттилоъе барои шинохти фарҳанг надода, ба шарҳу тарҷумаи вожаҳои фарҳанг мепардозад. Вале дебоча бо насри шевову дилпазир ва забони сода навишта шудаасту дар ниҳояти ихтисор мебошад. Аз ин сабаб, фазои пажуҳиш ва нақду таҳлил дар муқаддима тангтар гаштааст.

Қисматҳои «Муқаддимат-ул-адаб» ба таври зерин дастабандӣ шудаанд:

I.Баҳраи аввал аз 98 боб иборат буда, тамоми ақсоми исмро фаро мегирад, ки аз замону авқоти он, осмон ва ҳар он чӣ дар он аст, ба таври зерин ба бобҳо тақсим шудааст: **Ал-қисму аввал ва ҳува қисму-л-асмои. Баҳраи нахустин ва ин баҳраи номҳост:**

Номи боб:	Тарҷумаи он:
فى الزّمان و الأوقات	*Андар замон ва рӯзгорҳо*

فی السّماء و العلویّات	*Андар осмон ва он чӣ ки дар он аст*
فی الأرض و ما یتعلّق بها	*Андар замин ва он чӣ ки аз он аст*
فی المعادن و ما یتعلّق بها	*Андар конҳо ва он чӣ ки аз он хезад*
فی الشّوارع و الطّرق	*Андар роҳҳо ва гузаргоҳҳо*
فی المیاه و ما یتعلّق بها	*Андар обҳо ва он чӣ аз он аст*
ممّا ینبت من الأرض	*Андар он чӣ, ки аз замин рӯяд*
فی البساتین و ما ینشأ فیها	*Андар бӯстонҳо ва он чӣ аз онҳо хезад*
فی البقولات	*Андар тараҳову сабзиҳо*
فی الأعشاب و المراتع	*Андар гиёҳҳову марғзорҳо*
فی أدوات الزّراعة	*Андар сози кишту боғистонҳо*
فی البقاع و أماکن البلاد	*Андар номи ҷойгоҳҳо ва сарзаминҳо*
فی البیوتات و الأبنیة	*Андар саройҳо бо он чи ки дар ниҳоди ӯ доранд*
فی أثاث البیت	*Андар он чи ки саройҳоро созу барг аст*
فی أسامی المشرّفة	*Андар номҳои бузургдошта*
فی أعضاء الإنسان	*Андар пораҳои тани мардумон*
فی أطوار الخلقة	*Андар чанди ниҳоди офаридагон*
فی طبیعة الإنسان	*Андар сиришт ё ниҳоди мардум*
فی الأزواج و الأبکار	*Андар кадхудоён ва дӯшизагон*
فی الأنساب و الأقارب	*Андар нажоди мардумон бо хешовандон*
فی الأحباب و [الأعداء] و الأقران	*Андар дӯстон, бо душманон, бо дигар ҳамолон*
فی العُملاء و الأساتذه	*Андар кордонон бо устодон*
فی أسامی الأعاظم و الأشراف	*Андар номҳои меҳтарон ва номоварон*
فی الأرقّاء و الخدم و ما فی معناها	*Андар бардагону гумоштагон ва ҳар кӣ дар ниҳоди эшон бошад*
فی الحسنات و السّیئات	*Андар некиҳо ва бадиҳо*
فی الفرقان و الأثر	*Андар номаи Эзад ва ҳарчи аз ӯ ояд*
فی الکتّاب و أدوات الکتابة	*Андар кори дабирон ва он чи аз дастафзори эшон бошад*
فی جنان الخلد و ما فیها	*Андар биҳишти ҷовидон бо ҳар чи ки дар ӯст*
فی الأدیان و الأحبار	*Андар кешу оини мардумон ва пешравони эшон*
فی النّیران و درکاتها	*Андар дӯзах ва дӯзахиён*
فی آلات الصُّنّاع	*Андар сози кор ё дастафзори пешаварон*
فی السّقایة و آلاتها	*Андар обварзон ва он чи эшонро дар кор аст…*

- ва дар дигар бобҳо дар мавриди пӯстин ва ҳарчӣ аз он созанд, бофандагону кори онон, оҳангарону кори онон, нахчиру нахчиркорон, корзорҳову хунёгарон, бозиву бозигарон, машку ҳарчӣ ба он монанд, нӯшобаву бода ва майкада,

дастафзори гозурон, дуредгарону пешаи онон, пешхону кори гӯштфурӯшон, пизишки сутурон, рагзану сартарошон, равғану равғангарон, сӯзану сӯзангарон, гурӯҳаи ресмону дарзиён, дук ва дигар абзори ресандагон, доруҳову пилурон, бемориҳо, номи хуришҳову меҳмониҳо, гилему дебову дигар ҷомаҳо, шумораҳо, аҳсоми тани сутурон, номи анвои асбон, ороишоти сипоҳиён, корду кордгарон, гову гӯсолаву говмеш, ҷонварони даштӣ, лавозимоти истифодаи рӯзгор ва амсоли ин сухан меравад.

Бо он ки қисмати асмо ба бобҳои хурдтаре ҷудо мешавад, он қисматҳо дар навбати худ фарқиятҳое дорад. Масалан, қисмати аввал, ки «Бобун фи-з-замони ва-л-авқот – Андар замон ва рӯзгорҳо» ном дорад, нисбат ба дигар бобҳо ҳаҷман калонтар мебошад. Бобҳои қисмати исм асосан шомили 1 то 2 саҳифа ҳастанд, вале се боб дар ин қисмат нисбат ба дигар бобҳо бузургтар аст. Бобе, ки тааллуқ ба вақт дорад – 5 саҳифа [ниг.: 159, 4-9], боби хона – 6 саҳифа [ниг.: 159, 25-30] ва бобе, ки дар мавриди узвҳои инсонӣ баҳс мекунад, ки аз 8 саҳифа иборат мебошад [ниг.: 159, 43-50]. Ба назари мо агар як сабаби зиёд будани ин бобҳо дар фарогирии бештари калимот дар ин мавзуот бошад, сабаби дигар ин зикри зиёди муродифҳо дар қисматҳои мазбур аст. Чунончи дар қисмати номбурдашуда, ки ба вақт мутааллиқ аст, ба калимаи «вақт» 7 муродиф бо ҷамъаш [159, 4]; ба калимаи «арз» 4 шакли ҷамъу 5 муродиф [159, 7] зикр мешавад, ки низ дар ҳаҷми густардаи боб бетаъсир нест. Ба ҷуз муродифҳое, ки айни маънои моддаи луғавиро таҷассум мекунанд, муродифҳо ва ё моддаҳои луғавии наздикмаъное ҳам ҳастанд, ки дар ин қисматҳо бештар аз дигар қисматҳо истифода мешаванд. Масалан, ҳамин калимаи «арз» тақрибан 40 калимаи наздикмаъно дорад, ки ҳар яки ин калимаҳо дар навбати худ бо муродиф ва шакли ҷамъ (баъзан ду ва ё зиёда) зикр мешаванд [ниг.: 159, 7-8]. Дар бархе ҳолатҳо бошад, зикри бештари ҷумлаҳои арабӣ сабаби тӯл кашидани матлаб дар бобҳо шудааст. Масалан, дар боби «Фӣ асоси-л-байти – Андар он чи ки саройҳоро созу барг аст» дар як саҳифа 7 ҷумлаи арабӣ нақл мешавад [ниг.: 159, 26]. Дар мавридҳои дигар муаллифи фарҳанг барои пурра нишон додани маънои як моддаи луғавӣ ба овардани муродифҳо, шарҳу тавзеҳот ба забони

арабӣ ва шарҳ ба воситаи калимаҳои наздикмаъно мепардозад. Дар ин ҳолатҳо ӯ мутародифро зикр мекунад ва дар баробари таъкиди он ки калимаи мазкур муродиф аст, ҷиҳати дигари маънои муродифро низ сабт месозад, то хонанда ба куллӣ аз ин хусусияти маънои калима низ огоҳӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ҳаҷми бобҳо бузург шудааст. Чунончи, Замахшарӣ калимаи «حِلْيَةٌ»-ро чунин тавзеҳ додааст: «حِلْيَةٌ – нишони рӯй, пероя; حِلْيَاةٌ ҷамъ, زِيٌ мутародиф ороиш; هَيْئَةٌ мутародиф кушодагии ҳол; شَارَةٌ мутародиф хушии ҳол; سَحَنَةٌ [سَحْنَةٌ] معا мутародиф; حِلْيَة الرجل صفته و ما يُرَى منه …» [159, 32]. Ҳамчунин на танҳо калимаро бо овардани муродиф ва зикри маънои дигари он шарҳ медиҳад, балки мавқеи истифода ва тарзи истифодаи дурусти онро низ таъкид мекунад ва тавзеҳоти дигар низ бар онҳо изофа менамояд. Масалан, дар идомаи матлаби боло чунин фармудааст: «و الزِّيّ الزينة و الهَيْئَة الحالة الظاهرة و السَّحَنَة بالتحريك و التسكين مثله و الشَّارَة حسن … الهَيْئَة …» [159, 32].

Як хусусияти бисёр муҳимми фарҳанг дар қисмати исм он аст, ки ӯ моддаи луғавиро ҳатман бо зикри муродиф ва шакли ҷамъи он шарҳ медиҳад. Ҳарчанд муаллиф дар мавриди сохту таркиби «Муқаддимат-ул-адаб» дар дебоча ҳарф назада бошад ҳам, дар матни фарҳанг ба назар мерасад, ки ӯ муродифотро бо калимаи «мутародифун» ва шакли ҷамъи калимаҳоро бо вожаи «ҷамъун» ишора кардааст. Мисол: وَقْتٌ – ҳангом, اوْقَاتٌ ҷамъ, حِينٌ мутародиф, أَحْيَانٌ ҷамъ, أَجَلٌ мутародиф, آجَالٌ ҷамъ; ذهْرٌ – рӯзгор, دُهُورٌ ҷамъ, ادْهُرٌ ҷамъ, معا [حُقْبٌ] حُقُبٌ мутародиф, أَحْقَابٌ ҷамъ, حِقْبَةٌ мутародиф, حِقَبٌ ҷамъ, معاً [بُرْهَةٌ] بَرْهَةٌ мутародиф, مَنُون мутародиф, سَنْبَةٌ мутародиф... ,صَرْفٌ – гардиши рӯзгор, صُرُوفٌ ҷамъ, رَيْبٌ мутародиф, رُيُوبٌ ҷамъ» [159, 3]. Ҳамчунин дар мавридҳои муайян, яъне дар ҳоли овардани гунаи дигар «маъан мутародиф» – ҳар ду муродиф»-ро корбаст мекунад: «... [حُقْبٌ] حُقُبٌ معا мутародиф, أَحْقَابٌ ҷамъ...» [159, 3]. Ё худ: «معا [رَوْسَمٌ] رَوْشَمٌ мутародиф مَبْطَخَةٌ – полезгоҳ, киштзор, مَبَاطِخُ ҷамъун» [159, 15]. Чунин тарзи нигошти фарҳанг дар тамоми қисмати бахши исм дида мешавад [ниг.: 159, 3-85]. Дар қисмати феъл бошад, ин хусусият ба таври дигаргунатар ба мушоҳида гирифта мешавад. Бештар дар ин қисмат фарҳангнигор моддаи луғавиро сабт мекунад, шарҳу тарҷумаи онро меорад ва сипас муродифашро зикр мекунад: «سَبَى الجَارِيَةَ – асир

кард канизакро, ба ғанимат гирифт канизакро; أسرها سَبْيًا» [159, 116]. Аммо дар ин қисмат ҳам муаллиф бо зикри калимаи «мутародиф» мафҳумҳои муродиф ба моддаи луғавиро зикр менамояд. Мисол: « هَدَاهُ الطَّرِيقَ– роҳро намудаш, роҳи росташ намуд; ароҳу ат-тариқа ва أَرَاهُ الطَّرِيقَ و هَدَاهُ لَهُ мутародифун…» [159, 116]. Ё ин ки дар мисоли зер мо ҳар ду навъи муродиф овардани муаллифи фарҳангро дар қисмати феъл ба мушоҳида гирифта метавонем: « مَشَى– бирафт, تَمْشَى мутародифу كثُرت ولدها تَمْشِي و مَشِيَتْ; مَشْيًا و مِشْيَةً و مَشَتْ – бисёр фарзанд овард; مَشَاءً» [159, 117]. Ҳамчунин баъзе моддаҳои луғавии фарҳанги мавриди назар тавассути калимаи «ай» (яъне) зикр мегарданд. Чунончи: «وَاسِطَةُ الْقِلَادَةِ – وَاسِطَةٌ أي миён кардани банд…» [159, 10]. Ин хусусият, яъне сабти моддаҳои луғавӣ тавассути «ай» дар қисматҳои исм ва феъл тафовут дорад. Бештар дар қисмати исм ҷузъе аз моддаи луғавӣ ва ё ҷумлаи арабие, ки дар шарҳи моддаи луғавӣ омадааст, бо чунин восита шарҳ мешавад: «رِكَازٌ – ганҷ; الركاز دفين الجاهلية و المعدن ما خلق الله تعالى فى الارض و قد يقال لها ركاز لان كلّا منهما مركوز اي ثابت فى الارض» [159, 47]. Аммо мавридҳое ҳам ҳаст, ки тавассути ҷумлаи арабӣ худи моддаи луғавиро шарҳ диҳад: «بَثُّ الحُزْنُ الذى لا يَصْبِرُ عليه صاحبه حتى يبثه اي يَنْشُرَه» [159, 43]. Дар қисмати феъл бошад, ба воситаи «ай» танҳо худи моддаи луғавиро ташреҳ медиҳаду халос: «… و عَرَضَ عَلَيْهِ الشَّيْءَ - арза кард бар вай чизе; قال له الشيء أي حَالَهُ عَرْضًا» [159, 94].

Як хусусияти дигари фарҳанги мазкур дар он аст, ки Замахшарӣ пас аз зикри ҳар калима бо муодили форсиву муродифоту шакли ҷамъи арабӣ, аз он калима ибороте, ки дар забони арабӣ онро музоф музофун илайҳи мегӯянд, сохта, тарҷумаи онро ҳам навиштааст. Мисол: “صرف – гардиши рӯзгор, صروف ҷамъ, ريب мутародиф, ريوب ҷамъ, ريب المنون – ҳаводиси рӯзгор» [159, 3]; “سماء – осмон, سماوات м., اسميه ҷамъ, حربآ мутародиф, رفيع мутародиф... مبيد السماع – миёни осмон» [159, 5]; “صراف الليل – он ки ба шаб бонг кунад» [159, 77]; «خطَّافٌ – фаростук, фароштурук... парасту... خَطَاطِيفُ ҷамъ..., عُوَّارٌ мутародиф عَوْهَقٌ وَ عَوْهَقٌ جَبَلِيٌّ – парастуи кӯҳӣ» [159, 78].

Аҳаммияти дигари фарҳанги мазкур дар он аст, ки бештари воҳидҳои луғавии «Муқаддимат-ул-адаб» ҳоло ба таври васеъ ҳам дар забони арабӣ ва

ҳам дар забони форсӣ-тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд. Омӯзишу баррасӣ ва таҳлили воҳидҳои луғавии фарҳанги мазкур нишон дод, ки аксари воҳидҳои луғавии форсии он имрӯз дар забони тоҷикӣ – ҳам дар забони адабӣ ва ҳам лаҳҷаҳои гуногуни он истифода мегарданд, ки дар зер намунаҳое чанд аз чунин вожаҳо оварда мешавад: *мӯза* [159, 52], *танӯр* [159, 54], *бозича* [159, 55], *пиёла, теша, арра, дастарра, ранда, искана* [159, 56], *кунҷора* [159, 57], *кишмиш* [159, 59], *чуғрот* [159, 60], *атлас* [159, 62], *тарозу, пиллаи тарозу* [159, 66], *лаҷом* [159, 68], *охур, гӯсфанд, гӯспанд, такка* [159, 73] ва ғ.

II. Баҳраи дуюми китоб дар афъол буда, аз 24 боб иборат аст, ки ҳамаи аҳсоми феълро шомил мебошад. Он қисмати зиёди китобро фаро мегирад ва ҳовии феълҳои маълуму маҷҳул аст. Номгузории бобҳои ин баҳра бо авзони гуногуни феъл сурат гирифтааст:

باب فَعَلَ يَفعِلُ؛ باب فَعَلَ يَفعُلُ؛ باب فَعِلَ يَفعَلُ؛ باب فَعَلَ يَفعَلُ؛ باب فَعِلَ يَفعِلُ؛ باب فَعُلَ يَفعُلُ؛ باب فُعِلَ يُفعَلُ؛ باب اَفعَلَ يُفعِلُ افعالاً؛ باب فَعَّلَ يُفَعِّلُ تَفعيلاً و تَفعيلَةً و تَفعالَةً؛ باب فاعَلَ يُفاعِلُ مُفاعَلَةً و فِعالاً؛ باب افتَعَلَ يَفتَعِلُ افتِعالاً؛ باب انفَعَلَ يَنفَعِلُ انفِعالاً؛ باب افعَلَّ يَفعَلُّ افعِلالاً؛ باب افعالَّ يَفعالُّ افعِلالاً؛ باب تَفَعَّلَ يَتَفَعَّلُ تَفَعُّلاً؛ باب تَفاعَلَ يَتَفاعَلُ تَفاعُلاً؛ باب استَفعَلَ يَستَفعِلُ استِفعالاً؛ باب افعَوَّلَ يَفعَوعِلُ افعِعلالاً؛ باب افعَوَّلَ يَفعَوِّلُ افعِوّالاً؛ باب فَعلَلَ يُفَعلِلُ فَعلَلَةً و فِعلالاً؛ باب تَفَعلَلَ يَتَفَعلَلُ تُفَعلُلاً؛ باب افعَنلَلَ يَفعَنلِلُ افعِنلالاً؛ باب افعَلَلَ يَفعَلِلُ افعِلالاً؛ باب الافعالِ غير المتصَرِّفَةِ.

Дар боби афъол Замахшарӣ феълҳоро бо тасриф, сохт ва тарзу мавқеи истифодаи онҳо дар ҷумла бо таркибу ибораҳо нишон додааст, ки то замони таълифи «Муқаддимат-ул-адаб» дар фарҳанги дузабона тақрибан дида намешавад. Ӯ ин анъанаро аз фарҳангнигории арабии пеш аз худ, ки бештар ба оёти Қуръон ва ё ашъори бузургон истинод мекарданд, вом гирифтааст. Ин падида масалан дар фарҳанги «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» дида намешавад. Дар китоби Замахшарӣ бошад, аз боби «фаъала йафъилу (йафъулу, йафъалу)» мехонем: «هَنَأَهُ الطَّعَامُ – бигуворид бар вай таом; бигуворидаш таом; يَهْنِئُهُ – мегуворад бар вай; мегуворадаш; يَهْنُؤُهُ / يَهْنَأُءُ /يَهْنُؤُهُ; мутародиф; هنِئَهُ – бигуворид бар вай…» [159, 86]; «ثَلَبَهُ – айб ниҳод ӯро; айбаш кард; معا [يَثْلِبُهُ] يَثْلِبُهُ/ له عاب – айб мениҳад ӯро; ثَلْبًا و هى المَثْلَبَةُ – ва ин айб, المَثَالِبُ و ҷамъу» [159, 86]; «اَلَبَهُ – биёвард ӯро аз шаҳр ба шаҳр; اوْرَدَهُ مِنْ بَلَدٍ إلى بلد – фароҳам овард ӯро; معا جَلْبًا [يَجْلُبُهُ] يَجْلِبُهُ –

меоварадаш аз ҷой ба ҷой; меоварадаш аз шаҳре ба шаҳре; овардан аз ҷой ба ҷой; овардан аз шаҳр ба шаҳр»; و هو الجلب/الجليب – ва ин чиз оварда барои фурӯхтан, ва ин оварда; ва ин оварда аз ҷой ба ҷой» [160, ҷ.2, 4].

Чунонки аз мисолҳои болоӣ ба мушоҳида расид, Замахшарӣ феълҳоро бо таркиби ҷумлаҳои содаву равон оварда, маънии онҳоро ба форсӣ менависад, ки ин равиш барои омӯзиши феълҳои забони арабӣ бисёр осон мебошад. Ҳамчунин дар баъзе ҳолатҳо Замахшарӣ муродифоти феълҳоро низ ба кор бурдааст, ки дар мисоли «ҳасабаҳу» дида шуд. Чунин равиши маънидодкуниву тасрифи феълҳо бо таркиби ибораву ҷумлаҳои сода дар авзони **اَفعَلَ يُفعِلُ افعالاً، فَعَّلَ يُفَعِّلُ تَفعيلاً، فاعَلَ يُفاعِلُ مُفاعَلَةً، افتَعَلَ يَفتَعِلُ افتِعالاً، انفَعَلَ يَنفَعِلُ انفِعالاً، افعَلَّ يَفعَلُّ افعِلالاً، افعالَّ يَفعالُّ افعِلالاً، تَفَعَّلَ يَتَفَعَّلُ تَفَعُّلاً** то боби феълҳои тасрифнашаванда якгуна аст [ниг.: 159, 86-286].

Замахшарӣ танзими ҳар боби феълро аз рӯйи ҳарфи охири алифбо, яъне нахуст феълҳое, ки бо ҳарфи «алиф» тамом мешавад, оварда, сипас ба ҳамин тартиб феълҳои бо ҳарфҳои «бо», «то», «со»... тамоммешударо зикр кардааст. Чунин танзим шудани боби феъли китоби Замахшарӣ беҳуда нест, зеро машҳуртарин фарҳангҳои арабии тафсирӣ ҳам бад-ин минвол тартиб меёфтаанд. Забоншинос Н. Ғиёсов аз саҳми Исмоил ибни Ҳаммоди Ҷавҳарӣ дар ин равиш таъкид карда, менигорад, ки «Сиҳоҳ-ул-араб» баробари нашри худ истиқболи хуш ёфт ва дар байни фарҳангҳои тафсирии арабӣ мақоми шоистае пайдо намуд…» ва беш аз 100 адад китоби шарҳу тавзеҳот ба он навишта шуданд [50, 71]. Иттифоқан, тартиби пешгирифтаи Замахшарӣ ва даҳҳо фарҳангнигорони дигар аз ин китоб сарчашма мегирад.

Ҳамчунин Замахшарӣ дар ҳар боб, ки шомили феълҳои «муъталлу-л-фоу», «муъталлу-л-айн» ва «муъталлу-л-йо» ҳастанд, тартиби алифбоӣ аз ҳарфи «бо» оғоз мешавад, вале бештари қисматҳои тартиби алифбоии боби афъол бо ҳарфи «нун» ба охир мерасад [ниг.: 159, 86-286]. Масалан, боби «فَعَلَ يَفعُلُ» бо феъли «بَرَأَ» оғоз шуда, бо феъли «مَهَنَ» ба итмом мерасад [ниг.: 159, 121-135]. Сипас, муаллиф бо изофа кардани калимаи «музоъаф» ба зикри феълҳои музоъаф (ташдиддори сеҳарфа–С.Н.) мепардозад, ки аз феъли «جُبَّ» сар шуда, бо «مَنَّ»

тамом мешавад [ниг.: 159, 135-141]. Ҳамчунин зери сарлавҳаҳои « المعتَلُّ الفاءِ من المُضاعَفِ» [159, 141], «المُعتَلُّ العَين» [ниг.: 159, 141-147]; «المُعتَلُّ اللام» [ниг.: 159, 147-152] феълҳои музоъаф ва муътал зикр шудаанд. Аз ин бармеояд, ки муаллиф феълҳои солим ва иллатдори арабиро, ки дар тасриф аз ҳам фарқият доранд, ба таври ҷудогона зикр кардааст. Ин аз муҳимтарин вижагиҳои зикри феъли сулосӣ (сеҳарфа–С.Н.) мебошад. Гуфта шуд, ки дар тартиби афъол ҳуруфи охири феълҳо ба назар гирифта мешавад, ки ин дар тартиби феълҳои муътал (иллатдор) низ риоя шудааст, ба ҷуз феъли муътали ҳарфи охираш иллатдор. Дар ин ҳолат, яъне дар зикри феълҳои ҳарфи охирашон иллатнок тартиби афъол ба ҳуруфи дуюми феъл вобастагӣ пайдо мекунад. Масалан, феълҳои «فلا», «سَما» ва «حَنا» [159, 151] вобаста ба он ки ҳарфҳои «лом, «мим» ва «нун» дар алифбои арабӣ пайиҳам меоянд, пас аз ҳамдигар зикр ёфтаанд.

Муҳимтарин хусусияти сохторӣ дар боби феъл он аст, ки муаллиф қисмате аз афъолро мустақиман тарҷума намекунад. Яъне, феълҳое дар фарҳанг дида мешавад, ки муҷаррадан, тарҷума надоранд. Масалан, феъли «كَثَّ» чунин маъно мешавад: «كَثَّتْ لِحْيَتُهُ – анбуҳ шуд мӯи риши ӯ; كثُر شعرُها – бисёр шуд мӯи риши ӯ; كَثَاثَةً و كُثُوثَةً و هي كَثَّةٌ – риши анбуҳмӯй, риши бисёрмӯй» [159, 166]. Ё ин ки феъли «لَذَّ» дар таркиби «лазза аш-шайъу» чунин тарҷума мешавад: «لَذَّ الشَّيْءُ – бомазза шуд чиз; ضِدُّ مَرَّ/ لَذَاذَةً و هو لَذٌّ – бомазза ва лазизун мутародиф; و لَذَّ الرَّجُلُ الشَّيْءَ – бомазза ёфт мард чизро, лаззатун» [159, 166]. Ин навъи феълҳо қисмати чашмгири моддаҳои луғавиро дар ин бахш ташкил медиҳанд.

Зикри ин нуктаро ҳам зарур медонем, ки ҳарчанд дар қисмати афъол танзими алифбоиро дида метавонем, моддаҳои луғавӣ бештар хусусияти силсилавӣ доранд. Ин нуктаро аз тарзи овардани мавод дар фарҳанг аз мисолҳои болоӣ ҳам ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Хусусияти силсилавӣ гуфтани мо ба он маъност, ки Замахшарӣ дар шарҳи як модда силсилае аз мисолҳо ва усулҳои корбасти моддаи луғавиро ба кор мегирад, ки дар он ҳам овардани муродифи арабии моддаи луғавӣ, ҳам масдари феъл, ҳам муродифҳои масдари феълӣ, ҳам мафҳуми зидмаънои моддаи луғавӣ ва ҳам ҷумлаи арабӣ дида мешавад. Чунонки: «بَرَّهُ – некӯӣ кард бо вай; أَحْسَنَ اليه/ بِرًّا و مَبَرَّةً/ و هو بَرٌّ –

марди некӯкор, ва борун мутародиф هم الأَبْرَارُ و ҷамъ – некӯкорон; وَ بَرَّ فی يَمِينِهِ– ростӣ кард дар савгандаш, рост омад дар савганд ӯ; ضِدُّ حَنِثَ/ و بَرَّتْ يَمِينُهُ – рост шуд савганди вай; بِرًّا/ و يَمِينٌ بَرَّةٌ – савганди рост» [159, 167].

Қисмати феъли «Муқаддимат-ул-адаб» хусусияти дигаре ҳам дорад. Дар ин қисмат фарҳангнигор барои хонанда баъзе хосияти феълҳоро тавзеҳу шарҳ низ додааст. Масалан, дар оғози боби «اسْتَفْعَلَ يَسْتَفْعِلُ اسْتِفْعَالًا» чунин менигорад:

و هذا الباب بناؤُه أن يكون بمعنى سؤال الفعل و طلبه كقولك استعجلتُه أي طلبتُ عجلتَه و استعملتُه » طلبتُ إليه العملَ ثم يتفرّع منه فروعٌ فمنها ما يكون بمعنى تفعّل…» [159, 270].

Тарҷума: Ва бинои ин боб ба маънои пурсидан (хоҳиш кардан) ва талаб кардани чизе тариқи феъл бошад, мисли ин ки гӯйӣ «истаъҷалтуҳу» саросема кардамаш, яъне талаб кардам, то ачала кунад ва ё «истаъмалтуҳу» тез кор кунонидамаш, яъне хостам, то тезтар кор кунад. Пас, ин навъи феъл ба шохаҳое тақсим мегардад ва яке аз он ба маънои афъолест, ки дар вазни «тафаъъала» меоянд. Ногуфта намонад, ки тавзеҳоти мазкур ва ба ин монанд тавзеҳоти дигари муаллиф, ки хусусияти таълимӣ доранд, тарҷума нагаштаанд. Яъне, ба ҳайси раҳнамое ба забони арабӣ дар қисмати оғозини бобҳо омадааанду халос.

III. Баҳраи сеюми китоб, ки дар мавзуи ҳарф аст, аз ҳашт фасл ба тартиби зерин иборат мебошад:

فصل فی الحروف التی تجر الاسماءَ – Фасли ҳарфҳое, ки исмҳоро маҷрур мекунад;

فصل فیحروف التی تنصب الاسم – Фасли ҳарфҳое, ки исмҳоро мансуб мекунад;

فصل فی الحروف التی تنصب الاسم و ترفع الخبر – Фасл дар мавриди ҳарфҳое, ки исмҳоро мансуб ва хабарро марфуъ месозад;

فصل حرفان ترفعان الاسم تنصبان الخبر – Фасл дар мавриди ду ҳарфе, ки исмро марфуъ ва хабарро мансуб мекунад;

فصل فی الحروف التی تنصب المضارع– Фасли ҳуруфе, ки феъли музореъро мансуб менамояд;

فصل فی الحروف التی تجزم الفعل المضارع – Фасли ҳарфҳое, ки феъли музореъро ҷазм месозад;

فصل فی الحروف التی غیر عامله [161, 287-288] – Фасли ҳарфҳои беамал (яъне, беътасир дар амали ҳаракатҳо–С.Н.).

Он дар тасҳеҳи И.Ҷ. Ветзштейн, Муҳаммад Козими Имом ва Маҳдии Муҳаққиқ мисли баҳраҳои чаҳоруму панҷуми ҷой надорад. Ду баҳраи охир ба тасрифи исму афъол бахшида шуда, қавоиди дастурии забони арабӣ (грамматика)-ро дарбар мегиранд [ниг.: 68, 280]. Шоистаи зикр аст, ки дар ду дастхатти ноқисе, ки мавриди истифодаи Маҳдии Муҳаққиқ будааст (нусхаи донишгоҳи Лейпсик, № B. or. 344 ва нусхаи Китобхонаи миллии Фаронса, № 4289) низ бобҳои мазкур вуҷуд надоранд. Ҳамчунин ин бобҳо дар дигар дастнавиштаву нашрҳо ҳам ба назар нарасиданд. Вале дар нусхаи Берлин мо онро пайдо намудем ва маълумоти зайл аз рӯйи ин нусха оварда мешавад. Сабаби ҷой наёфтани ин баҳра, ба назари мо, шояд дар он бошад, ки онҳо хос ба фарҳанги дузабона нестанд ва бештар ба дастури таълимӣ шабоҳат доранд. Ин ақида мабнӣ бар он ҳам ҳаст, ки он пурра ба забони арабӣ навишта шудааст. Масалан, бахши ҳарф, ки хурдтарин ҷузъи калима дар забони арабӣ аст, ақсоми ҳарфҳоро аз рӯйи вазъу вазифа ва истифодаашон дар ҷумла дарбар мегирад.

Замахшарӣ дар фасли аввал ҳарфҳои «би», «вов», «та» «мин», «ила», «фӣ», «ли», «рубба», «ало», «ан», «ка», «мунзу» «ҳатта», «ҳаша», «хала», «ада»-ро оварда истифодаи онҳоро бо зикри мисол нишон додааст, ки намунаҳои зерин аз мисолҳои мазкуранд: «مَررتُ **بِـ**زَيدٍ», «خَرَجتُ **من** البَصرَةِ», «سِرتُ **إلى** الكوفَةِ», « زَيدٌ **في** الدّارِ», «الماءُ **في** الكيس», «رُبَّما خَرَجتُ», «المالُ عَلى زَيدٍ», «تَبَحَّرَ **فى** الادَبِ **عَلى** صِغَرِ سِنِّهِ», « رأيتُهُ **مُنذُ** يَومِ الجُمعَةِ», « سَمِرتُ **حَتّى** زَيدٍ», «عسى القومُ **حاشا** زَيدٍ», «جاؤوا **خلا** زَيدٍ و **عدا** زَيدٍ» [161, 287].

Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки Замахшарӣ дар бахшҳои исму феъл зимни ташреҳи аксар моддаҳои луғавӣ, ба ҷуз муродифот, ибораву ҷумлаҳо ва масалу гуфторҳоро низ пас аз гунаи арабии он бо тарҷумаи форсӣ-тоҷикиаш сабт кардааст. Аммо дар бахши ҳарфҳо ин тарзи сабти мисол дида намешавад. Чунонки дар боло зикр шуд, муаллиф дар ин бахш пас аз сабти номи фаслҳо анвои ҳарфҳоро дар алоҳидагӣ нишон надода, мустақиман дар дохили мисол овардааст. Ҳамчунин тарҷумаи мисолҳо низ дида нашуд [ниг.: 161, 287-288]. Ин тарзи баёни муаллиф дар бахши мазкур аз як тараф мушкилие барои омӯзандаи забони арабӣ эҷод кунад, аз тарафи дигар принсипи қисматҳои пешинро низ барҳам мезанад.

Дар фасли дуюм, ки «Фаслун фӣ ҳуруфи-л-лати тансибу-л-исма ва ҳийа сабъатун» (Фасл дар мавриди ҳарфҳое, ки исмро насб мекунанд ва онҳо ҳафтоанд) ном дорад, Замахшарӣ ҳарфи мустасно бо «илло», «йо», «айо», «ҳайо», «ай»-и нидо ва «ҳамза»-ро овардааст. Мисол: «جاءَ القَومُ **الّا** زَيداً», « ما رايتُ **الّا** زَيداً احَداً», «**يا** عَبدَ اللهِ», «**يا** رَجُلاً خُذ بِيَدى» [161, 287]. Дар бахши мазкур тартиби тағйири ҳаракати охири калима дар ҷумла, ки вазифаи грамматикаи забони арабист, оварда шудааст ва маҳз ҳамин хусусияти фарҳанги мазкур, ки дар дигар фарҳангҳои дузабонаи замони муаллиф ва пас аз ӯ низ дида намешавад, арзиши онро боло мебарад. Барои он ки қариб ҳамаи фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ танҳо ба шарҳи исмҳо дар тартиби мавзуӣ ва ё ба исму феъл бахшида шудааст. Ҳатто, дар бештари фарҳангҳои дузабонаи муосир низ чунин хусусият, яъне таваҷҷуҳ ба тарҷума ва муайян кардани вазоифи ҳарфҳо дар таркиби ҷумла ва ё ибораву рехтаи забонӣ кам ба назар мерасад. Он ҳам, дар ҳолати пайдо шудан, на дар бахши алоҳида, балки дар таркиби бахши исмҳо ва ё феълҳо дида мешавад.

Дар фасли дигари бахши ҳарфҳо, ки «Фаслун фӣ ҳуруфи-л-лати тансибу-л-исма ва тарфау-л-хабара ва ҳийа ситтатун» унвон дорад, ҳарфҳоеро, ки исмро насб ва хабарро рафъ мекунад, номбар мекунад. Дар фасли мазкур Замахшарӣ адоти «инна ва ахавотуҳо»-ро [56, 44], бо зикри мисолҳо меорад: «انَّ زَيداً مُنطَلِقٌ», «بلَغَنى انَّ زَيداً ذاهِبٌ», «كَأنَّ زَيداً الاسَدُ», «ما جائَنى زَيدٌ و لكِنَّ عَمرواً حاضِرٌ» ва ғ. [161, 287]. Дар фасли мазкур ҳамаи шаш адоти насбкунандаи исм ва рафъкунандаи хабарро, ки бар акси «Кона ва ахавотуҳо» аст, муаллиф бо нишон додани истифодаи онҳо дар ҷумлаҳо сабт кардааст.

Дар панҷ фасли дигари ҳарфҳо, чунонки дар боло зикр намудем, ҳаракати исмҳову феълҳоро тағйир медиҳад, яъне онҳоро дар ҳолати рафъу насбу ҷар(р), ҳатто ҷазм қарор медиҳад, омадааст. Ҳамчунин ҳарфҳои атф ва ҳарфҳои ғайриомила низ фаслҳои алоҳидаро ташкил додааст. Дар ин бахшҳо низ тарзи мазкури шарҳу тавзеҳи моддаҳои луғавӣ ба кор рафтааст, ки дар зер чанд намуна оварда мешавад:

- рафъкунандаи исм ва насбкунандаи хабар: «**ما زید خارجا**», «**ما رجل ذاهبا**», « لا رجل افضل منک»;

- насбкунандаи феъли музореъ: «احب ان تقوم», «سرت حتی ادخلها», « این بیتک فازورک»;

- ҷазмкунандаи феъли музореъ: «لم یضرب زید», « لم ما یقوم عمرو», « ان یخرج اخرج»;

- ҳуруфи атф: «ضرب زید و عمرو», «جآنی زید و عمرو», «ا زید عنرک ام عمرو»;

- ҳуруфи ғайриомила: «لو اکرمتنی», «قد رکب الامیر», «سیکتب», «سوف یکتب», « کلا حل حضر», «حلا ضربت», «ان لا ضربت» ва ғ. [161, 288].

Бо вуҷуди он ки фарҳанги «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ аз ҷиҳати теъдоди вожаҳои арабӣ аз дигар фарҳангҳо, бахусус «Муқаддимат-ул-адаб» як маротиба зиёд вожаҳоро («Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» - 15000 вожа; «Муқаддимат-ул-адаб» - 7000 вожа) шарҳу тавзеҳ медиҳад, он танҳо бо бахши исм кифоят кардааст. Арзиши асосии «Муқаддимат-ул-адаб» бошад, маҳз фарогирии ҳамаи ҳиссаҳои нутқи арабӣ ва инъикоси тағйири ҳаракат дар охири калима – яъне, баёни қоидаҳои грамматикӣ бо зикри мисол аст. Ин вижагӣ дар фарҳангҳои дигар вуҷуд надорад ва ҳамаи ин хусусиятҳои «Муқаддимат-ул-адаб», ки ношӣ аз қоидаву қонунҳои забон аст, нишон медиҳад, ки хусусияти грамматикии фарҳанг беш аз хусусияти мавзуии он намудор мешавад. Аз ин рӯ, он ба гурӯҳи луғатҳои лексикӣ- семантикӣ, дохил мегардад. Шояд заминаи таълифи луғат осори зиёде ба забони арабӣ иншо намудани Замахшарӣ, аз қабили «Ал-Кашшоф», «Рабеъ-ул-аброр», «Атвоқ-уз-заҳаб», «Ал-Фоиқу фӣ ғариби-л-ҳадис» ва, бахусус «Ал-Муфассал», ки рисолаи грамматикӣ ба шумор меравад, бошад.

Бахши чаҳоруми «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ ба тасрифи исм, ки бо ҳаракоти рафъу насбу ҷар ва ё заммаву фатҳаву касра охири исмҳо тағйир меёбанд, бахшида шуда, муаллиф онро ба 29 фасл тақсим намудааст. Фаслҳои қисмати мазкур номгузорӣ нашуда, балки пас аз зикри калимаи «Фаслун» муаллиф қоидаҳои тағйири ҳаракати исмҳоро аз рӯйи қоидаи грамматикӣ бо мисолҳои гуногун дар тасрифи исм нишон медиҳад. Дар зер пас аз зикри

мавзуи фаслҳо чанд намуна аз қисматҳои гуногуни он оварда мешавад. Фаслҳои қисмати тасрифи исм чунин мавзуъҳоро шомил мебошанд:

Фасл	Номи фасл ба арабӣ:	Тарҷумаи тоҷикии он:
1	الاسما المعرفت	Исмҳои маърифа (муайян)
2	التنوين	Танвин
3	الاسم الذى يدخله التنوين و حركات الثلاث	Исмҳое, ки ҳам танвин меги-ранду ҳам ҳаракати сегона
4	اذا كان فى آخر الاسم الف	Агар дар охири исм алиф бошад
5	اذا ثنى الايم الحق بآخر الف و نون مكسورت او يا مفتوح ما قبلها و نون مكسورت...	Агар исм дугона шавад, дар охираш алиф ва нуни касра ва ё ё-и мафтуҳ қабл аз нун меояд ..
6	كل اسم اذا جمع جمع السلامت الحق بآخره واو و نون مفتوح او يا مكسور ما قبلها و نون مفتوح;	Ҳама исмҳо агар ба ҷамъи солим ҷамъбандӣ шаванд, дар охирашон вову нун ва ё ё-и максураву нуни мафтуҳа меояд
7	كل جمع على وزن افعل و افعال و افعله و فعله	Ҷамъҳои вазни «афъал»-у «ифъол» ва «афъила»-у «феъла»
8	جمع الجمع لا يصح الافى جموع القلت	Ҷамъулҷамъ дуруст нест магар дар ҷамъи баъзе
9	يقال ما احسن رووسهم و ما اعظم بطونهما على لفظ الجمع	Гуфта мешавад дар он чи оғози онҳоро беҳтар ва мобайни калимаҳои дугонаро бузургтар дар вақти ҷамъ мекунад.
10	الجمع الذى بينه و بين واحده التا	Ҷамъҳое, ки байни он ва байни шакли воҳиди ҳарфи то
11	الاسم الذى فى آخذه يا مقصور	Исме, ки дар охираш ё-и мақсур дорад
12	الاضافت ان تجمع بين اسمين	Изофат ҳангоми ҷамъшавии ду исм
13	تعنيث العدد من الثلاثت الى العشره	Муаннас шудани адад аз рақами се то даҳ
14	من الاسما المونثه ما لا يظهر فيه علامت التانيث	Аз исмҳои муаннасе, ки аломати таънисашон зоҳир нест.
15	ان جمع المونث جمع السلامت فالحق بآخره الفا و تاا	Агар ҷамъи муаннас ҷамъи солим

		аст, ба охираш алифу то ҳамроҳ кун…
16	كل جمع مكسر نحو تذكيره يب تانيثه سوا كان جمع مذكر او مونث	Тамоми ҷамъҳои мукассир (шикаста) дар мисоли шакли мардона ва занона баробаранд.
17	اذا ذكرت اسمين مرفوعين الاول منهما معرقت و الثانى نكيره و النكيره حديث عن المعرفت	Агар ду исми маърифаро зикр кунӣ, аввал маърифаву дуюм накира меояд ва накира аз маърифа бархостааст
18	الصفت مثل الموصوف فى تذكير التانيث و الافراد و التثنيت و الجمع والتغريف والتنكيروالاعراب	Сифат дар мардонаву занона, танҳову дугонаву ҷамъ, муайяниву номуайянӣ ва эъроб мисли мавсуф аст
19	اذا كان فى آخر الاسم الف	Агар дар охири исм алиф бошад
20	الاسم الالم الذى لا تدخل الالف واللام	Исмҳое, ки алиф лом намегиранд
21	اذا انصب الاسم ضدت فى آخذ ياا مشددتا مكسورا ما قبلها	Агар исм мансуб бошад, дар охираш ё-и мушаддади максур зиёд карда мешавад
22	لا يجوز نصبت الى الجمع	Нисбат ба ҷамъ ҷоиз нест
23	اذا صغرت الاسم فنظر فان كان على ثلاثت احرف	Агар исмро мусағғар кунӣ, таваҷҷуҳ кун ба исми салоса
24	اذا ارادت تصغير الجمع فرجع الى واحده فصغره ثم اجمعه	Агар тасғири шакли ҷамъро хостӣ, ба муфрадаш таваҷҷуҳ кун ва онро тасғир карда, ҷамъашро ҳосил кун
25	كل اسم اذا وقعت اليه وجب اسكان آخره	Дар сари кадом исме, ки истодаӣ, вуҷуби сокини охирашро дорӣ.
26	الاسما التى فى اولها الف الوصل	Исмҳое, ки дар аввалашон алифи васл ҳаст
27	نصميف العدد من الثلاثت الى العشرت الا الجمع والميآت [161, 180 б-184 б]	Таснифи адад аз се то даҳ ва то сад

Фасли Ал-асмоу-л-маърифати – исмҳои маърифа исмҳоеанд, ки тавассути ҳарфҳои «алиф» ва «лом» (артикли ал-) ва ё изофат бо калимаҳои дигар дар ҷумлаҳо навишта шуда, ба муайян будани исмҳои мазкур далолат мекунанд ва

исмҳои накира бошанд, бидуни «алиф» ва «лом» ва изофат китобат шуда, исмҳои номуайян ба шумор мераванд. Масалан: الرجل الغلام الفرس (маърифа – муайян), رجل غلام فرس (накира – номуайян) [161, 181а]. Дар фасли анвои ҷамъ бошад, муаллиф аз анвои ҷамъ, ки иборат аз ҷамъи таксиру ҷамъи тасҳеҳ аст, маълумот медиҳад. Ӯ аз сохту таркиби ҷамъҳои арабӣ гуфта, аз тарзи сохта шудани онҳо мисолҳо меорад. Масалан, дар мавриди ҷамъи таксир (шикаста) дар «Муқаддимат-ул-адаб» гуфта шудааст, ки ҷамъи таксир навъе аз шакли ҷамъи исмҳост, ки дар он намуди зоҳирии шакли танҳои калима шикаста мешавад, монанди «رجال» шакли ҷамъи вожаи «رجل» аст. Ҷамъи тасҳеҳ (сиҳат, солим) он навъ ҷамъест, ки шакли танҳои вожа дар он солим боқӣ мемонад, монанди «مسلمون» – шакли ҷамъи вожаи «مسلم» [161, 181б]. Қайд кардан бамаврид аст, ки ду тафовути асосӣ ва муҳимме, ки «Муқаддимат-ул-адаб» аз дигар фарҳангҳои дузабонаи арабӣ ба форсӣ дорад, якеаш шомили бобҳои афъолу ҳуруф будани фарҳанг бошад, дуюмаш фарогирии тасрифи асмову афъол будани он аст, зеро дар бахши мазкур Замахшарӣ ҳамаи қоидаву қонуни грамматикаи забони арабиро ба таври мухтасар бо мисолҳои кӯтоҳу осонфаҳм барои хонанда сабт кардааст. Бахши панҷуми «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ ба тасрифи феъл бахшида шуда, муаллиф онро ба 9 боб тақсим намудааст. Бобҳои бахши тасрифи феъл мавзуъҳои зеринро, ки дар шакли ҷадвал оварда мешаванд, фаро гирифтаанд:

Боб:	**Номи боб:**	**Тарҷума:**
1	**باب الماضی:** الماضی هو الذی یدل علی معنا وجد فی زمان الماضی;	**Боби гузашта:** Феъли гузаштае, ки ба маънои дар гузашта ёфтшуда далолат мекунад
2	**باب المضارع:** المضارع ما دخلت علی اوله الروايد الاربع و هی البا والتا والهمزه والنون	**Боби ҳозира:** Феъли ҳозирае, ки бар оғози он ҳарфҳои равоиди чаҳоргона, ки иборат аз бо, то, ҳамза ва нун аст
3	**باب الامر:** امر المخاطب الفاعله مشتق من الفعل المضارع و طریقت اشتقاقه منه ان تحظف الذایدت و تسکن الآخر و لا تغیر من	**Боби амр:** Феъли амри мухотабе, ки фоилаш аз феъли ҳозира иштиқоқ шудааст ва тариқи иштиқоқ

	البنا شيا	шуданаш бо ҳазфи зоида ва сукуни охири феъл аст, ки дар асоси он тағйире нест
4	**باب الفعل التعجب:** للتعجب صيغتان احداهما ما افعله والثانيت افعل به	**Боби феъли тааҷҷуб:** Барои феъли тааҷҷуб ду сиға аст, ки аввалаш
5	**باب المصدر:** المصدر هو الاسم الذى يصدر عنه الفعل	**Боби масдар:** Масдар исмест, ки феъл аз он сохта мешавад
6	**باب الاسم الفاعل:** اكثرما يحيى اسم الفاعل فى الثلاثى المجرد على وزن فاعل	**Боби исми фоил:** Аксари исми фоили феъли сулосии муҷаррад дар вазни фоил аст
7	**باب الاسم المفعول:** اسم المفعول من الثلاثى المجرد فلى وزن مفعول	**Боби исми мафъул:** Исми мафъул аз феъли сулосии муҷаррад дар вазни мафъул аст
8	**باب التفضيل**	**Боби тафзил** (зиёд кардан)
9	**باب المفعل** [161, 185a-196a]	**Боби мафъал**

Ҳар боби тасрифи феъл дар навбати худ боз ба фаслҳои гуногун тақсим шуда, пас зикри қоидаҳои тасрифи феъл мисолҳои гуногун оварда шудааст. Замахшарӣ дар қоидаи феъли мозӣ коре, ки дар замони гузашта аз тарафи шахси сеюм иҷро шудааст, навишта, феълҳои гузаштаи «ضرب» (зарба зад) ва «قتل» (ба қатл расонид)-ро мисол овардааст ва анвои дигари феълҳоро монанди фаъала, афъала, фаъъала, фоъала, тафаъъала ва ғ.- ро низ, ки анҷоми кореро дар замони гузашта мефаҳмонанд, зикр кардааст [161, 185б]. Муаллиф дар идомаи боби мазкур феълҳоро аз рӯйи ҷонишинҳо тасриф намуда, мисолҳоро аз афъоли дорои ҳарфи иллат низ, монанди муъталлу-л-айну муъталлу-л-лом оварда, тасриф намудааст. Масалан, дар боби музореъ муаллиф пас аз тасрифи феъл (афъалу, тафъалу, нафъалу, йафъалу) замони ҳозираву ояндаи онро чунин навиштааст: «يفعل الآن و يسمى حالا و حاضرا» ба замони ҳозира далолат кардани феълро мефаҳмонад ва «йафъалу ғадан», яъне «ғадан» анҷоми корро дар замони оянда нишон медиҳад [161, 188a].

2.2. Принсипи интихоб ва ҷобаҷогузории моддаҳои луғавӣ

Таҳқиқи вижагиҳои фарҳангномаҳо, махсусан фарҳангҳои дузабона бештар мавриди таваҷҷуҳ ва истифодаи аҳли таҳқиқу омӯзандагони забон қарор гирифтааст, зеро он воситаи муҳим ва роҳи беҳтарини дастёбӣ ба ганҷинаи бузурги забон маҳсуб меёбад. Дар фарҳангҳо калимаҳо ва ифодаҳое корбаст мешаванд, ки тӯли қарнҳо ҳифз шудаанд. Бавижа, фарҳангҳое, ки ҳанӯз аз рӯйи тартиби алифбоӣ, ки осонтарин навъи танзими фарҳангҳост, иншо нашуда буданд. Фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ аз ҷумлаи фарҳангҳоест, ки тибқи анъаноти маъмули замонаш муаллиф танзими мавзуиро пеш гирифтааст. Мувофиқи дастабандии худи муаллиф хусусияти грамматикии фарҳанг бештар падидор мешавад ва бобҳову фаслҳои он ҳам аз рӯйи дастабандӣ ба ҳиссаҳои нутқ мутааллиқанд. Ин аст, ки мо онро ба гурӯҳи фарҳангҳои лексикӣ-семантикӣ ворид карда метавонем, ки принсипи мавзуӣ доранд. Барои он ки ба назар нагирифтани принсипи мавзуӣ дар ҷустуҷӯ ва дарёфти моддаҳои луғавӣ мушкилӣ эҷод мекунад. Ҳамчунин бояд иқрор шавем, ки фарҳанг хусусияти морфологӣ низ дорад, ки тавассути ҳиссаҳои нутқ танзим ёфтани моддаҳои луғавӣ дар фарҳанг бозгӯи ин падида аст.

Гуфта шуд, ки фарҳанг аз 5 қисмат иборат аст ва ҳар қисмат бо хосиятҳои ба худ хос танзим ёфтааст. Масалан, дар қисмати исмҳо вижагии мавзуӣ доштани фарҳанг бештар падидор аст. Муаллифи фарҳанг дар ин қисмат ба ҳар мавзуи дар назараш муҳим ба таври алоҳида пардохта, ягонагии кори худро ба ин восита нишон доданӣ шудааст, ҳар боб аз китоби ӯ ба як мавзуи мустақил ихтисос дорад. Дар ин бобҳо, ки дар китоби ҳозир нақши фаслҳои ҷудогонаро доранд, муаллиф мавзуи дилхоҳро гирифта, мафоҳими марбут ба мавзуъро дар тартиби муайяне забт месозад. Масалан, вақте муаллиф мафоҳимеро, ки ба мавзуи воҳид алоқаманданд, ҷамъ меоварад, мекӯшад, то барои пурра ва бо инсиҷоми муайян ба намоиш овардани он ва ба риштаи таҳқиқ кашидани мавзуъ манзараи куллии алоқаманд ба мавзуъро нишон дода тавонад. Аз ин хотир, Замахшарӣ ба сабти калимоти наздикмаъно бештар аз дигар

фарҳангнигорон таваҷҷуҳ кардааст. Барои ҳамин, мо, пеш аз ҳама, муҳимтарин хусусияти фарҳангро дар сабт кардани калимаҳо ва ё моддаҳои луғавии наздикмаъно мебинем. Ин нукта, аз диди мо, ба он хотир асоси кори муаллифи фарҳанг будааст, ки ӯ хусусияти мавзуиро дар танзими луғат пеш гирифтааст. Аммо дар баробари мавзуъ асоси таълимӣ ҳам доштани фарҳанг барои омӯзандагони забони арабӣ ин нуктаро боризтар нишон медиҳад. Чунончи, дар яке аз бобҳои фарҳанг, ки ба тир ва тиргарӣ ихтисос дорад, ин мафҳумҳоро мехонем: «سَهْمٌ», «مِنْزَعٌ», «نَبْلٌ» ба маънои тир [159, 69], «саҳҳомун» ва «نَبَّالٌ» ба маънои тиргар [159, 69].

Дар баробари ин, Замахшарӣ услуби вижаеро пеш гирифтааст, ки аҳаммияти фарҳанги ӯро меафзояд. Ӯ, дар баробари он, ки дар ҳар боб ба мавзуи алоҳида ва мафоҳими марбут ба он мавзуъ мепардозад, силсилавожагон ё мафҳумҳоеро паиҳам ва ба тартиби муайян меорад, ки хонанда ё истифодабарандаи фарҳанг ба содагӣ аз сохт, таркиб ва ё танзими мафҳумҳои мавриди шарҳ огоҳӣ меёбад. Доктор Камол Ҷабрии Абҳарӣ ин вижагиро асоси таълимии луғати мавриди пажуҳиш медонад, ки аз ҳақиқат дур нест [41, 111]. Масалан дар «**Бобун фӣ-с-сайд ва-с-саййод ва-ш-шаббок** андар нахчир ё нахчиркорон бо дом» мехонем: «شَبَكَةٌ – дом; شَبَكٌ ҷамъ…; حبَالَةٌ – пойи дом; حَبَائِلُ ҷамъ; كِفَّةٌ – ҳалқаи дом; كِفَفٌ ҷамъ; جُرَّةٌ – ду чӯб, ки дар сари дом аст; جُرَرٌ ҷамъ; مِلْوَاحٌ – хуруҳаи дом, хӯрданӣ дар дом, хӯрди дом…» [159, 54]. Яъне, Замахшарӣ тамоми ҷузъҳои «дом»-ро, ки бар тасаввури хонанда меоянду баҳри ӯ заруранд, ба решаву ҷузъҳо ва танзими истифодаи он қайд менамояд ва мавриди шарҳ қарор медиҳад. Аз ин навъи коргирӣ бо маводи луғат мо ба як мушоҳидаи ҷолиб расидем. Муаллиф дар баробари бобҳои бузургтари мавзуӣ тақсимоташро дар гирди моддаҳои луғавие ҳам қарор додааст, ки дар алоҳидагӣ як мафҳуми комилро ифода кардаву муродифҳое ҳам доранд, ки ба маъниҳои мушаххастар меоянд. Чунонки ин нукта дар мисоли боби мазкур ишора ҳам шуду силсилаи муродифҳои он зикр ҳам гардид. Чунончи, дар мисоли болоӣ «шабакатун» – дом сарҳалқаи силсила буда, моддаҳои дигар барои пурра кардани паҳлуҳои гуногуни он омадаанд. Чунончи, вожаи «شَبَكَةٌ – дом», ки дар

боло ба он истинод карда шуд, ба муродифи «شرفت» ва шакли ҷамъи он «شرف» ҳамроҳ зикр шудаанд [159, 54]. Ё ин ки: «معا [قِتْرَةٌ] قُتْرَةٌ – хонаи сайёд; хонаи сайёд, ки дар ӯ пинҳон мешавад; козаи сайёд; تامُوسٌ м. – نَوَامِيسُ ҷамъ» [159, 54]. Мисоли дигар: «بَهِيمَةٌ – чаҳорпой; чорпой; بَهَائِمُ ҷамъ; نَعَمٌ муродиф – сутурон; шутуру гову гӯсфанду буз; نَعَامٌ ҷамъ; أَنَاعِيمُ ҷамъулҷамъ; بَعِيرٌ – уштур; шутур; بُعْرَانٌ ҷамъ; إِبْلٌ уштурон; آبَالٌ ҷамъ; إِبْلٌ سُدًى – ушутурони фарогузашта; أَعْيَسُ – уштури сапед; عِيسٌ ҷамъ…» [159, 71]. Ба ин монанд, дар зайли иқтибоси боло калимаҳои «صِرْمَةٌ », «اذْوَادٌ», «جَمَلٌ», «نَاقَةٌ», «بَوٌّ», «بكَرٌ», «فَصِيلٌ», «رُبَعٌ», «هبَعٌ» ва даҳҳо калимаву ибораи дигар зикр шудааст, ки навъе аз анвои шутурон ва ё чаҳорпоёнро ифода мекунанд. Яъне, мавзуи мазкурро аз ҳар ҷиҳат пурраву комил мекунанд. Пас, яке аз вижагиҳои интихоби моддаҳои луғавӣ дар фарҳанг ин риояи принсипи муродифорӣ ва зикри ҷамъи калимот мебошад. Барои он ки луғатнигор танҳо пас аз забти мафоҳими хусусияти муродифӣ дошта ба мафҳумҳои наздикмаъно ва пурракунанда таваҷҷуҳ мекунад. Масалан, дар боби шикор, ки ду бор ба моддаҳои луғавии он ишора шуд, пас аз овардани вожагони «сайёд», «шабакатун», «қутратун» ва моддаҳои ба онҳо марбут, Замахшарӣ ба моддаҳои луғавии «فخ – доми гунҷишк; доми бунҷишк» ва «زبيت – чоҳе, ки сайёд аз хавфи шер дар ӯ пинҳон мешавад» [159, 54], низ ишора менамояд. Ин нукта бори дигар исбот мекунад, ки падидаи мавзуӣ дар қисмати исми фарҳанг ва баргузиниши моддаҳои он ҷои аввал дошта, муаллиф бо забти чунин моддаҳо мехоҳад як мавзуъро ҳарчӣ комилтар ва пурратар дар назари хонанда нишон диҳад. Дар ин маврид ӯ нахуст ба овардани муродоифоти моддаи луғавӣ ва шакли ҷамъи онҳо даст зада, сипас моддаҳои луғавии дигарро, ки бо моддаи луғавии боб ва ё мавзуи боб алоқаманданд, низ зикр менамояд. Мо дар ин маврид мисолҳои зиёдеро зикр карда метавонем: «سِتْرٌ – парда. سُتُورٌ ҷамъ, أَسْتَارٌ ҷамъ; سِتَارَةٌ муродиф, سَتَائِرُ ҷамъ; سُتْرَةٌ муродиф, سُتَر ҷамъ; سِجْفٌ муродиф; خِدْر муродиф, خُدُورٌ ҷамъ; حِجَابٌ муродиф – пардаи мулук (маънои дигари вожа), حُجُبٌ ҷамъ; حجَلَةٌ муродиф – пардаи арӯсон, حِجَالٌ ҷамъ; معا [شِفٌ] شَفٌ – пардаи тунук, شُفُوفٌ ҷамъаш» [159, 63].

Таваҷҷуҳ ба иқтибосҳои болоӣ нишон медиҳад, ки муаллиф бо зикр кардани муродифҳо бо шакли ҷамъашон ва вижагии махсуси корбасташон паҳлуҳои гуногуни моддаҳоро бознамоӣ мекунад. Чунончи, Замахшарӣ на танҳо бо овардани муродифҳо, балки бо калимоти марбут ба моддаи луғавӣ онро аз ҳар ҷиҳат такмил медиҳад. Мисол: «نجار – дурудгар; قدوم – теша, قدم ҷамъ; منحات – тешаи бузург;أُشَارَةٌ – хӯрдаи чӯб; مِنْشَارٌ – арра,اَنَاشِيرُ ҷамъ; مِنْشَارٌ мутародиф – дастарра, مَآشِيرُ ҷамъ; ثِقَافٌчӯбросткунанда, ранда; ثِقَابٌ мутародиф, مِثْقَبٌ бурма, сӯрохкунанда, مَثَاقِبُ ҷамъ, ـَتَلَةٌ – саканаи бузург, исканаи бузург, кирдаи бузург; بَيْرَمٌ – сакани хурд, исканаи хурд; مِيتَدَةٌ – мехкӯб» [159, 56].

Дар мисоли феъл бошад, ин хусусият дида намешавад. Муаллиф дар ин қисмат ба хусусияти алифбоӣ ва тартиби силсилавии зикри моддаҳои луғавӣ таваҷҷуҳ карда, тамоми моддаҳои луғавии дигарро барои нишон додани усули истифодаи феъл меорад. Мисол: «هداه الطريق – бинамуд ӯро роҳ; роҳро намудаш; وهدا له – бинамуд ӯро роҳ; роҳро намудаш; бинамуд ба ӯ роҳро; وهداه اليه – ва раҳнамун шуд ӯро ба роҳ; роҳро ба ӯ бинамуд; هدايتا – раҳнамун шудан; роҳ намудан; وهداه للاسلام – роҳаш намуд ба мусалмонӣ; роҳ намудаш ба мусалмонӣ; бинамудаш роҳ ба ислом; هديا – раҳнамун шудан ба мусалмонӣ; هدى بنفسه – худро ёфт; худ роҳи рост ёфт; худ ба роҳи рост андар шуд; худ биёфт роҳро; худ бичуст роҳро; هديا – худ ба роҳи рост рафтан; وهدى اليه العروس – фиристод арӯсро; фиристод ба сӯи ӯ арӯсро; ҳадоан – арӯс фиристодан; وهى هدى – ва ин арӯс; وهدى هدى فلان – рафт бар равиши ӯ; пайравӣ кард ӯро дар рафтораш; бирафт бар ниҳоди ӯ» [160, ҷ.2, 230].

Аммо аз иқтибоси боло, ки ба исм тааллуқ дорад, як хусусияти дигари интихоб ва ҷобаҷогузории вожаҳо низ бармало мешавад. Ин хусусият дар зимни овардани муродиф, зикр кардани маънои дигари муродифҳо ва тарзи корбаст шудани онҳо мебошад. Чунончи, паҳлуи дигари маънои «حجاب»-ро «пардаи мулук», «حجلت»-ро «пардаи арӯсон» ва «شف»-ро «пардаи тунук» гуфтани муаллиф бар ин иддао таҳвият мебахшад.

Нуктаи дигаре, ки вожаҳои меҳвариро аз моддаҳои дигар тарҷеҳ медиҳад, он ки бештар авқот ба вожаҳои мавриди назар тавзеҳоти зиёдтаре иншо

мешавад ва ин тавзеҳот ғолибан дар забони арабианд. Муаллиф, зимнан, вожаҳои меҳварии фарҳангро бештар аз муродифоти он ва ҷамъу навъҳои тасрифиаш шарҳ медиҳад. Аз ин рӯ, тамйизи чунин моддаҳои луғавӣ барои дастдаркорон ва муҳаққиқони фарҳангпажуҳ кори мушкил нест. Мисол: «ٱللَّهُ – Худои баҳақ و اصله إله من أَلَهَ إلهَةً اى عَبَدَ عِبَادَةً و الاله من اسماء الاجناس كالرجل و الفرس اسم يقع على معبود بحق او باطل ثم غلب على المعبود بحق كما النجم اسم لكل كوكب ثم غلب على الثريّا و اما الله بحذف الهمزة فمختصّ بالمعبود بحق لم يطلق على غيره» [159, 30]. Тарҷума: аслаш «илоҳ» аст аз феъли «алаҳа» парастидан ва «илоҳатун» оне, ки ӯро парастанд ва «абада» ибодат кардан ва «ибодатун» оне, ки ӯро ибодат кунанд. Ва «илоҳ» аз исмҳои ҷинс аст, мисли «рачул» ё «фарас» ва исмест, ки барои маъбуд истифода мешудааст, новобаста аз маъбуди ҳақ ва ё ботил будани он. Сипас, танҳо бар маъбуде, ки парастидани он ҳақ аст, ғолиб омад (яъне, ихтисос пайдо кард), чун «начм», ки исмест аслан барои тамоми ситораҳо, сипас мухтас(с) ба Сурайё шуд. «Аллоҳ» ҳам бо ҳазфи «ҳамза» ихтисос бар маъбуди ҳақ ёфт ва ба ғайри он итлоқ намешавад.

Аз иқтибоси мазкур бармеояд, ки муаллиф аввал решаву асли калимаи мавриди назарро, ки аз масоили асосӣ дар ин боб аст, шарҳ додаву сипас муродифот ва калимаҳову мафҳумҳои наздикмаъноро ба он сабт мекунад. Агар муаллиф дар зимни масоили фаръӣ низ шуруҳеро сабт карда бошад, ин танҳо ба хотири такмили шарҳи пештара ва тасдиқи иддаои ӯ роҷеъ ба мадхали асосӣ аст. Масалан, пас аз сабти калимаи «Аллоҳ» дар фарҳангнома калимаи «Маъбуд» ҳамчун муродифи он омада, Замахшарӣ дар зимни он нигоштааст: « و المراد منه المعبودات الباطلة لأن الإله ليس الّا الله رَبٌ» [159, 30]. Тарҷума: «Олиҳатун» ва мурод аз он маъбудҳои ботил аст, зеро ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳи тарбиятгар нест. Таваҷҷуҳ ба иқтибоси боло ва он ки муаллифи луғат решаву асли калима ва тарзи корбурди онро муайян мекунад, нишон медиҳад, ки шарҳи мазкур танҳо таҳвиятдиҳандаи шарҳи аввалист. Гузашта аз ин, овардани ҷумлаҳои арабӣ танҳо барои фарқи корбурди вожаҳоро дар забони арабӣ нишон додан аст. Яъне, муаллифи фарҳанг таваҷҷуҳи вижаи худро бар вожаҳои меҳварӣ нигаронида, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро аз муродифонашон нишон

додааст. Хусусияти мазкур на танҳо дар фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб», балки дар фарҳангҳои дигари ҳамсони ӯ низ дида мешавад. Мо айни ин падидаро дар фарҳанги машҳури «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ низ ба мушоҳида гирифтем. Масалан, дар зери вожаи «Ал-маръату – зан» чунин вожаҳои наздикро мехонем, ки аз чанд ҷиҳат маънои онро такмил додаанд:

Инҳо ва чанд калимаи дигар ба маънои «/зане/, ки ба ҷудоӣ дар касе, ҷуз шавҳари хеш нанигарад; ба оҳистагӣ бар пой хезад; /зане/, ки кор накунад; /зане/, ки бавл нигоҳ натвонад дошт; /зане/, ки гӯшт надорад бар дастҳо; /зане/, ки роҳи гузари бавл ва кӯдак яке шуда бошад; /зане/, ки шӯйи бисёр кунад; /зан/, ки бӯй ба кор набарад [163, баргаи 45]; /зане/, ки андак зояд; /зане/, ки бисёр зояд; /зане/, ки бо шӯй ором нагирад; /зане/, ки шӯй кунад ва фарзандаш бузург бошад…» [163, баргаи 46] омадаанд.

Чунин хусусиятҳо, агар аз як тараф фарогирӣ ва ҷомеъияти луғатро таъмин карда бошанд, аз сӯи дигар танаввуи мадхалорӣ ва суҳулати истифодаи фарҳангро дар замони муаллиф таъмин менамоянд. Барои он ки фарҳанг ба тариқи алифбоӣ танзим нашуда, танзими он асосан бар пояи мавзуӣ буда, мавзуъ ҳам инҳисор ба бобҳои он дорад. Яъне, хусусияти сарфию наҳвии он дар қисмати феълу исм якандоза ба ҷои худро ба мавзуъ медиҳад. Боббандии асосии фарҳанг бар пояи ҳиссаҳои нутқи забони арабӣ ниҳода шуда бошад ҳам,

вижагии семантикӣ боризтар аз он мебошад. Ҳамчунин азбаски қисматҳои исму феъли фарҳанг аз ҷиҳати фарогирии мавод ва ҳаҷм аз дигар бобҳо бештар мебошанд, ин иддаои мо таҳаққуқи бештар мегирад. Дар сафаҳоти пеш ҳам гуфта шуд, ки бобҳои асосӣ боз ба зербобҳо ҷудо мешаванд ва ба зербобҳо ҷудо шудани онҳо вобаста ба мавзуи онҳо мебошад. Ва, ҳамчунин гуфта шуд, ки зербобҳо вижагии махсуси вожаорӣ доранд, ки ба умдатарини он ишора гардид. Аммо хусусиятҳои интихоб ва ҷобаҷогузории моддаҳои луғавии «Муқаддимат-ул-адаб» бо ин тамом намешавад.

Дар зайл мо моддаҳои луғавии фарҳангро дар бахшҳои хоси мавзуъ таҳлил намекунем, балки мехоҳем дар алоҳидагӣ баъзе хусусиятҳои гузиниши моддаҳои луғавиро ишора кунем. Дар фарҳанги мавриди таҳқиқ чун дигар китобҳои ҳамсони он калимаҳои гуногуннавъ истифода мешавад ва моддаҳои луғавӣ бо тарзҳои мухталиф зикр мегарданд.

Нахустин чизе, ки дар мавриди зикри моддаҳои фарҳанг мо бояд шиносем, ин аст, ки Замахшарӣ гунаҳои мухталифи навишти ин моддаҳо зикр мекунад. Чунончи, ӯ ду ва ё зиёда моддаи луғавии муродифи арабиро паиҳам қарор додааст. Ё ин ки дар зимни сабт кардани як моддаи луғавӣ калимае, ки аз ҳамин реша сохта шудаву бо калимаи мавриди шарҳ маънои воҳид дорад, аз ҷониби луғатнигор зикр гардидаанд. Мисол: «و سَغْبَانُ / و هو سَاغِبٌ – ва ин гурусна» [160, ҷ.2, 270]. «ندبا / ندبتا – бар мурда зорӣ кардан; гиристан бар мурда; нола кардан бар мурда» [160, ҷ.2, 275]. «مخرجا / خروجا – берун шудан; берун рафтан; берун омадан аз сарой» [160, ҷ.2, 282]. «جبرانا / جبورا – худ баста шудан» [160, ҷ.2, 304].

Як идда таҳқиқоте, ки перомуни фарҳангҳои тафсирӣ дар забоншиносии мо, чӣ дар замони шӯравӣ ва чӣ пас аз он ба майдони таҳқиқ омадаанд, усули муҳимтарини ташреҳи маводро дар асрҳои муайян дар худ таҷассум кардаанд. Ба ин гурӯҳи таҳқиқот аз кори Ф. Ғиёсова, ки «Усули ташреҳи шакли воҳидҳои лексикӣ дар фарҳангҳои қарни XVII» унвон дорад, ёд кардан бамаврид мебошад. Муаллифи рисолаи мазкур навъҳои ташреҳи шакли воҳидҳои лексикиро дар нуктаҳои зер медонад: «*1. Усули ташреҳ бо гузоштани ҳаракатҳо; 2. Усули ташреҳ бо қофия - вазни шеър; 3. Усули тавсифӣ; 4. Усули*

шарҳи вожаҳо тавассути ҳуруфи абҷад; 5. Усули қиёсӣ» [52, 10]. Ҳарчанд, ин усул танҳо ба шакли воҳиди лексикӣ ва ё моддаи луғавӣ алоқаманданд, намунаи беҳтарини усулноккунии таҳқиқро, ки дар боло роҷеъ ба он ишора шуд, нишон медиҳанд.

Чунонки зикр гардид, қадами нахустин дар ташреҳи моддаи луғавӣ шинохти чигунагии навишти он мебошад. Дар забони арабӣ ин нукта бисёр муҳим аст. Дар фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» ин падида дар гузоштани ҳаракатҳо зоҳир шудааст. Фарҳангнигор дар кулли калимоте, ки дар фарҳанг ба ҳайси моддаи луғавӣ истихдом мекунад, ҳаракат гузоштааст. Ин хусусият, чӣ дар нусахи хаттӣ ва чӣ дар нашрҳои муосир риоя мешавад. Эъроби моддаҳои луғавӣ дар фарҳанг ба ҳадде риоя мешавад, ки дар ҷумлаҳое, ки ба ҳайси мисол зикр шудаанд, низ ба мушоҳида мерасад: «كَأَنَّكَ حَفِيٌّ عَنْها عَالِمٌ بِهَا» [159, 150]. Нуктаи дигар он ки дар фарҳанг гунанокии эъроби калимаҳо низ, чунонки дар боло ҳам таъкид гардид, ишора шудааст. Мисол: «… [مِحَاقٌ مَحَاقٌ]– مُحَاقٌ мусалласи охири моҳ; се шаб аз охири моҳ; معا [سِرَارٌ] سَرَارٌ мутародиф» [159, 4]. Ба ин даста моддаҳои луғавии «معا [الْقِعْدَةِ] ذُو الْقَعْدَةِ», «معا [عَصَرٌ] عَصْرٌ», «مثلّث [جُمَعَاتٌ جُمْعَاتٌ] جُمُعَاتٌ [159, 4], [أَنَى] إِنًى» معا [فَوَاقٌ] فُوَاقٌ», «[زَهْرَةُ] زُهْرَةُ» [159, 5], «مثلّث [مَشْرَقَةٌ مَشْرُقَةٌ] مَشْرِقَةٌ», «معا [رَدَغَةٌ] رَدْغَةٌ» معا [تُرْبٌ] تَرْبٌ» معا [159, 7], «معا [شَمَلٌ] شَمَلٌ», «معا [شَمَالٌ] شِمَالٌ», «معا [نِهْيٌ] نَهْيٌ» معا [أَرَضُونَ] أَرْضُونَ[159, 8], معا [ذُرْوَةٌ] ذِرْوَةٌ» معا [لِحَام] لُحَامٌ», «ҷассун / ҷиссун», أَخْشَبٌ [أَخْشُبٌ]» مثلّث [مِرْتَكٌ مُرْتَكٌ] مَرْتَكٌ» معا [فِلَزَّات] فِلِزَّات [159, 910-] ва ғ.-ро шомил карда метавонем. Як нуктаи бисёр ҷолиб он ки ҳангоми якбора се гунаи моддаи луғавиро зикр намудан, муаллиф калимаи “мусаллас”-ро ҳатман ба риштаи қайд мекашад. Ин падида яке аз шохисаҳои муҳимми фарҳанг ҳангоми сабти гунанокии савтии моддаҳои луғавӣ ба ҳсиоб мерасад.

Бо вуҷуди он ки дар фарҳанг калимаҳо бо эъроб ишора шудаанд, дар дохили матн ҷой-ҷой ишораҳои худи муаллифро дар мавриди эъроби калимаҳо мехонем: «يبث (би-т-таҳрик) – ҷойгоҳе хушк [159, 119], «عورات النيا (би-т-таҳрик)» [159, 39], «اوقع الورقت (би-т-таҳрик)» [159, 95] ва ғ. Инчунин, айни ҳамин калимаҳоро бо таскин (бидуни ҳаракат, сукун дар ҳиҷо) аз фарҳанг зикр карда

метавонем, ки маънои дигар доранд. Масалан, «يبث (би-т-таскин) – ҳезуми хушк» [159, 119].

Зикри чандгунагии навишти моддаи луғавӣ ва ё чигунагии навишти он аз масоили бисёр пуртаваҷҷуҳи луғатнигорони луғатҳои дузабона ба шумор меравад. Дар ин радиф бояд зикр шавад, ки луғатнигорон аксаран ба гунанокии навишти моддаҳои луғавӣ барои он таваҷҷуҳ мекунанд, ки дар ин ҳолат маъно комилан дигар мешавад. Чунончи: «فَلْجاً [فُلْجاً] معا – пирӯз шудан; пирӯзӣ; чира гардидан» [160, ҷ.2, 283]. Ё ин ки: «يَسْعُطُهُ [يَسْعَطُهُ] معا – фурӯ мечаконид дору дар бинии ӯ; фурӯ мечаконд доруро дар бинии ӯ» [160, ҷ.2, 333] ва «يَفْقَعُ [يَفْقُعُ] معا – равшан мешавад ранг; мегардад ранг; нек мешавад ранг; софӣ мешавад ранг» [160, ҷ.2, 336]. Аммо силсилаи калимоте ҳам ҳастанд, ки бо тафовути андак дар навишт комилан маънoҳои гуногун мегиранд. Мисол: «الشكل(бо фатҳа) – монанд; ҳамто; ҳаммонанд; الشكل (бо касра) – ганҷ; карашма» [160, ҷ.2, 357]. Ё ин ки: « ربوا/ربوا(бо фатҳа ва касра) – афзудан; афзун шудан; фузунӣ ёфтан; ربوا – кафк баромадан» [160, ҷ.2, 457]. Гоҳе бошад, ин фарқият танҳо дар шакли навишт дида мешавад: «Bمعا [حَذِرٌ] حَذَرًا و حِذْرًا و هو حَذُرٌ – тарсанда ва тарсон» [159, 157]; «و معموره / و دار عامره – сарои ободон; сарои обдон» [160, ҷ.2, 315]; «ضَمَّرَ / ضَمَّرَ – борикмиён шуд; лоғар шуд» [160, ҷ.2, 313]; «ضمرا / ضمرا / ضمرا – борикмиён шудан; лоғар шудан» [160, ҷ.2, 313].

Агар дар мисолҳои мазкур муаллифи «Муқаддимат-ул-адаб» моддаҳои луғавии муродифиро дар дохили як моддаи луғавӣ китобат карда бошад, дар мисолҳои зер моддаҳои луғавии муродифшуда ва ё як маъно доштаро паиҳам дар шакли ду моддаи луғавии алохида меорад, ки низ аз хусусиятҳои бориз дар бахши феъли фарҳанг ба шумор меравад:

«وخطب الخطيب القوم – сухан гуфт сухандон мардумро; و خطب على القوم – суханварӣ кард бар мардум; хутба гуфт хатиб мардумонро; хатиб хутба овард мардумро» [160, ҷ.2, 268]; «طلب منه – биҷуст ӯро аз вай; бихосташ аз ӯ; وطلبه اليه – биҷуст ӯро аз вай» [160, ҷ.2, 272].

Дар бораи муарработ, ки бахши муҳимми забони арабианд, баҳс менамоем. Муарработ аз ҷузъҳои бисёр муҳим ва аз омилҳои хеле муассир дар ганӣ

гардонидани забони арабӣ ба шумор мераванд. Чунонки олимон мегӯянд, забонҳо бидуни робита бо якдигар вуҷуд дошта ва ё пеш рафта наметавонанд. Дар ин замина, олимони зиёде таҳқиқоти судманд анҷом додаанд, ки В.В. Виноградов [116, 12-95], Н. Маъсумӣ [67, 143-165], М. Қосимова [61, 79-85], Д. Саймиддинов [79, 46], Т. Бердиева [45, 8-40], Н. Ғиёсов [47] ва дигаронро метавон ном бурд. Барои он ки калима ва ё мафҳуме аз як забон ба забони дигар ворид шуда, дар он ҳазм шавад, бояд чандин марҳиларо тай намояд. Муҳаққиқ Т. Бердиева дуруст ишора мекунад, ки калимаҳои иқтибосӣ дар баробари бо тағйироти овоиву шаклӣ дучор шудан, дар маъно низ дигаргуниҳоеро аз сар гузаронидаву ҳатто ба таркиби фразеологияи забони иқтибоскунанда ворид мешавад [45, 25-30]. Аз ҷумла, забони арабӣ бо забони форсӣ-тоҷикӣ робитаи деринаву мустаҳкам дорад ва барои шаклгириии тамаддуни арабӣ-исломӣ саҳми донишмандони форсизабон хеле намоён аст. Чунончи, дар таркиби забони арабӣ ҳам дучор омадани иддаи чашмраси калимоту ифодаҳои форсӣ-тоҷикӣ ва дар таркиби забони шеъру фразеологияи араб ва, ҳатто, оятҳои қуръонӣ истифода шудани онҳо далели боризи ин гуфтаҳост. Агар, аз як тараф, ин далоили бо ҳам робитаи дерина доштани забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ бошад, аз тарафи дигар баъди паҳншавии дини мубини ислом раванди азхудшавии калимоту таркиботи арабӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба маротиб афзуда, марҳилаҳои ҳазмшавии калимаҳои иқтибосиро ниҳоят тез кард. Чунончи, таъкиди “баъзан калимаҳои иқтибосӣ худ ба нормаи забон мувофиқ шуда ва серистеъмол гаштаанд”- и Т. Бердиева шояд ба ҳамин назар бошад [45, 35]. Ин аст, ки забони тоҷикӣ хеле калимаҳои куҳнаи худро ва ё дигар забонро ба воситаи забони арабӣ дубора ба таркиби луғавии худ қабул кардаву шаклу шамоили забони арабиро дар он нигоҳ доштааст. Муҳаққиқон ҳам дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиши таъсири мутақобилаи ин забонҳо ба чунин хулоса расидаанд. Масалан, Ю. Кенҷаев ишора дорад, ки тавассути муаррабшавӣ калимаҳои ғайрифорсӣ низ ба забони арабӣ ҳамчун аносири арабӣ ворид шудаанд [58, 27].

Фарҳанги Замахшарӣ ҳам ба ду далел аз муарработ лабрез аст. Якум, чунонки ишора шуд, муарработ ҷузъи муҳимми забони арабианд ва бидуни тасаллуту огоҳӣ аз он забони арабиро мукаммал фаро гирифтан, ҳатто, ба худи соҳибони забон ғайриимкон мебошад. Дар ҳоле, ки луғатнигорони пешин асоси кори худро бар ин ниҳодаанд, то фарҳанги дузабонаи ҳарчӣ ҷомеътар биофаринанд, ки барои қишрҳои гуногуни ҷомеа ба кор ояд. Вижагии ба мавзуъҳои алоҳида ихтисос доштани зербобҳо ҳам бад-ин маъност. Яъне, дар баробари ба мавзуи алоҳида дар бахше аз бахшҳои луғат таваҷҷуҳ кардан, муаллиф ба тамоми ҷузъиёти он мавзуъ мепардозад ва дар натиҷа сурати комиле аз як мафҳум ва чанд вожаи асосии луғатро дар назари хонанда овардааст. Сабаби дигар он ки Замахшарӣ худ аз фарзандони фарзонаи ин миллат аст ва бо он ки бар забони арабӣ тасаллути комил дорад, аз забони форсӣ-тоҷикӣ низ истихдоми зебо дар шакли калимот, иборот ва ё ҷумлаҳои зебову ғайричашмдошт ва хато намекунем, агар бигӯем, шоирона дорад. Вале мавзуи мазкур баҳси дигарест ва дар фаслҳои дигар навишта хоҳад шуд. Муарработ ҳам чун ҷузъи забони форсӣ, ки барои Замахшарӣ нисбат ба дигар фарҳангнигорони арабзабон ошнотар буд, ногузир саҳми намоёне дар байни моддаҳои луғавии фарҳанги ӯ дорад. Инҳо калимаҳои «صَوْلَجَانٌ» (ба маънои чавгон–С.Н.), «شِطْرَنْجٌ», «يَذَقٌ» (пиёда), «فيلٌ», «فِرْزَانٌ», «فرزين» (ҳарду ба маънои «фарзанд», ки маънои аслии истилоҳи шоҳмот ҳам ҳамин аст, яъне фарзанди шоҳ– С.Н.), «مِسْكٌ» (мушк), «كَافُورٌ», «اَلِيَةٌ» [159, 55], «جلاب» (гулоб), «نبيذ» - «انبيذه» [159, 56], «شيرج» (ба маънои равған ва асли он «шира» аст–С.Н.) «فستاق», «ثوم» [121, 57], «صندل», «جلنجيبان» (гулангубин), «ترانجيبان» (тарангубин) [159, 58], «تبرزد», «نبات», «قند», «سنجرف» (ба маънии шангарф), «سيمسنجرف» (симшангарф), «ويمه», «اصفيجان» (ба маънои сафедии пӯст–С.Н.) [159, 59]; «كباب», «قليه» (ба маънои гӯшти бирён–С.Н.), «خنجبه» (муарраби шиканба–С.Н.) [159, 60], «حلوا», «ذلابى», – «ذلبنجان» (ба маънои равғани ҷӯш–С.Н.), «زردق» – «كرده», «خمير», «قطير», «فرزدق», «شيراز» (ба маънои мост–С.Н.) [121, 61], «طلايه» [159, 68], «كوص» (кӯсе, ки дар ҳарб менавозанд–С.Н.) «نيزك – نيازيك» (ба маънои найзаи хурду кӯтоҳ–С.Н.) [159, 69], «درج», «صندوق» [159, 30] ва ғ.

Дар баъзе мавридҳо, муаллиф на танҳо муарработро зикр, балки ба решаи форсӣ доштани онҳо ишора низ мекунад. Мисли: « نَشَاسَتْجٌ– нашоста; النشا هو النشاستج و هو فارسىّ معرّب حذف شطره تخفيفا كما قالو للمنازل المنا مُومٌ» [159, 59]. Тарҷума: Нашосатҷун – нашоста аст; вожаи ан-нашо ҳамон нашосатҷу мебошад, ки аслан форсии арабишуда аст ва қисмати охири он тахфиф шудааст, чунонки дар мисоли ал-манозилу мебинем ки онро ал-мано талаффуз мекунанд. Ва: « الجردقة الرغيف و هو فارسىّ مُعَرَّب جَرَادِقُ» [159, 61]. Ва ё ин ки шакли форсии калимотро ҳам зикр мекунад: «مَنْجَنِيقٌ (ف) هى التى ترمى بها الحجارة معرّب و اصله بالفارسية منجنيك» [159, 69].

Дар ҷойҳои дигар, бо гузоштани аломати «фо» ба асли форсӣ доштани калима ишора кунад ҳам, дар шарҳ ба ин нукта ишора намесозад: «دَبُّوسٌ– ф. гурз [159, 70]; «جَوْشَنٌ – ф. ҷубба, дароздоман, جَوَاشِنُ ҷамъ; خَفْتَانٌ – ф. кажоканд, зирех, ки дар миёни либосе дигар бидӯзанд…» [159, 71].

Табиист, ки зимни муарраб шудан калимот ба як шаклу намуд навишта намешаванд ва вобаста аз замону макон овозҳои бадалшаванда аз забони форсӣ-тоҷикӣ ба арабӣ хеле тағйир ёфтаанд. Аз ин хотир, бархе муарработ дар забони арабӣ шаклу намудҳои гуногун доранд. Ин падида, чунонки аз баъзе мисолҳои қаблӣ ҳам мушоҳида шуд, аз назари фарҳангнигорон ҳам берун намондааст. Масалан: «لَوْزِينَجٌ لوزينه جَوْزِينَجٌ – кавзинатун» [159, 61]. Ё ин ки: « فَالُوذَجٌ معا [فالود] و فَالُوذَقٌ و فَالُوذٌ – полуда» [159, 61].

Истилоҳоти соҳаҳои гуногун аз бахшҳои муҳимтаринест, ки дар луғати Замахшарӣ ниёз ба муаррифӣ дорад. Ба назари мо, он услубе, ки муаллифи «Муқаддимат-ул-адаб» барои тасниф пеш гирифтааст, имконоти ӯро дар интихоб ва ташреҳи моддаҳои луғавӣ хеле густарда кардааст. Аз он ҷо, ки Замахшарӣ дар зербобҳо ба мавзуи ҷудогона мепардозад ва моддаҳоеро, ки танҳо бар он мадхали мавзуӣ дахл доранд, меорад, истилоҳоти зиёде ба фарҳанг роҳ ёфтаанд. Аслан луғатҳои арабӣ ба форсӣ бештар хусусияти тахассусӣ доранд ва муаллифон ҳам бо ҳамин назар ба таълифи он бархӯрд кардаанд. Бештари луғатҳои дузабонаи пеш аз Замахшарӣ ба соҳаҳои гуногун ихтисос доштаанд. Чунончи, ба улуми қуръонӣ ва ё умуман динӣ. Маҳз ба ҳамин хотир дар «Муқаддимат-ул-адаб» ва иддае аз фарҳангҳои дигари арабӣ-форсии а. он

вобаста ба фарогир ва аз ҳар ҷиҳат васеъ шудани онҳо истилоҳоти улум ва пешаҳои мухталиф роҳ ёфтаанд. Мисол: «احات», «قاروعه», «غاشيه» (ҳар се ба маънои дарду ранҷ–С.Н.), «ورد» – таби ҳаррӯзӣ; «судоъун» – дарди сар, «дуворун» – гардиши сар [159, 56], «درْدِيٌ» [159, 61], «عاشيه» – зинпӯши асбҳо [159, 60], «مقرعه» – чавгон, «наффотун» – нафтандоз ва ё оташандоз, «أَسَلَةٌ» – найзадароз [159, 69], «شطن» – расани дароз [159, 72], «وقت» – ҳангом, «قرن» – ҳаштод сол низ гӯянд, «ريب المنون» – ҳаводиси рӯзгор, «عام اول» – порсол [159, 3]; «فجر» – бомдод, «ظهر» – пешин, «عصر» – вақти намози дигар, «مغرب» – шом [159, 4], «خافقان» – ду канори осмон [159, 5], «قطب» – нуқтае, ки мадори фалак бар вай аст, «برج» – ҷои ситора, хонаи ситора, «سهيل» – ситорае, ки аз сӯи Яман барояд [159, 6], «فيى» – соянӣ пас аз завол, «غيم»/«سحاب» – абр, «شعب» – шитоби борон, «сарсилун» – тезии борон, «لاقح» – боде, ки дарахтро бордор мекунад, «اعصار» – гирдбод [159, 7], «بساط» – замини фарох, «جدد» – замини рост, «صفصف» – замини нарм, «كَهْفٌ» – шикоф, «جَندَلٌ» – санги мудаввар, санги гирд, « فِلِزَّات معا و فُلُزَّاتٌ [فِلَزَّات]» – ҷавҳаре, ки аз кон хезад, «شَبَهٌ و شِبْهٌ» – биринҷ, «نُحَاسٌ» – мис, «آنُكٌ» – сурб, «ضَرْبٌ»/«ذَهَبٌ » – зар [159, 9], «فِضَّةٌ» – сим, «مَلَّاحَةٌ» – намакзор, намакистон, «مخنقه» – гулӯбанд [159, 10], «ميل» – нимфарсанг ё сеяки фарсанг, «فرسخ» – фарсанг [159, 11], «راكد» – оби истода, «مصلجه» – барфдон, «بر» – хушкӣ, дашт, «دردر» – гирдоб, «لولو» – марвориди хурд [159, 12], «ركيب» – пуштаи полез, «مقتنه» – пунбазор [159, 15], «ضَيْعَةٌ» – замини хушк, «باغ» – порае аз замин [159, 17], «غِرْسٌ» – ниҳол [159, 19], «كوُرَةٌ» – шаҳр, шаҳри хурд, «حِصْنٌ» – паноҳ, паноҳи устувор [159, 20], «قصبه» – миёни шаҳр, «مصتبه» – ҷои ғарибон, ҷойгоҳи гадоён, «مشرق» – намозгоҳ, «جبانه» – намозгоҳи мурдагон, «مقصوره» – ҷои ҳофизон, «معضله» / «مناره» – ҷои муаззин [159, 21], «مشوار» – бозори сутурон, «نعش» – ҷанозаи бардошта, «ادحئ» – ошёнаи шутурмурғ, «عريكه» – ҷойгоҳи шер, «قريه» – ҷойгоҳи мӯрча [159, 22], «تذر» – хонаи дароз [159, 24] ва ғ.

Дар фарҳанг ба ҷуз калимаҳои арабӣ, ҷуфткалимаҳое, чун музоф ва музофун илайҳи, сифат ва мавсуф ва амсоли ин ба ҳайси моддаи луғавӣ бисёр истифода шудаанд. Мисли «يد الفآس» – дастаи табар [159, 40], «بطن السماء» – он чӣ ба сӯи мост, «ظهر السماء» – он чӣ ба сӯи осмон [159, 6], «دار الشفاء» – тимористон

[159, 21], «مقدم البيت» – пойгоҳи хона, «صدر البيت» – пешгоҳи хона, «كصر البيت» – як сӯи хона [159, 24], «ملک الموت» ва «قابضه الارواح» – ҷонситонанда [159, 31] ва ғ. Дар ин миён ҷумлаҳое, ки бо воситаи феъли арабӣ сохта шудаанд, мавқеи намоён доранд. Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқи забони арабӣ дар созмони ҷумлаҳо мавқеи бисёр устувор дорад. Масалан, ҷумлаҳои «ونصب الحرف – насб кард ҳарфро, бар боло кард ҳарфро», «نصب له – душманӣ кард ӯро, душман дошт ӯро» [160, ҷ.2, 8], «خَفَتَ صَوْتُهُ – гирифта шуд овози ӯ, нарм шуд овози ӯ» [160, ҷ.2, 10], «نَحَتَ الخَشَبَةَ – битарошид чӯбро» [160, ҷ.2, 11], «نَفَثَ فِى العُقْدَةِ – бидамид дар гирех, дардамид ба гирех» [160, ҷ.2, 12], «نَسَجَ الثَّوْبَ – бибофт ҷомаро, битофт ҷомаро» [160, ҷ.2, 15], « مَلَحَ القِدْرَ– боандоза намак афканд дар дег, намак кард дар дег» [160, ҷ.2, 16], «نَبَحَ الكَلْبُ – бонг кард саг» [160, ҷ.2, 16] ва амсоли ин.

Дигар навъи ҷумлаҳо, ки тавассути феъл созмон ёфтааанду дар фарҳанг ба ҳайси моддаи луғавӣ истеъмол мешаванд, бо феъл ва ҷонишини шахсӣ (шакли ихтисоршудаи ҷонишин–С.Н.) сохта шудаанд. Мисол: «يمشجه – меомезад ӯро, меомезад хокро» [160, ҷ.2, 14], «مَنَحَهُ – хаста дод ӯро, бахшиш дод ӯро» [160, ҷ.2, 16], «حَسَدَهُ – рашк бурд бар вай» [160, ҷ.2, 17], «صَفَدَهُ – банд ниҳод бар вай, дар банд кард ӯро» [160, ҷ.2, 20], «فقده – гум шуд аз вай, гум кард ӯро» [160, ҷ.2, 22], «يَحْزُرُ [يَحْزِرُ] معا حَزْرًا – андоза мекунад ӯро» [160, ҷ.2, 25] ва мисли ин. Танҳо дар мавридҳои муаддад муаллифи фарҳанг ба тавзеҳи ин навъи моддаҳо ва боз кардани моҳияти онҳо пардохтаасту халос. Мисол: «قَصَدَهُ و قَصَدَ إِلَيْهِ و قَصَدَ لَهُ – оҳанг кард сӯи ӯ, оҳанг кард бар вай» [160, ҷ.2, 22].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар забони арабӣ ду навъи ҷумлаҳо дида мешавад, ки яке ҷумлаҳои исмӣ (ҷузъи аввали ин навъи ҷумлаҳо исм ва ё ҳиссаи номии нутқ аст – С.Н.) ва дигаре ҷумлаҳои феълист. Ин ҷо дар мавриди ҷумлаҳое баҳс мекунем, ки ба гурӯҳи аввали ҷумлаҳо дохил мешаванд, зеро дар мавриди ҷумлаҳои феълӣ чанд нукта қайд шуд. Ин навъи ҷумлаҳо ба ҳайси маводи луғат камтар аз гурӯҳи сонӣ истифода шуда бошанд ҳам, ҷойгоҳи махсус доранд. Ҷумлаҳои исмӣ ва ё шибҳи ҷумлаҳои навъи мазкур, асосан, барои тавзеҳи бештар бахшидан, ё ягон ҷиҳати маъноии моддаҳои луғавӣ истифода мешаванд. Масалан, барои шарҳи бештар бахшидани калимаи

«Соботун - пӯшиши миёни ду девор, соябон, пӯшиш дар миёни хона» ҷумлаи зерин оварда шудааст: "السابَاط سقيفة بين الحائطين تحتها مرّ و سقيفة ظلّة فى مقدم الدّار" [161, 64].

Тарҷума: Собот парда ва ё пӯшише дар миёни ду девор аст, ки аз таҳти он роҳ рафта шавад ва сақифа соябонест дар назди дар. Ин нукта дар қисмати феъл ҳам, ки ҷумлаҳо бештар барои хотири таъкиди маъноии феълҳои ҷудогона меоянд, сабт мегарданд. Мисол дар ҷадвал бо шарҳи калима ва ҷумлаи ба он вобаста нишон дода мешавад:

Калима:	Маъно:	Ҷумла:	Тарҷума:
رفت	реза кардани чизе	**وهو الرفات**	ва ин устухони реза, ва ин устухони пӯсида [160, ҷ.2, 10]
نسج	бофтан, риштан	**وهو نسيج وحده**	беҳамтост, ва ин бофтаи беҳамтост» [160, ҷ.2, 15]
حفد	шитоб кардан	**و هم الحَفَدَةُ**	ва эшон хидматкорон, ва эшон шитобандагон дар кор» [160, ҷ.2, 18]
ضَمَدَ	марҳам кардан	**و هو الضِّمَادُ**	ва ин марҳам; ва ин рукуи захм… [160, ҷ.2, 20]
عَقَدَ	бастан, гираҳ кардан	**و هى عُقُودُ الحِسَاب**	ва ин ангушти шумор; ва ин гирифтаҳои шумор; ва ин шумориши ангушт; ва ин гиреҳҳои шумор [160, ҷ.2, 21]
عَقَرَ	пайи шутури мода буридан	**و هو العَقِيرُ**	уштури пайбурида, ва ин пайбурида уштур [160, ҷ.2, 34]

Дар ин миён ҷумлаҳои феълӣ басомади зиёд доранд ва ба ҳайси моддаҳои луғавӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» бештар аз ҷумлаҳои исмӣ истеъмол шудаанд, вале хусусияти истифодаи ҳар ду навъи ҷумла ҳам якгун мебошад. Аммо воҳидҳои асосии фарҳангро калимаҳои алоҳида ташкил медиҳанд ва ҷумлаҳо ба ҳайси пуркунандаи маъноиву семантикии воҳидҳо хидмат мекунанд. Мисол: كَفَتَ المَتَاعَ أي جمعه و ضمّ بعضَه إلى بعض – фароҳам ниҳод колоро» [160, ҷ.2, 11]; «سَرَدَ الْقِرَاءَةَ و الْحَدِيثَ – пайваста кард хонданро, пайваста кард

суханро, ҳамчунон хонд, ҳамчунон сухан гуфт» [160, ҷ.2, 19]; «و أَبَرَ النَّخْلَةَ – гашнӣ кард дарахти хурморо, гашн афканд бар дарахти хурмо» [160, ҷ.2, 24]; «وَشَرَ الخَشَبَةَ – бурид чӯбро ба арра» [160, ҷ.2, 25]; «حَسَرَ عَنْ رَأْسِهِ و عن ذِرَاعَيْهِ – сари хеш ва давори хеш бараҳна кард, бараҳна кард сарашро ва даворaш ӯро, сари хеш бараҳна кард ва ҳарду даст то бозу аз остин бадар овард» [160, ҷ.2, 25]; «كَاشَرَ عن انيابه – бигуморид, бо лаб ширин кард, нарм бихандид, бараҳна кард дандонҳояшро, бихандид ба шарм, бихандид, лабханд зад, шакарханд кард» [160, ҷ.2, 37]. Аммо зикри ин нукта ҳам, ки гоҳе воҳиди луғавӣ худ неву дар таркиби ҷумла тарҷума мешавад, дуруст хоҳад буд. Мисол, феъли «измаҳарра» дар дохили ҷумлаи «ازْمَهَرَّ البَرْدُ» чунин тарҷумаву тавзеҳ мешавад: «…сахт шуд сармо; اشتدَّ و هو الزَّمْهَرِيرُ – сармои сахт» [159, 285]. Ин ҳолат дар феълҳои «سْبَكَرَّ», «اسْبَطَرَّ», «اسْمَدَرَّ», «اسْمَهَرَّ» «اشْفَتَرَّ» [159, 285], «تَدَهْدَهَ», «تَنَهْنَهَ», «تَلَهْوَجَ», «تغَلْغَلَ», «تَزَلْزَلَ», «تَسَرْوَلَ» [159, 284] ва ғ. дида мешавад. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо моддаи луғавӣ агар феъли сулосӣ бошад, ин ҳолат дида намешавад. Яъне, моддаи луғавӣ дар алоҳидагӣ неву дар дохили ҷумла танҳо дар ҳоли феъли рубоӣ, хумосӣ ва амсоли ин будан тарҷума мешавад. Ин нукта, хусусияти бисёр боризи ҳамчун моддаи луғавӣ истифода шудани ҷумлаҳои кӯтоҳи арабиро дар фарҳангҳо нишон медиҳад. Ҳамчунин муаллиф дар иттибои як феъл чанд ҷумларо низ зикр кардааст: «خلافتا – ниёбат кардан, халифагӣ кардан. وهو خلف صدق – ва ин пасмондаи нек. وهو خلف سوئ – ва ин пасмондаи бад. وهو الخليف – ва ин халифа; ноиб. وهو الخليفه – ва ин халифа; ва ин ноиб. وخلف الليل النهار – шаб паси рӯз омад; шаб омад дар паси рӯз. خلقتا/خلفا – шаб паси рӯз омадан; аз паси чизе омадан. وخلف فم الصائم – бӯй гирифт даҳани рӯзадор, бӯй кард даҳани рӯзадор. خلوفا – бӯй гирифтани даҳани рӯзадор» [160, ҷ.2, 340].

Ин ҷо таъкиди он нукта, ки доир ба интихоб ва ҷобаҷогузории моддаҳои луғавии фарҳанг ва доираи фарогирии анвои он бисёр масъалаи густарда буда, паҳлуҳои мухталиф дорад ва имкони фарогирии тамоми ҷиҳатҳои он фурсати бештар мехоҳад.

2.3. Баъзе вижагиҳои лексикаи тоҷикии фарҳанг

Маълум аст, ки фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» аз фарҳангҳои муътабари дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ мебошад ва баробари истихдом аз лексикаи мутафовити арабӣ дар он лексикаи тоҷикӣ дар рангу тароватҳои хосе дида мешавад. Аз ин рӯ, баррасии луғатномаи мазкур аз диду меъёрҳо ва арзиши он дар ростои ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ, натанҳо дар канори шинохти луғат ва лексикаи арабӣ ва паҳлуҳои гуногуни истифодаи он дар фарҳанг муҳим буда метавонад, балки аз тарафи забони шарҳшавандаи луғат, яъне забони форсӣ-тоҷикӣ ва меъёрҳои замони муаллифи фарҳанг бисёр пураҳаммият арзёбӣ мегардад. То он ҷо, ки мо огоҳ ҳастем, муҳаққиқони риштаи забоншиносӣ то ҳол маводи фарҳангҳои дузабонаро ба ҳайси маводи таҳқиқ дар ин замина истифода набурдаанд. Ба нуктаи мазбур забоншинос А. Ҳоҷиев низ ишора карда, менигорад: «Ба назари мо, муқоисаи маводи лексикии ин фарҳангҳо (фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ–С.Н.) бо лексикаи осори насрии замони худи фарҳанг («Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» дар назар аст–С.Н.), аз қабили «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ ё осори ахлоқӣ-ирфонӣ, мисли «Кашф-ул-маҳҷуб» ва «Асрор-ут-тавҳид» пешорӯйи муҳаққиқ маводи зиндаи зиёдеро фароҳам меоварад, ки барои тадқиқи марҳилаҳои рушду ташаккули забони форсӣ-тоҷикии асрҳои XI-XII аҳаммияти беандоза доранд» [141, 105]. Ҳол он ки дар фарҳангҳо, махсусан дар фарҳангҳои дузабона, вобаста ба имконоти забони тарҷумашаванда ва забони тарҷумашудаистода аз забони зиндаи халқ бештар баҳра бурда мешавад. Ҳамчунин меъёри гузиниши вожагон, таркибҳо, рехтаҳои забонӣ метавонанд аз дигар кутуб бештар истихдом шуда бошанд. Ё ин ки тақсим шудани фарҳангҳои дузабона, бавижа, фарҳангҳои арабӣ-тоҷикӣ ба мавзуот ва вобаста ба мавзуи матраҳшаванда дар бахшҳои луғатнома ҷамъоварии лексикаи як соҳаи муайян, ки аглаб ба ҳиссаҳои нутқ ва ё ягон ҷиҳати рӯзгор, ё узви бадани инсонӣ, ё гиёҳу гиёҳдармонӣ ва амсоли ин тақсимбандӣ гаштааст, имконоти забонии забони дуюми фарҳангномаҳоро бештар кардааст. Пас, табиист, ки дар

ин самт лексикаи форсӣ-тоҷикӣ нисбат ба лексикаи арабӣ имконияти фарохтареро мегирад ва вобаста ба он ки муаллиф бояд моддаи луғавиро пурраву фаҳмову барои ҳар қишри ҷомеа дастрас шарҳ бидиҳад, ба забони форсӣ-тоҷикӣ муродифоти бисёреро забт месозад. Ишораи забоншинос Ҳ. Раупов ҳам, ки дар ташаккули гурӯҳи забонҳои форсӣ нақши забони арабиро бузург медонад [76, 5], шояд дар ин нукта таҳаққуқи бештар ёбад. Барои он ки дар фарҳангҳои дузабона ҳангоми тарҷума муаллифон ба гаравишҳои беҳтари тарҷума ва овардани вариант аз забони зинда ва ё муродифи арабии моддаи луғавӣ корҳои чашмгиреро анҷом додаанд, ки то ҳол ин ҷиҳати фарҳангҳои мазкур таҳқиқи шоистаро надидааст. Аз ин хотир, агар фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» ҳовии 6000-6500 лексикаи арабӣ бошад, пас ҳудуди ду баробар аз ин зиёд лексикаи форсӣ-тоҷикиро фаро мегирад. Агар ин миқдор моддаҳои фарогири луғатномаи Замахшарӣ бо ягона луғати форсии боқимонда – «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, ки тибқи гузориши забоншинос Н. Ғиёсов фарогири тақрибан 2300 моддаи луғавист [48, 22-23], қиёс гардад, низ қобили тааммул аст, зеро чандин маротиба маводи форсӣ-тоҷикиро аз он бештар фаро гирифтааст. Ҳамчунин дар баробари лексикаи зиёдро фаро гирифтан ин китоб аҳаммияти дигаре низ дорад, ки ба он яке аз мусаҳҳеҳони он ишораи бориз кардааст: «Аз миёни китобҳои Замахшарӣ китоби «Муқаддимат-ул-адаб»-и ӯ аз шаъну манзалати хос бархурдор аст. Ӯ бо таълифи ин китоб хидмати шоёне ба Эрон ва эрониёну форсизабонон кардааст. Ӯ бо диққати фаровоне калимоти форсии холис ва сарароро дар баробари калимоти арабӣ баргузидааст. Бисёре аз луғоти маҳҷур ва нодири форсиро дар китоби Замахшарӣ метавон ёфт» [69, 11]. Пас, маводи форсӣ-тоҷикии фарҳанги мазбур дар қатори даҳҳо осори манзуму мансур ва илмиву дастурии ҳамзамонаш дар таъйини хасоиси муҳимми забони мо дар асрҳои XI-XII ҳовии аҳаммият буда метавонад.

Лексикаи тоҷикӣ дар фарҳанги мазкур аз чанд дидгоҳ баррасӣ шуда метавонад, зеро фарҳанг ба ҷуз калимоти сода ҳамчунин калимаҳои сохтаву мураккаб, ибораву таркибҳои рехтаву синтаксисӣ ва ҷумлаҳоро фаро мегирад. Масалан, аз нигоҳи морфологӣ, яъне дар сурати баррасӣ кардани ҳиссаҳои

мустақили нутқ ва ғайримустақил ва ё аз ҷиҳати сохти калима ва ё аз нигоҳи корбурди он, мисли калимаҳои мустаъмалу ғайримустаъмал ва ғ. Ҳамчунин вижагии корбурди ибораҳои гуногунсохту гуногунтаркиб ва ҷумлаҳои кӯтоҳу сода ва баъзан дутаркибаву мураккаб низ бозгӯкунандаи вазъи забони форсӣ-тоҷикӣ дар замони муаллиф мебошанд. Масъалаи таркибҳои рехта ва масалу мақолу ҳикматҳо, корбурди феълҳо ва тарзи нигошти калимот низ аз ин доира берун нест ва аз устувории забони мо дар он даврон ва усули нигошти вожагон дарак медиҳад. Вале калимаву таркиб ва ифодаҳои халқие, ки дар замони ҳозир ҳам дар доираи лаҳҷаву шеваҳои гуногун мустаъмаланду дар забони зиндаи он давра дар гардиш будааанду тавассути фарҳанги мавриди таҳқиқ зикр шуданд, дар таърихи забони тоҷикӣ арзиши онро бештар рӯнамоӣ мекунад. Бояд таъкид шавад, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми лексикаи тоҷикии фарҳанги мазкур ва умуман фарҳангҳои дузабона дар ин падида маълум мегардад. Чунончи: «Дигар хусусияти лексикаи маводи фарҳангҳо (фарҳангҳои дузабона дар назар аст– С.Н.), ки таҳқиқ мешаванд, наздикии беш аз ҳадди забони умумиистеъмолӣ ва адабии китобӣ дар онҳост» [141, 115]. Яъне, фарҳангнигор барои он ки ба муқобили забони арабӣ, ки дар замони таълифи фарҳанг дар олами илму адаби Шарқ мавқеи устувор дошт ва ба туфайли дини мубини ислом дар тамоми манотиқи мусалмоннишин вижагии корбурд пайдо карда буд, баночор забонеро истифода мекард, ки хусусияти байнобайнии забони адабии китобӣ ва шеваҳои зиндаи форсӣ-тоҷикиро фарогир буд. Ин навъ муносибати фарҳангнигоронро ба ду маъно фаҳмида мешавад. Яке он ки онҳо барои нишон додани тамоми хасоиси забони модарии худ ба ин иқдом даст задаанд ва аз забони зиндаи халқ, ки зебоиҳои ба худ хос дорад, ба ин маънӣ бештар истифода бурдаанд. Дигар, дар забони адабии китобии давраи Замахшарӣ, ки нисбатан аз даврaҳои пурбортаре дар фарҳангнигории дузабона ба ҳисоб меояд, нуфузи забони арабӣ бисёртар буд ва қариб 70-80 дарсади калимаву ифодаҳои забонро вожагони тозӣ ташкил медоданд ва муаллифони фарҳангҳо аз ин хотир ба забони зиндаи халқӣ бештар ручуъ мекарданд. Аммо, ба назари мо, шояд ба забони зиндаи халқ ручуъ кардани муаллифони фарҳангномаҳо, махсусан Замахшарӣ, дар

омили дигар бошад. Муҳаққиқ Ю.А. Рубинчик таъсири беш аз ҳадди забони арабиро ба забони форсӣ қайд карда, менигорад, ки «таъсири забони арабӣ ба форсӣ то ҳадде бузург будааст, ки вожагони арабӣ баъзан муодилҳои форсиро аз байн бурдаанд. Бар асари ин дар забони форсӣ натанҳо мутародифоти мукассар ба вуҷуд омаданд, балки гоҳо калимоти арабӣ вожагони форсиро комилан иваз кардаанд…» [139, 77].

Чунонки гуфта шуд, маҳз ҳамин падидаҳои забонии асар арзиши воқеӣ ва илмии луғатномаҳоро нишон медиҳад ва гурӯҳе аз калимаҳои забони моро метавонад фарогир бошад, ки дар дигар осор ба чашм намерасанд ва агар дида шаванд ҳам, ба ин фарогирӣ нест. Дар ин самт маводи фарогири фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Чунончи, калимаҳои «канаб» [159, 14], «бодиринг» [159, 15], «ғӯза» [159, 15] дар ҳамон шаклу маъное, ки имрӯз ҳам дар лаҳҷаҳо дар гардишанд, зикр шудаанд. Ё ин ки вожаҳои «кашниз» [159, 16] ва «бигиз» [159, 17] ба маъниҳои кабудӣ ва сабзае, ки барои хӯрдан истифода кунанд ва сӯзани дастадоре, ки тавассути он кафш ё чармҳои дурушту сахтро дӯзанд, истифода мешавад. Ба ҳайси мисоли ин навъ лексикаи забони тоҷикӣ мисол шуда метавонанд калимаҳои «порсол» [159, 3], «фардо шаб» [159, 4], «сангча», «яхча» [159, 7], «яхдон», «кафлезак» [159, 12], «сарҷӯйча», «тезоб» [159, 13], «полезбон» [159, 15], «бедистон» [159, 17], «пору», «каланд», «замбар», «дос», «сешоха», «сешофа», «доскола», «саршох» [159, 18], «кӯча», «бемористон» [159, 21], «беморхона» [159, 21], «кафтар» [159, 22], «деворзан» [159, 23], «танӯрхона», «ҳезумхона», «оғил» [159, 24], «новдон» [159, 26], «тағора», «кафгир», «кафлес» [159, 27], «хошокдон» [159, 30], «кӯса» [159, 40], «гурбачашм», «шабкӯр» [159, 41], «хусур» [159, 45], «мола», «андова», «кафшгар» [159, 52], «анбӯр» [159, 54], «бозича» [159, 55], «бурма» [159, 56], «устара», «кунҷора» [159, 57], «пайтоба» [159, 62] ва ғ.-ро ном бурда метавонем. Баъзе калимаҳои мазкур, мисли бедистон, полезбон, саршох дар ҳама лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ серистеъмол набошанд ҳам, дар лаҳҷаҳои гӯшаҳои дурдасту кӯҳистон то ҳанӯз мустаъмаланд. Калимаҳои дигар, ки номбар шуданд, бо маъно ва шакли дар луғат омадаашон то ҳол дар шеваи

тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд. Ҳамчунин истифодаи калимаҳои «сарҷӯйча» (ба маънои сари ҷӯйи хурд), «яхча» (ба маънои тагаргу жола), «тезоб» (ба маънои рӯд ё ҷӯйи дорои оби тезу шӯх), «деворзан» (ба маънои касе, ки шуғлаш девор задан бошад), «беморхона» ва «бемористон» (ба маънои маъмулии имрӯза), «кунҷора» (ба маънои хӯроки чорво, ки аз пунбадона баргирифта мешавад) ва ғ. огоҳии муаллифи фарҳангро аз забони зиндаи халқ нишон дода, арзиши онро дар муайян кардани бисёр масоили марбут ба лаҳҷашиносии таърихӣ ва ташаккули забони зиндаи халқ дар замони муаллиф ва баъд аз он таъйин месозад. Дар радифи калимоте, чун «беморхона» ва «бемористон» истифода шудани вожаи «яхдон» [159, 12] ба маънии ҷои истодани ях ва сардӣ бисёр аҷиб аст. Аммо шираи забони асари мазкур ҳанӯз бо калимот пурра ба намоиш гузошта нашудааст ва ибораву таркибҳои фаровонеро аз фарҳанг ба даст овардан имкон дорад, ки ё ба шеваи мардум сохта шудаанд, ё комилан баргирифта аз шеваи сохтмони забони зиндаи халқанд. Агар ибораҳои «тӯдаи гандум» [159, 14], «ғӯзаи ношикофта»/ «ғӯзаи бадношикофта»/ «ғӯзаи норасида» [159, 15], «кундаи ҳезум» [159, 17], «ҷорӯби заминӣ» [159, 18], «шафтолуи бомӯй», «шафтолуи бемӯй», «дӯкони бофандагӣ» [159, 19], «гӯри белаҳад» [159, 22], «поини хона» [159, 23], «пошнаи дар» [159, 25], «дастмоли дег», «косаи чӯбин» [159, 27], «табари дусар» [159, 30], «мағзи устухон» [159, 33], «хилми бинӣ» [159, 35], «дарози беақл» [159, 38], «хишти хом», «хишти пухта» [159, 52] ва ғ. аз забони мардум гирифта шуда бошанд, дар таркиби як идда ибораву таркибҳо дар луғат нишони шеваи мардумӣ дида мешавад. Мисол: «Гарданбанди дарози то бар» [159, 10], «як шурбат об» [159, 12], «оби таъм бигардида» [159, 12], «ёзидан ба даст», ёзидан ба даҳон» [159, 59], «гилеми шабпӯш» [159, 63] ва амсоли ин. Дар ибораи якум муаллиф барои нишон додани вижагии дарозии гарданбанд аз усули мардумии баён, яъне забони зинда истифода мекунад. Яъне, дар таркиби мазкур сухан аз истихдоми вожаи дар забони халқ ҷорӣ намеравад, балки нукта ин ҷост, ки шеваи сохтмони ибора ба шеваи халқ наздик аст. Ин нуктаро аз ибораҳои дуюму сеюм «як шурбат об» ва «оби таъм бигардида» бештар эҳсос карда метавонем.

Чунончи, шакли ибораи аввалӣ дар намунаи «як қадам роҳ», «як назар дидан», «як нафас дам» ва ғ. дар забони зинда роиҷ аст ва ба забони адабии китобӣ ин шеваи сохтмони ибора аз ин ҷо роҳ ёфтааст. Дар мавриди ибораи ахир бошад, метавон ин нуктаро қайд кард, ки он пурра ба шеваи адабӣ созмон ёфтааст, вале «таъм гардидан», ки аглаб имрӯз ҳам дар забони зинда корбаст мешавад, ба он хусусияти наздикӣ ба забони лаҳҷаро додааст. Истифодаи ибораҳои «ёзидан ба даст» ва «ёзидан ба даҳон» низ, ки бо истифода аз феъли «ёзидан» сохта шудааст, дар забони адабии китобии замони муаллиф камтар мавриди истеъмол будааст ва, аз ин рӯ, хусусияти баҳрамандии муаллифи фарҳангро аз забони роиҷ дар халқ нишон медиҳад.

Яке аз дигар падидаҳои ғановатмандии забон калимасозӣ мебошад, ки махсусан дар забони осори назмиву насрии асрҳои XI-XII бисёр мушоҳида мешавад. Рӯй овардани беш аз пеши муаллифони асрҳои мазкур ба ин падида якчанд сабаб дорад. Нахуст, давраи мазкур давраи гузариши сабки шеър ба сабки ироқӣ буд ва табиист, ки дар ин марҳила забони осори назмӣ комилан ба дигаргуниҳои сохторӣ мувоҷеҳ мешавад.

Дуюм, давраи мазкур давраи гулшукуфти осори насрии форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра асарҳои мансури ахлоқӣ, ахлоқӣ-ирфонӣ, дастурӣ, бадеӣ, ривоятӣ ва анвои дигари наср қуллаи баландтарини ташаккули худро паси сар кардаанд. Мароҳили баъдии рушди насри форсӣ-тоҷикӣ аз ин давра баҳраманд аст ва ба ин нукта ҳоҷати баҳс ҳам нест.

Сеюм, насри илмӣ ва тахассусӣ, ки аз гӯшаҳои бисёр мазбути забони мост, низ дар ин давр рушд кардаву аз лиҳози фарогирӣ қобили таваҷҷуҳ аст.

Чаҳорум, тарҷумаи осори илмиву бадеӣ низ дар даврони мавриди таваҷҷуҳ хеле марҳилаи ҳассосро паси сар намудааст, ки дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ бетаъсир нест.

Панҷум, давраи мазкур давраи тиллоии нигошти фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-тоҷикист ва дар ин раҳгузар таълиф шудани «Муқаддимат-ул-адаб» бори забонии онро афзудаву аз ҳар нигоҳ фарҳанги мазкурро такмилае бар фарҳангҳои пешин ва ҳамзамони Замахшарӣ қарор додааст. Аз ин рӯ,

муҳимтарин вижагии забони форсӣ-тоҷикии асари ӯ вожасозӣ ва тааммул дар гузиниши вожагони маъмул ва ғайримаъмул аст. Дар партави ин падида сохтмони калимоти сохта, ки, асосан, тавассути пешванду пасвандҳо таркиб меёбанд, дар фарҳанг баробар дида намешаванд. Яъне, вожагони тоҷикие, ки тавассути пасвандҳои маконсоз созмон ёфтаанд, бештаранд. Масалан, калимаҳои сохтаи «шӯристон» [159, 8], «намакистон» [159, 10], «обгоҳ» [159, 13], «полезгоҳ», «коҳдон» [159, 14], «полеззор» [159, 15], «бешистон», «чанористон» [159, 17], «дарахтистон» [159, 18], «ибодатгоҳ», «дабиристон» [159, 21], «ҳезумдон» [159, 24], «новдон», «оташзона» [159, 25], «намакдон» [159, 27], «ҷомадон» [159, 28], «хиргоҳ», «бордон», «коладон»/ «колодон» [159, 29], «тӯшадон», «хошокдон» [159, 30], «равғандон», «сӯзандон», «дукдон» [159, 57], «лашкаргоҳ» [159, 65], «шонадон» [159, 71] ва ғ. ба ин гурӯҳи калимот дохил мешаванд.

Бояд қайд шавад, ки пасвандҳои маконсози ***-истон*** ва ***-дон*** беш аз дигар пасвандҳои ҳамгуни худ дар вожасозӣ корбаст шудаанд. Ҳамчунин дар фарҳанг иддае аз пасвандҳои исмсоз низ фаъол мебошанд. Мисоли пасванди ***-гар*** дар дохили калимоти «барзгар» [159, 17], «кафшгар» [159, 52], «оҳангар», «хунёгар» [159, 54], «дурудгар» [159, 56], «сӯзангар», «пилавар» [159, 57], «тиргар», «пайконгар», «кордгар» [121, 70];

- пасванди **-бон** дар байни вожагони «полезбон» [159, 15], «дарвозабон» [159, 21], «киштибон» [159, 53];

- пасванди ***-анда*** дар калимаи «бофанда» [159, 53];

- пасванди **-ӣ** дар дохили вожаи «дарзӣ» [159, 57] ва ғ.

Пасвандҳои сифатсоз камфаъоланд. То он ҷо, ки мо пайдо кардем, танҳо дар се маврид калимаҳои сохта тавассути пасвандҳои мазкур мушоҳида шуд. Вожагони «мешин» [159, 52] тавассути пасванди **-ин**, «ҷунбанда» [159, 71] тавассути пасванди **-анда** ва «чуғзвора» тавассути **-вора** – шакли қадимаи пасванди **-вор** [159, 14]. Нуктаи дигаре, ки доир ба калимасозии муаллифи фарҳанг бо истифода аз пасвандҳо бояд зикр шавад, он ки ӯ ба воситаи истихдоми пасвандҳо калимоти ғарибе, чун «шӯристон», «намакистон»,

«полеззор», «бешистон», «дарахтистон» ва амсоли инро меофарад. Ҳамчунин бо иловаи пасванди **-иён** аз вожаи мустаъмали раҳгузар вожаи ғариби «раҳгузариён»-ро [159, 11] сохтааст.

Калимаҳое, ки бо пешванд сохта мешаванд, нисбат ба калимаҳое, ки бо пасванд сохта мешаванд, камтар ба мушоҳида расиданд. Дар ин замина бояд нуктае зикр шавад, ки калимаҳои тавассути пешвандҳо сохташуда ду хусусият доранд. Яке, онҳо миқдоран каманд ва дигар, бо калимоти решаи феълидошта сохта мешаванд. Мисол: «носудманд» [159, 12], «нобароварда», «нопироста» [159, 13] ва ғ.

Калимаҳои мураккаб бештар аз калимоти сохта дар фарҳанг истихдом шудаанд ва як ҷузъи бисёр ғаномандкуни забони фарҳанг мебошанд. Калимаҳои «кӯроб» [159, 8], «муҳрафурӯш» [159, 10], «такчоҳ», «дулоб», «жарфчоҳ» [159, 13], «обканд», «гандумфурӯш», «боқилофурӯш» [159, 14], «сешофа», «сешона», «гиёҳбур», «досгиёҳ», [159, 17], «пӯстинхона» [159, 21], «дирамзан», «сиккахона», «вайроншуда» [159, 22], «дастос» [159, 26], «нимкоса», «ширдӯш» [159, 27], «дастшӯй» [159, 28], «сепоя», «гаҳворафурӯш», «дастбанд», «пашшахона» [159, 29], «ҷуволдӯз», «бодвезан» [159, 30], «гӯштфурӯш», «зардоб» [159, 33], «ҳаромамағз» [159, 37], «туршрӯй», «борикмиён» [159, 40], «гурбачашм», «рӯзкӯр», «якчашм», «морбинӣ» [159, 41], «дастафзор», «коҳгил», «хиштзан», «мӯзадӯз», «астормӯза» [159, 52], «пӯстиндӯз», «дастпона» [159, 53], «хокангишт», «барбатзан», «чангнавоз» [159, 54], «бодбара» [159, 55], «дастарра», «мехкӯб», «рагзан», «побанд», «мӯйтарош», «оинадор» [159, 56], «шикастабанд», «устухонбанд», «дуктарош», «пунбазан» [159, 57], «гулшакар», «табгарм», «дӯшоб» [159, 58], «ширбиринҷ», «шакарбуррак» [159, 60], «нонпора» [159, 61], «кулоҳдӯз», «зерҷома» [159, 62], «шалворбанд», «абрӯбанд» [159, 63], «куҳнафурӯш», «дусад» [159, 64], «сеяк», «чаҳоряк», «панҷяк» [159, 65], «гаронмоя» [159, 66], «сапедсар», «сапедпушт», «сапеддаст», «сапеддунбол» [159, 67], «зиндӯз», «чӯбзин» [159, 68], «силаҳдорон», «найзадор», «сипардор» [159, 69], «пайкондароз» [159, 70], «дароздоман» [159, 71], «хунбаҳо» [159, 80] ва ғ. ба гурӯҳи калимаҳои

мураккаби дурешагӣ дохил мешаванд. Дар қатори бисёр вожагони мураккаби маъмулу мустаъмал дар фарҳанг муаллиф ба сохтан ва ба доираи истифода кашонидани бархе калимот низ иқдом кардааст. Масалан, вожагони номбурдашуда «кӯроб», «такчоҳ», «обканд», «гиёҳбур», «сапеддунбол» камтар дар доираи истеъмол ҳастанд. Ё ин ки вожагони «морбинӣ», «шакарбурра» ва амсоли ин реша дар калимасозии халқӣ доранд. Ба ин монанд, Замахшарӣ бисёр калимаҳои нав ҳам сохтааст, ки ё дар шакли худ ягон навоварӣ доранд, ё дар истифода бори аввал тавассути фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» ворид шудаанд. Масалан, калимаи вожаи «хароботхона» [159, 21] аз ду ҷузъ – решаи аввал ***харобот***-и арабӣ ва решаи сонӣ ***хона***-и тоҷикӣ сохта шудааст. Ин шакли калимасозӣ, бо он ки дар забони форсӣ-тоҷикии давраи муаллиф нуфузи беш аз ҳадди забони арабӣ хос будааст [141, 114], дар забони классикии форсӣ-тоҷикӣ ғариб менамояд. Аз ин хотир, ки *харобот* дар шакли ҷамъи занонаи арабӣ омадааст. Ба ин монанд, калимаҳои «тобхона» [159, 25] ба маънои «гармхона» (парник), «говдӯша» [159, 27] ба маънои зане, ки говдӯшӣ касби ӯст ва «дукорд» [159, 57] ба маънои қайчӣ дар фарҳанги мавриди таҳқиқ сабт шудааст. Ҷолиб он аст, ки дар мавридҳои гуногун як калима ва ё мафҳум бо тарзҳои мухталиф тарҷума мешавад. Масалан, калимаи «қайчӣ», ки дар боло «дукорд» тарҷума шудааст, дар мавриди дигар «нохунбур», «нохунбура», «нохунчин» ва «нохунперой» тарҷума гардидааст [159, 57].

Вижагии вожасозии Замахшарӣ дар фарҳанг бисёр аҷиб аст. Чунончи, аз калимаи *говдӯша* ба ин нукта пай бурдан имкон дорад. Ӯ дар мавридҳои муайян барои ғаномандии забони модарии худро дар баробари забони арабӣ нишон додан, ҳам шаклҳои занонаи асморо меорад ва ҳам бо тарзи пайванд додани ду мафҳум, ки яке зан аст, аз исми занона будани он дарак медиҳад, мисли «осиёзан» [159, 26]. Дар ин радиф калимаҳои «дастасанг», «мурдорсанг», «мурдасанг» [159, 9], «тунукчашма», «фарохчашма» [159, 26], «пашизмоҳӣ», «чӯбакбозӣ» [159, 55], «тирдондӯз» [159, 70] ва ғ. шомил мешаванд. Мо танҳо дар як маврид мутаваҷҷеҳ шудем, ки калимаи мураккаб аз се ё зиёда реша иборат бошад. Ин ҳам вожаи «яктирпартов» [159, 11] аст.

Қисмати калони лексикаи тоҷикиро дар фарҳанги мавриди таҳқиқ ибораҳои синтаксисӣ ташкил медиҳад. Ибораҳо як ҷузъи бисёр муҳимми ин фарҳанг ва аксар фарҳангҳои дигари дузабона буда метавонанд, вале нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар фарҳанги мазкур бештар ибораҳо ба он хотир истихдом мешаванд, ки фарҳангнигор зимни таваҷҷуҳ карданаш ба як мавзуъ калимот ва мафоҳими наздикмаъноро бо сабти ибораҳои форсӣ-тоҷикӣ шарҳ медиҳад. Масалан, дар фарҳанги дигари дузабонаи арабӣ-тоҷикии замони Замахшарӣ «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ низ корбурди ибораҳо ба таври вофир ба чашм мерасад. Дар «Муқаддимат-ул-адаб» ҳам корбурди зиёди ибораҳои изофӣ ба назар расид. Чунончи, ибораҳои «санги лаҒзон», «санги нарм», «санги суст», «тиллои мехзада» [159, 9], «гавҳари обгина», «муҳраи мор» [159, 10], «пайнишонии роҳ» [159, 11], «оби осонгувор», «моҳии шимдароз» [159, 12], «даҳони ҷӯй» [159, 13], «пӯсти гандум», «хори хушки гандум», «ҷави сутур», «тӯдаи хирман», «тӯдаи гандум» [159, 14], «харбузаи миёнтиҳӣ», «ғӯзаи нашикофта», «ғунчаи гули сурх» [159, 15], «сари дух», «кундаи сӯз», «кундаи ҳезум» [159, 17], «ҷорӯби заминӣ», «бели чӯбин», «доси бедандон», «тешаи хурд» [159, 18], «олуи чинӣ», «шафтолуи бемӯй», «нишемангоҳи боғбон» [159, 19], «девори хорин», «дукони бофандагӣ», «ҷойгоҳи гадоён», «намозгоҳи мурдагон» [159, 21], «гӯри белаҳад» [159, 22], «поини хона» [159, 23], «бинии дар» [159, 25], «тахтаи нон», «новаи хамир» [159, 26], «пӯсти хурмои тар» [121, 29], «тунги хурмои хушк» [159, 30], «фариштаи марг», «фариштаи ҷон», «калиддори дӯзах» [159, 31], «сапӯсаи сар», «мӯи модарзод» [159, 34], «сапедиву сиёҳии чашм», «дандони хирад» [159, 35], «ангушти нар», «ангушти тасбеҳ» [159, 37], «саги обӣ» [159, 53], «рӯдаи барбат» [159, 54], «паймонаи тир» [159, 70], «нохуни уштур» [159, 72], «пӯсти мор» [159, 76] ба ин тарз сохта шудаанд. Бархе аз ибороти мазкур бори аввал дар ин фарҳанг ба кор гирифта шудаанд, ки низ арзиши қисмати форсӣ-тоҷикии асари мавриди истифодаро афзун мекунанд. Инҳо ибораҳое, чун «пайнишонии роҳ», «моҳии шимдароз», «калиддори дӯзах» мебошанд. Ҳамчунин иддае аз ибораҳои фарҳанги мазкур бо усули дигари иборасозии тоҷикӣ созмон ёфтаанд,

ки миқдоран нисбат ба ибораҳои изофӣ каманд. Масалан, бо истифода аз пешояндҳо, чун «шохе аз рӯд» [159, 13] ва «хоки бузург дар тан» [159, 34]; бо ёрии шумораҳо, чун «гили миёни ду хишт» [159, 23], «дусад ҳазор» [159, 64], «ду канораи лашкар» [159, 68] ва амсоли ин. Ногуфта намонад, ки як идда ибораҳои изофие ҳам дар фарҳанг истихдом шудаанд, ки бо истифода аз сифати феълӣ, феъли ҳол ва ё масдар сохта шудаанд. Мисол: «оби истода» [159, 12], «оби барандохта» [159, 14], «хори тези хушкшуда» [159, 17], «ангушти дашномдиҳанда» [159, 37], «кунҷиди ордкарда» [159, 57], «меҳмони нохонда» [159, 60] ва ғ. Умуман, ибораҳое, ки бо истифода аз ҳиссаҳои номии нутқ сохта шудаанд, миқдори калони ибораҳои форсӣ-тоҷикии луғатномаро фаро мегиранд, вале ин ҷо чанд намуна аз ин навъ иборот зикр мешавад. Чунончи «...як миқдор тир андохтан» [159, 11], «як бор хӯрдани об» [159, 12], «раҳгузари об ба сӯи нишеб», «раҳгузари об ба сӯи пастӣ» [159, 13], «банди об аз чаман» [159, 14], «хонаи дирҳам задан» [159, 22], «дар байн ҳарфзананда» [159, 42], «рӯй боз кардан аз кӯдак» [159, 60] ва монанди ин.

Зимнан, як гӯшаи ибораҳоро ибороти рехтаву аз ҷиҳати шаклу маъно муҳкам ташкил медиҳанд. Истифода аз рехтаҳои забонӣ, ки ҷузъи ҷудонопазири лексикаи забони тоҷикист, минбаъд дар фарҳангнигорӣ ташаккул ёфтаву дар фарҳангҳои а. XVII ба авҷи истифодаи худ расида бошад ҳам, дар луғатномаи мавриди пажуҳиш хеле миқдори ками ин қисмати лексикаи тоҷикӣ дида мешавад. Масалан, «оташи осмонӣ», «овози боди сард» [159, 7], «санги оҳангӯш» [159, 9], «банди мӯрча» [159, 10], «корвони бӯи хуш» [159, 11], «осмони хона» [159, 25], «танӯри ошӯб» [159, 26], «боғбони биҳиштӣ» [159, 31], «боди бурут» [159, 35] ва «биноии дил» [159, 38].

Ҷумлаҳо аз ҷузъҳои дигаре ба ҳисоб мераванд, ки лексикаи форсӣ-тоҷикии фарҳангро муаррифӣ мекунанд. Ҷумлаҳо мисли ибораву таркиб ва калимаҳои хоси шева серистеъмол набошанд ҳам, барои ташреҳи баъзе мафоҳими фарҳанг ба кор рафтаанд. Дар фарҳанг ҷумлаҳои содаи дутаркиба ба кор рафтаанд. Мисол: «Он чи дар сар афкананд» [159, 10]. Аммо бештар ҷумлаҳои мураккабе истихдом мешаванд, ки ҷузъе аз онҳо ҷузъи дигарашонро шарҳ медиҳад.

Масалан: «Он санг, ки бад-ӯ мушк соянд» [159, 9]. Ё ин ки: «Обе, ки осон ба гулӯ фурӯ равад» [159, 12]. Ва: «Рӯди фарох, ки дар он сангрезаҳо бошад» [159, 13]. Ин навъи ҷумла бо касрати истифодаи худ дар фарҳанг имтиёз доранд ва ба услуби ташреҳии фарҳангномаҳо бисёр мувофиқ афтодаанд. Чунончи: «Ҳаросае, ки дар сурати одамӣ бошад»; «Бӯстоне, ки дар ӯ дарахти бисёр бошад» [159, 15]; «Дарахтест, оташаш бисёр намонад» [159, 16]; «Он чӣ ба даст дар осиё афкананд» [159, 26]; «Ҷамъ, ки аз як падару модар бошад» [159, 31]; «Он чӣ одамро дар шаб фурӯ гирад» [159, 32] ва ғ. Аммо ҷои зикр аст, ки дар «Муқаддимат-ул-адаб» ҷумлаҳои мураккаби навъи дигар ҳам истихдоми вофир доранд. То он ҷо, ки маълуми мо шуд, танҳо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар фарҳанг истихдом шудаанд ва дигар навъи ҷумлаҳои мураккаб берун аз истифодаи фарҳангнигор мондаанд. Ин навъи ҷумлаҳо баъзан чунон дар мадди назари Замахшарӣ будааст, ки дар як саҳифаи фарҳанг то ду ё се ҷумларо мушоҳида карда метавонем. Мисол: «Чӯби хамонида, ки дар чархи гардун андар кунанд, то сӯрох танг шавад»; «Чӯбе, ки дар сӯрохи чархи гардун кунанд, чун фарох шавад» ва «Дарахти хурмо, ки ду-се тана дорад, ҳар танаро аз он «синав» гӯянд» [159, 18].

Дар баробари ин ки лексикаи тоҷикии фарҳанг фарогири воҳидҳои гуногуни забонист, дар он корбурди истилоҳоти соҳаҳои гуногун, аз қабили «бурҷи гов», «бурҷи кӯза», «роҳи Каҳкашон», «бурҷи тарозу», «ҳафт бародарон» [159, 6], «кафшер» [159, 9], «сафро – балғам, хуни баста» [159, 33], «ангушти саббоба», «ҳиҷомат» [159, 37] ва ғ. калимаҳои архаистӣ: «тагарг» [159, 7], «дарғала» [159, 9], «кӯз», «разбон» [159, 15], «парвора», «дарвора» [159, 25], «пашиз» [159, 66] ва амсоли ин низ ба мушоҳида мерасад. Ҷолиб он ки дар баробари нуфузи забони арабӣ дар он давр муаллиф бештар ба истилоҳоти фаннии форсиасл рӯ меорад. Дар ин маврид зикри ин нукта, ки нуфузи лексикаи арабӣ дар қисмати тоҷикии фарҳанг ҳам, бо он ки муаллиф бештар мекӯшад, лексикаи забони худро истихдом кунад, чашмрас буда, маҳз ҳамин нуфуз ва омилҳои дигаре чун ягонагии дин боис шудааст, то дар байни фарҳангнигорони араб ва назариячиёни ин соҳа фикри барғалате пайдо шавад,

ки гӯё муаллифони фарҳангҳои дузабонаи маҳдудаи хилофати арабӣ-исломии қуруни пеш танҳо ба хотире, ки забони худро аз маҳвшавӣ нигоҳ доранд, ба таълифи фарҳанг пардохтаанд [172, 91]. Ин фикри комилан ғалат, ки аслан ба забони тоҷикӣ ва мавқеи он бо забони арабӣ, ҳатто дар замони муаллиф ҳам рост намеояд, боиси хато рафтани муҳаққиқон шудааст, дар мисоли фарҳанги Замахшарӣ ҷавобҳои шоистае дорад. Чунонки дар саҳифаҳои пеш ҳам ишора шуд, фарҳангнигорони фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ, асосан, бар сабили ташреҳ ва дастраси миллати худ кардани мафоҳими мушкилаи забони арабӣ ба таълифи чунин луғатҳо даст задаву бештар ҳангоми ташреҳ аз забони зиндаи халқ суд ҷустаанд. Ҳамчунин забони форсӣ-тоҷикӣ кайҳо ҳамчун забони шаклгирифтаву дар баробари забонҳои дигар аз забони арабӣ ҳам қадимтар маҳсуб мешуд. Аммо зикри ин нукта, ки хатари маҳв шудани забони форсӣ-тоҷикӣ дар баробари забонҳои дигар дар зери султаи забони арабӣ ба миён омада буд, ки мавзуи баҳси дигар аст. Танҳо гуфтани ин, ки таъсири забони арабӣ дар ҳама ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла дар ҳиссаҳои номӣ бисёр чашмрас аст ва таъкиди он ки ҳатто бархе калимот аз тозӣ чунон ҷойгузин шудаанд, ки назири форсиаш аз байни истифода рафта, кофӣ хоҳад буд. Дар ин радиф қисмати феъл дар байни ҳиссаҳои нутқ бетардид яке аз омилҳои истодагарӣ кардани забони мо баробари забонҳои бегона аст ва асилтарин калимот дар ин қисмати забонии мо боқӣ мондаанд. Фарҳанги Замахшарӣ ҳам дар қисмати лексикаи форсии худ намунаҳои бисёре аз афъол дорад, ки ин ҷо мадори зикри ҳар кадоми он ва ё хусусиятҳои пурраи афъоли истифодашуда дар фарҳанг нест. Фақат ишора мешавад, ки афъоли форсии китоб дар шаклҳо ва замонҳо гуногун дида мешавад, ки дар зайл бо ҷадвал ишора мекунем:

СОХТИ ФЕЪЛ:

СОХТА	«бигуворид», «бихобонид» [159, 86], «бикашид», «биёвард»… [159, 87], «бигардонид» [159, 88], «барҷаст» [159, 89], «бартофт», «дарафтод» [159, 90], «бозистод» [159, 97] ва ғ.
ТАРКИБӢ	«об зад», «об фишонд», «нигоҳ кард» [159, 88], «кинавар шуд»,

	«ба ангушт гирифт», «бар якдигар ниҳод» [159, 89], «маъзур дошт», «пой бурид», «пароканда кард» [159, 91] ва ғ.
МАСДАР	«молидан», «андудан», «кашидан», «овардан», «дурӯг гуфтан», «гиристан» [159, 86], «шанбе кардан», «осудан» [159, 90], «рафтан» [159, 91] ва ғ.
СИФАТИ ФЕЪЛӢ	«гуворанда» [159, 86], «ҷаҳанда» [159, 88], «бардакарда» [159, 89], «мондашуда», «сулҳкунанда» [1591, 90], «пайбурида», «решкунанда» [159, 91], «айбкунанда», унсдиҳанда» [159, 92], «ҳақгузоранда» [159, 94] ва ғ.

ЗАМОНИ ФЕЪЛ:

ЗАМОНИ ГУЗАШТА	ЗАМОНИ ҲОЗИРА-ОЯНДА
«биканд», «биҷунбид», «биларзид» [159, 88], «бубехт» [159, 92], «бихарошид» [159, 94]	«хашм мегирад», «пинҳон мекунад», «фурӯ мерезад» [159, 87]

Шохисаи дигари лексикаи тоҷикии фарҳангро дар шакли навиштории калимот дидан мумкин аст. Ин ҷо мухтасаран ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ мешавад. Дар фарҳанг дар баробари нигошти шакли куҳнаи навишти калимот, чун «давит» [159, 50] шакли куҳнаи «давот», тарзи навишти гуногуни калимаҳои воҳид низ пайиҳам, дар зимни ташреҳи як вожа ва ё дар як сатр дида мешавад, ки танҳо чанд намуна аз онро зикр мекунем: «пирӯза – фирӯза» [159, 10], «ангуштарӣ – ангуштарин» [159, 11], «дувоздаҳ – дувонздаҳ» [159, 11], «кафсалезак – кафлезак» [159, 12], «чуғзвора – чуғзлова» [159, 14], «гармобабон – гармобувон» [159, 21], «сутун – устун» [159, 25], «кафгир – кавгир», «кафчалез – кафлез» [159, 26], «бодвезан – бодпезан» [159, 30] ва «забон – зуфон» [159, 34].

Доир ба масъалаи фарогирии лексикии фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб», ки дар ин бахши рисола мо таваҷҷуҳ ба лексикаи форсӣ-тоҷикии он намудем, бояд зикр шавад, ки баҳси бузургест. Бархе муҳаққиқон бар он назаранд, ки дар он лексикаи туркӣ ва ё муғулӣ ҳам дида мешавад, вале азбаски он тарҷумаи фарҳанг ба туркист, мо аз баҳс дар ин бора иҷтиноб мекунем.

ХУЛОСАИ БОБИ II:

Мо хулосаҳои худро доир ба қисматҳои фарогирандаи фарҳанги мавриди таҳқиқ, тарзи сохтор ва ҷобаҷогузории моддаҳои луғавии он, фарогирии лексикаи фарҳанг ва ҷойгоҳи ифодаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» дар нуктаҳои зерин ҷамъбаст менамоем:

1. Фарҳанги Замахшарӣ дар панҷ қисмат таълиф шуда, танзими қисмати исми фарҳанг ба тариқи мавзуӣ мебошад. Қисмати афъол танзими алифбоӣ дорад ва он аз рӯйи тартиби ҳуруфи охири афъол аст. Аз ин хотир, принсипи ягонаи сохторшиносии фарҳангро муайян кардан кори мушкил мебошад. Мо ба ду гуна баррасии онро ба салоҳ наздик донистем, ки яке шинохти сохтори умумии фарҳанг, мисли бобҳову фаслҳои он ва дигаре сохтори андарунии он, яъне тарзи овардани моддаи луғавӣ ва ҷобаҷогузории он аст.

2. Қисмати феъл ба ҷуз танзими алифбоӣ, хусусияти пас аз феълҳои солим зикр ёфтани феълҳои музоаф ва муътал (иллатдор.С.Н.)-ро низ дорад. Аз ин рӯ, дар баъзе ҷойҳо танзими алифбоии байни моддаҳои луғавиро дарк кардан каме мушкилӣ эҷод мекунад. Аммо нуктаи қобили таваҷҷуҳ он ки феъл дар фарҳанг ба ҳайси моддаи луғавӣ дар шакли танҳо, яъне бидуни пайваст шудан ба исм, ҷонишин ё зарф камтар омадааст.

3. Дар бахши ҳарфҳо низ, муаллиф ба танзими ягона риоя накарда, ин қисмат, мисли қисматҳои тасрифи исму феъл бештар хусусияти таълимӣ дорад. Муаллиф дар қисмати ҳарф бештар хусусияти корбасти онро дар забони арабӣ баррасӣ карда, дар ду қисмати ахир ҳолатҳои навишти калимотро нишон додааасту халос. Аз ин ҷо ҷиҳати дастурӣ будани фарҳанг барои омӯзиши забони арабӣ ва хусусияти сарфию наҳвии он дар ин қисматҳо барҷаста намоён мешавад.

4. Дар баробари он ки дар фарҳанги Замахшарӣ усули хоси интихоб ва ҷобаҷогузории калимоту таркиботу ибороти арабӣ дида мешавад чунин ҷобаҷогузорӣ хусусияти мавзуии онро бештар нишон медиҳад. Ин хусусият дар асоси моддаи луғавии меҳварӣ ҷудо кардани бобҳо ба зербобҳо дар қисмати

исм ва феъл аст. Асоси принсипи шарҳи вожаҳо аз ҷониби Замахшариро дар фарҳанг ҳамин хусусият ташкил медиҳад ва ҳамин хусусият боиси шинохти дурусти фарҳанг низ мебошад.

5. Дар баробари он «Муқаддимат-ул-адаб» мисли фарҳангҳои ҳамсони худ, лабрез аз муарработ, истилоҳоти илмӣ, ибораву таркибҳо ва, ҳатто, ҷумлаҳое мебошад, ки ба ҳайси моддаи луғавӣ дар фарҳанг омадаанд.

6. Ҳамчунин фарҳанг шомили ҷумлаҳои арабист, ки ба ҳайси моддаи луғавӣ дар он зикр ва шарҳ мешаванд. Ин падида, ҳарчанд дар фарҳангҳои дузабонаи пеш аз Замахшарӣ ҳам ба назар мерасад, вале дар фарҳанги ӯ ба ҳайси як вижагиест, ки ба фарҳангнигории баъдина таъсири худро расонидааст.

7. Маводи фарҳангҳои дузабона (қисмати форсӣ-тоҷикӣ) то ҳол аз назари ташаккули таърихи забони тоҷикӣ дар давраи нав омӯхта нашудааст. Ҳол он ки маводи ин навъ фарҳангҳо аз назари фарогирӣ ҳам хеле аз фарҳангҳои форсӣ зиёдтаранд. Қисмати бештари маводи форсӣ-тоҷикии фарҳангро ифодаҳои хоси забони зиндаи халқ ташкил дода, ин қисмати лексикаи тоҷикӣ аз ғаномандии забони фарҳанг ва ҳам ғаномандии забони давраи муаллиф дарак медиҳад ва маводеро пешорӯйи муҳаққиқони шевашиносӣ низ фароҳам меоварад.

8. Ӯ бо таснифи фарҳанги мазкур тавонистааст мақоми махсуси забони форсӣ-тоҷикиро дар баробари забонҳои дигар, бахусус забони арабӣ нишон диҳад ва бо диққати фаровоне калимоти форсӣ-тоҷикии холису сараро дар муқобили калимоти арабӣ гузорад. Бисёре аз калимоти нодири форсӣ-тоҷикиро дар «Муқаддимат-ул-адаб» метавон пайдо кард ва метавон гуфт, ки фарҳанги мазкур аз гавҳарҳои пурарзиш ва ганҷинаҳои пурборе барои фарҳангнигорону забоншиносон ва адибони форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ аст.

9. Вожасозӣ ва истифода аз калимоти мураккаб, ки аз падидаҳои бисёр зебои забони фарҳанг ба шумор меравад, мисли муҳимтарин хусусияти забонии ин асар дар самти тоҷикии он шинохта мешавад. Дар ин замина, овардани ибораҳои маъмулӣ ва дар партави ин офаридани ибороти нави ғайримаъмул ҳам мавқеи чашмрас дорад. Ҳамчунин дар фарҳанги мазкур дар

зарфияти хеле кам бошад ҳам, истифодаи иборот ва таркиботи рехтаи забонӣ ҳам дида мешавад.

10. Ҷумлаҳо низ аносири муҳими ташреҳи фарҳанг ба ҳисоб омада, миқдоран бисёр набошанд ҳам, назар ба иборҳои рехта ва бархе навъҳои ибораҳо бештар хусусияти корбурд доранд. Ҷумлаҳои мавриди истифодаи Замахшарӣ, асосан, ҷумлаҳои сода мебошанд, вале ҷо-ҷо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳам дар фарҳанг ба назар мерасад. Дар ин радиф, лексикаи забони тоҷикӣ фарогири калимаҳои архаистӣ, истилоҳвожаҳо, афъол ва анвои он аст, ҳамчунин ҷанбаи навиштории калимот низ, ки дар чанд шакл рӯнамо шудаанд, аз мадди назари муаллиф дур набудааст.

БОБИ III

УСУЛИ ТАРҶУМА ВА ТАШРЕҲИ МАЪНО ДАР «МУҚАДДИМАТ-УЛ-АДАБ»-И ЗАМАХШАРӢ

3.1. Усули тарҷума

Инъикоси маънии вожаҳо дар фарҳангномаҳои дузабонаву бисёрзабона ва тафсирӣ яке аз масъалаҳои печида дар риштаи фарҳангнигорӣ ба шумор меравад, зеро мақсад аз тартиб додани фарҳангҳо маҳз ҳамин муайян кардани маънии аслии вожаҳо ба забони тарҷумашаванда ё усули дастраси ташреҳи он мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки фарҳангнигорон усули хосеро дар ташреҳи моддаи луғавӣ ба кор мегиранд. Ин усул дар фарҳангҳои дузабона бо навъҳои тарҷума инъикос ёфта ва падидаи тарҷума ё усули тарҷума аз таҷрибаи забон ва малакаи фарҳангнигор дарак медиҳад.

Масъалаи тарҷума ва ташреҳ ба масъалаи ҷобаҷогузорӣ ва сохти фарҳанг алоқамандии бисёр дорад. Масалан, дар фарҳанги мавриди назар, ки бештар ба ду усул моддаи луғавӣ ҷойгир шудааст, ишколи асосӣ ин ҷост, ки бобҳо дар тарзу сохтор ва тартиби моддаҳои луғавии тарҷумашаванда аз ҳам фарқ мекунанд. Табиист, ки дар ин ҳолат усули тарҷума кардани фарҳангнигор ҳам фарқ мекунад. Хусусияти мазкур бисёре аз котибон ва мураттибони фарҳангро низ саргум занонидааст. Мисол, дар нашри Маҳдии Муҳаққиқ қисмати сеюм, яъне қисмати ҳарфҳои арабӣ тарҷума надорад [159, 287-290]. Ҳамчунин қисматҳои чаҳоруму панҷуми асар, ки «Гардонидани исмҳо» ва «Гардонидани феълҳо» ном доранд, низ тарҷума надоранд [ниг.: 161, 180б-184б ва 185а-196а]. Пас, маълум мешавад, ки муаллифи асар на дар ҳама ҳолат ба принсипи ягонаи таълиф ва тарҷума даст задааст. Ҳамчунин усули тарҷума кардани муаллифи фарҳанг низ дар бахшҳо аз ҳам тафовут дорад. Масалан, дар баъзе мавридҳо барои пурра ифода кардани маънои як феъл муаллиф маҷбур аст, ки ба забони форсии тоҷикӣ як ҷумларо зикр кунад. Чунончи, «Тасораъу – якдигарро куштӣ

гирифтанд» [159, 265]. Инчунин, тарҷумаи моддаи луғавӣ вобаста ба сохтори фарҳанг ироа мешавад. «Муқаддимат-ул-адаб» аз фарҳангҳои дузабонаи бо принсипи мавзуӣ (тематикӣ) мураттабшуда ба шумор рафта, ҳар вожаи арабии тарҷумаву тавзеҳшаванда дар бобу бахшҳои ҷудогона мувофиқи соҳаи истифодаашон ҷойгир ва тарҷума шудааст ва, ҳамин тариқ, Замахшарӣ тавонистаст, то бо истифода аз усули гуногуни тарҷума сарҳади маъноии онҳоро муайян кунад. Чунин ҷойгиршавии воҳидҳои луғавӣ дар фарҳангҳои мавзуӣ барои муайян кардани сарҳади маъноии калимаҳои сермаъно бисёр муҳим аст. Масалан: «عين – чашм; чашма; зар; зари пухта; зари холис; дидбон» [159, 10, 22, 65]; «نقيره – новаи хамир; новаи лой; жарф; шикофи хурмо» [159, 26, 52].

Дар тарҷумаи мисолҳои ба калимаи «айнун» монанд метавон чунин хулоса кард, ки агар ин воҳиди луғавӣ дар боби «Маъдану канданиҳо» ҷойгир шавад, маънии сеюми он албатта пеш меояд ва агар дар боби «номи маконҳо ва пораҳои замин» ҷойгир шавад, маънии охирони он сабт карда мешавад. Бино бар ин, ҳама маънии ҳамаи воҳидҳои луғавии сермаъно дар «Муқаддимат-ул-адаб» зери мавзуъҳои ба худ хос чунин тарҷума ва сабт шудаанд. Аз ин хотир, баррасии усули тарҷумаи воҳидҳои луғавии фарҳанг, натанҳо баррасии шеваи тарҷумаи фарҳангнигор аст, балки принсипи омадани як моддаи луғавиро дар чанд мавзеъ низ нишон медиҳад. Пас, мавзуи баҳс, бо он ки дарозу муфассал нест, аз мавзуоти меҳварии усули кори фарҳанг ҳам ҳаст. Аммо баррасии усули тарҷумаи моддаи луғавӣ нуктаи дигар ҳам дорад. Бештар фарҳангнигорони фарҳангҳои дузабона соҳибони забони тарҷумашаванда буданд ва, аз ин рӯ, моддаи луғавии фарҳангро, чун ба забони худ аз забони ғайр муфассалтар буданд, метавонистанд ба чанд гуна тарҷума намоянд. Аз ин ҷост, ки тарҷумаи моддаи луғавӣ дар фарҳангҳои дузабона ба гунаҳои мухталиф ифода шудаанд. Сабаби дигари ба чанд навъ буруз кардани тарҷумаи вожаҳо дар луғатҳо он аст, ки забони тарҷумашаванда ё имкони дар калимаи воҳид таҷассум кардани маъноии моддаи луғавиро надорад, ё зарурати тавзеҳи бештареро барои ифодаи кулли ҷанбаъҳои калима пеш меояд.

Дар тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ дар фарҳангҳои дузабона ҳанӯз аз оғози фарҳангнигории фарҳангҳои дузабона усули гуногуни тарҷумаву муайянсозии маънии вожаҳо вуҷуд дошт. Забоншиноси украинӣ Е.С. Истрина дар мақолааш бо номи «Заметки по двуязычным словарям» чаҳор роҳи муайянсозии маънии воҳидҳои луғавиро, ки аз тарҷумаи дақиқ, истифодабарии муродифот, шарҳу тафсир ва иқтибос овардан бо шарҳи маънои калима иборат аст, зикр карда, истифодаи ҳар як аз усули мазкурро дар маънибарорӣ дар ҳар ду забон дуруст меҳисобад [118, 86]. Академик Л.В. Щерба бошад, дар асари хеш «Языковая система и речевая деятельность» дар бахши «Опыт общей теории лексикографии» дар масъалаи тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ дар фарҳангҳои дузабона равиши тафсириро беҳтарин равиши тарҷума меҳисобад [114, 301].

Аз баррасии «Муқаддимат-ул-адаб» ба мо маълум гашт, ки Замахшарӣ барои муайян намудани маънии воҳидҳои луғавӣ дар фарҳангаш аз равишҳои гуногуни тарҷума истифода кардааст, ки қисмати «Ал-асмо»-и «Муқаддимат-ул-адаб» дар равишҳои тарҷумаву тафсир ва шарҳи воҳидҳои луғавӣ бо «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазли Майдонӣ хеле наздик аст. Аммо қисмати феъл тафовут дорад. Барои он ки моддаҳои луғавӣ дар қисмати исми луғат бо тарзи мавзуӣ ҷойгузин шудаву дар қисмати афъол ин хусусият барҳам хӯрдааст.

Усули тарҷумаи воҳидҳои луғавии арабиро ба форсӣ-тоҷикӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ метавон бо тарзҳои зерин ҷудо кард:

1. Тарҷумаи калима ба калима, зеро қисмати зиёди вожаҳои арабӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ муодили худро доранд ва Замахшарӣ низ дар «Муқаддимат-ул-адаб» барои муайян кардани маънии калимаҳои арабӣ аз вожаҳои ҳаммаънои онҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ фаровон истифода кардааст. Ин усули маъмули тарҷума бошад ҳам, корбасти он дар қисмати бештари феълҳо дуруст намеояд. Барои ҳамин мисолҳо аз қисмати исмҳои фарҳанг оварда мешавад. Мисол: «سَنَةٌ – сол; سَنَوَاتٌ ҷамъ, مثلّث [سَنُونٌ سُنُونٌ] سِنُونٌ سَنَهَاتٌ» [159, 3]; «رَبِيعٌ – баҳор, صَيْفٌ – тобистон» [159, 3]; «سَحَرٌ – саҳаргоҳ; اَسْحَارٌ ҷамъ; اللَّيْلَةُ – имшаб…» [159, 4]; «سِكّين – корд» [159, 70]; «ارض – замин; آراض ва اراضي ҷамъ» [159, 8].

Дар забони арабӣ қисмати зиёди воҳидҳои луғавӣ ба таври иштиқоқ (тарзи морфологии калимасозӣ дар назар аст. – С.Н.) сохта шуда, ҷои намоёнро маҳз ҳамин гурӯҳи калимаҳо ишғол мекунанд. Аксари калимаҳои ба тарзи номбурда сохташудаи забони арабӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ низ монанди худро доранд, ки барои тарҷумаву инъикоси маънои калимаҳои арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ истифода мешаванд. Мо дар зайл аз сабти мисолҳои зиёд худдорӣ мекунем, барои он ки қисмати бештари тарҷумаҳо дар фарҳанги мавриди таҳқиқ бо усули зерин аст. Ҳамчунин дар ҳолати зикри дарозтар ва ҳамроҳ бо тавзеҳот низ аввал кӯшиши тарҷумаи калима бо калима меравад. Аз ин рӯ, дуруст мешуд агар ба тарҷумаи хелҳои гуногуни калимаҳои арабӣ – ҳамчун моддаи луғавӣ таваҷҷуҳ шавад. Дар «Муқаддимат-ул-адаб» Замахшарӣ дар радифи калимаҳои сода шумори зиёди калимаҳои муштақро оварда, бо истифода аз вожаҳои сохтаи ҳаммаънову ҳамгуни онҳо аз забони форсӣ-тоҷикӣ маънии калимаҳои арабиро тарҷума кардааст. Масалан, калимаҳое, ки бар вазни «фаъъол» сохта шуда, пешаву шуғлро мефаҳмонанд:

«خياط – дарзӣ» [159, 57].

«بياع – колафурӯш» [159, 59].

«بزاز – ҷомафурӯш» [159, 61].

«سكاك – кордгар» [159, 70].

«قَوّاص – камонгар» [159, 69].

Ё ин ки бар вазни «мифъал» бо ҳамроҳ кардани пасванди «йо» дар охири калима, ки сифати нисба месозад:

«مِغْزَلِيٌّ – дуктарош» [159, 57].

Калимаҳои арабие, ки бар вазни «мифъалатун» сохта шудаанд, Замахшарӣ онҳоро бо калимаҳои ҳаммаъноянашон аз забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума кардааст. Муродифҳои форсӣ-тоҷикии моддаи луғавиро калимаҳои сохта тавассути пасвандҳое, ки исми макон месозанд, ташкил медиҳанд:

«مَجْمَدَةٌ – яхдон» [159, 12].

«مِمْلَحَةٌ – намакдон» [159, 27].

«مَسْرَجَةٌ – чароғдон» [159, 28].

«مَحْجَمَةٌ – ҳиҷоматгоҳ» [159, 37].

«مِسْيَعَةٌ – мола» [159, 52].

«مَقْلَمَةٌ – қаламдон» [159, 50].

Ҳангоми тарҷумаи калимаҳои арабии бар вазни «мифъалатун» ва «фаълоун» сохташуда, ки зиёдӣ ва ё фаровонии чизеро ифода мекунад, Замахшарӣ муодили форсии онҳоро, ки бо пасванди ***-истон*** сохта шудааст, ба кор мебарад:

«شَجْراءُ – дарахтистон» [159, 18].

«حَلْفَاءٌ – бешистон» [159, 17].

«مَخْلَفَةٌ – бедистон» [159, 17].

«مَدْلَبَةٌ – чинористон» [159, 17].

Ҳангоми тарҷумаи калима ба калимаи бархе моддаҳои луғавии дигар бошад, муаллифи фарҳанг аз калимоти мураккаби забони форсӣ-тоҷикӣ истифода мебарад:

«مبطن – бузургшикам» [159, 40].

«الصغ – шикастазабон» [159, 41].

«مجتمع – тамомриш» [159, 42].

«ضلاء – борикмиён» [159, 44].

Ё ин ки муайянсозии маънии калима бо овардани, бевосита, муродифи арабии он, ки дар баъзе маврид ба чашм расид, дар фарҳанг дида мешавад. Муаллиф барои тарҷумаи моддаи луғавӣ аз калимоте, ки ба таркиби забони форсӣ даромадааанду кайҳо ҳазм шудаанд, низ истифода мебарад. Мисол: «بستان – ҷаннатун», قَثَدَةٌ – хиёр, [159, 15]. Ин ҳолатҳо барои парҳез кардан аз такрор рӯй додаанд. Чунонки мо ба мушоҳида гирифтем, агар моддаи луғавӣ худ асли форсӣ дошта бошад, дар зимни шарҳи он муаллиф аз калимаҳои арабӣ истифода мекунад, ки муродифи арабии моддаи луғавианд: «بهار – гули зард, ки аввали рабеъ бирӯяд» [159, 16].

Чунин тарзи тарҷумаву муайянсозии маънии калимаҳо бо муодили форсӣ-тоҷикии онҳо ва тарҷума бо калимаҳои содаву сохта ва вожаҳои воридшуда аз дигар забонҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ, ҳамчунин ифодаи маънои воҳиди

луғавӣ бо зикри муродифи он аз ҷониби муаллифи «Муқаддимат-ул-адаб» хеле фаровон истифода шуда, моҳирона ба кор рафтааст. Инчунин, ҳамаи воҳидҳои луғавии арабие, ки бо муодили форсӣ-тоҷикӣ тарҷумаву маънисозӣ шудаанд, пас аз тарҷумаи воҳиди луғавӣ муаллиф на кам аз се муродифи онро бо шакли ҷамъи калимаҳо сабт кардааст, ки дарки мафҳуми калимаро барои омӯзандаи забони арабӣ тавассути «Муқаддимат-ул-адаб» осон месозад. Мисолҳое, ки дар боло зикр шуданд, намуна аз калимаҳои содаву сохтаи забони арабӣ буданд, ки бо як усули хос аз ҷониби муаллиф бо истифодаи муодилҳои онҳо ва воҳидҳои луғавии ҳаммаънои сохташуда аз забони форсӣ-тоҷикӣ моҳирона тарҷума шудаанд. Чунин тарзи тарҷума дар «Муқаддимат-ул-адаб», тибқи ҳисоби тахминии мо, ҳудуди 50%-и моддаҳои луғавии фарҳангро дар қисмати асмо фаро мегирад. Дар қисмати афъоли фарҳанги мавриди пажуҳиш бошад, фоизи ин навъи тарҷума беҳад кам аст. Мо дар даҳ саҳифаи интихобии ин қисмат якто мисол пайдо кардем, ки «خلب – бифирефт…» [159, 122] аст. Аз ковишҳо маълум мешавад, ки тарҷумаи калима ба калима дар қисмати афъол бештар дар бахши афъоли «сулосии муҷаррад» ба мушоҳида мерасад. Чунончи, «حَنَاهُ – бихамонидаш» [159, 119]; «بكى – бигирист» [159, 118]; «مضى – бигузашт» [159, 117]; «زاغ – бикашт» [159, 114] ва амсоли ин далели гуфтаҳои фавқуззикр шуда метавонанд. Гоҳе мешавад, ки муаллифи фарҳанг дар тарҷумаи калима ночор мемонад ва варианти форсишудаи онро меорад. Мисол: «احْتَظَرَ حَظِيرَةً – ҳазира кард» [159, 235]. Ва: «ابتسم – табассум кард» [159, 239]; «Иҷтаҳама – ҳиҷомат кард»; «ихтасаму – хусумат кардан» [159, 239].

2. Тарзи тавсифиву тафсирии тарҷумаи калимаҳо низ дар «Муқаддимат-ул-адаб» ҷои намоёнро ишғол менамояд, зеро дар ҳар забон воҳидҳои луғавие вуҷуд доранд, ки маҳз ба тарзи тавзеҳу шарҳ ва тафсиркунӣ ба забони тарҷумашаванда маънии онҳо кушода мешавад. Ин омил сабабҳои ба худ хос дорад, ки ба назари мо дар нуктаҳои зайл маълум мегардад:

Набудани калимаи ҳаммаънову монанд дар забони тарҷумашаванда, зеро дар «Муқаддимат-ул-адаб», мисли даҳҳо фарҳанги дигари дузабона вожаҳое вуҷуд доранд, ки дар забони форсӣ-тоҷикӣ калимаи мувофиқ ва ҳаммаъно

надорад. Дар ҳолати доштан ҳам, он калима кулли ҷанбаҳои маъноии моддаи луғавии тарҷумашудаистодаро фаро намегирад. Мисол:

«عُوثيَّةٌ – таоме, ки бо малах пазанд» [159, 60].

«قَرِيسٌ – моҳии дар сирко пухта» [159, 60].

Калимоти айнан тарҷуманашавандаи фарҳанг бисёр аст. Чунин калимотро метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард, ки дар забони форсӣ-тоҷикӣ вожаи ҳамтову ҳаммаъно надоранд ва танҳо бо роҳи тавзеҳу тафсир маънии онҳо муайян карда мешавад:

- калимоти мазҳабӣ (динӣ), ки баробари пайдоиши ислом ба вуҷуд омадаанд:

«قرآن – китобе, ки бар Муҳаммад нозил шуд» [159, 49].

«كوثر – номи ҳавзест дар биҳишт» [159, 49].

«حديث – сухани пайғомбар; гуфтори расул» [159, 49].

«حَمِيمٌ – шароби дӯзахиён аз мис гудохта» [159, 51].

«عُرْفٌ – девор дар миёни биҳишту дӯзах» [159, 51].

Аз тарзи тарҷумаи ботавзеҳи мазкур маълум мешавад, ки воҳидҳои луғавии ифодакунандаи мафҳумҳои динӣ, асосан, тавассути ибораҳои изофии исмӣ, ибораҳои зарфӣ ва ҷумлагунаҳое, чун «китобе, ки бар Муҳаммад нозил шуд» ва ғ. тарҷума шудаанд.

- истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг, ки дар даврони ислом бештар инкишоф ёфтаанд:

«لغة – забони ҳар қавме» [159, 49].

«نحو – тарозуи сухан» [159, 49].

«فَصَّالٌ – сухангӯе дар ҳар ҷо» [159, 49].

«حكمت – сухани рост» [159, 49].

«قبَالَةٌ – номаи қозӣ» [159, 49].

«غزل – ситоиши касе; санои касе» [159, 50].

«قافيه – поёни байт» [159, 50].

«رق – коғаз аз пӯст» [159, 50].

«جريدةٌ – дафтари ҳисоб; дафтари нависанда» [159, 50].

«زُبْيَةٌ – чоҳе, ки сайёд аз хавфи шер дар ӯ пинҳон мешавад» [159, 54].

«مِضْرَابٌ – чизе, ки бо ӯ созро мезананд» [159, 54].

Дар шарҳи истилоҳот бошад, барои ҳарчӣ фаҳмотар кардани матлаби худ фарҳангнигор аз ибораҳои изофӣ бештар истифода кардааст.

- феълҳо. Феълҳо ҳам як гурӯҳ вожагоне ҳастанд, ки бо як калима ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани онҳо ғайримумкин аст. Махсусан, аз он сабаб, ки Замахшарӣ барои ифодаи маъноии феълҳо ба онҳо ҷонишинҳои шахсиро ҳамроҳ карда меоварад. Мисол:

«أَجْذَلَهُ – шод кард ӯро; шодмон кардаш» [159, 198].

«ارجله – пиёда кард ӯро» [159, 199].

«افهمه – хомӯш кардаш…» [159, 200].

Аммо гоҳ худи феълҳоро ҳам ба як калима тарҷума карда намешавад ва аз рӯйи он ки феълҳои забони тоҷикӣ бештар афъоли таркибӣ мебошанд, онҳо ба гунаи зайл тарҷума мешаванд: «اجرم – гуноҳ кард…» [159, 200]. Аз ин навъ тарҷумаҳо дар фарҳанг садҳо овардан имкон дорад, аммо барои ихтисор танҳо зикри намунае кофист.

- вожаҳои дигаре, ки бо як калима наметавон маънӣ кард, зеро маънии калимоти зеринро дар забони форсӣ-тоҷикӣ бо як калима ифода кардан ғайриимкон аст:

«سِقَاءٌ – хики об ё шир» [159, 52].

«قُضَاعَةٌ – саги обӣ» [159, 53].

«غديره – чоҳе, ки дар зери пои ҷулоҳ аст» [159, 53].

«براده – реза, ки аз даҳани сӯҳон резад» [159, 54].

«جُرَّةٌ – ду чӯб, ки дар сари дом аст» [159, 54].

Чунонки ба назар расид, Замахшарӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» барои муайян кардани маънии воҳидҳои луғавӣ аз усули гуногуни тарҷума ба хубӣ истифода карда, муҳимтарин ва серистифодатарин воҳидҳои луғавии забони арабиро, ки дар рӯзгори худаш барои омӯхтану донистани ин забон зарур шуморида мешуд, тарҷумаву тавсиф намудааст. Намунаҳои овардашуда сирф калимаҳои арабии ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷумаву тавсифшуда ҳастанд.

Аммо дар «Муқаддимат-ул-адаб» вожаҳое низ ба чашм мерасанд, ки аз забонҳои дигар ба забони арабӣ гузашта, мавқеи худро мустаҳкам кардаанд, яъне муарраб шудаанд, ки тарҷумаи ингуна воҳидҳои луғавӣ низ ба чашм мерасанд. Дар хотима чанд намуна аз вожаҳое, ки аз забони юнониву форсӣ ба арабӣ гузаштаанд, оварда мешавад: «زرنِيخٌ – санги зард» [159, 10]; «مَرْجَانَةٌ – марворид, марҷонун ҷамъаш» [159, 10]; «معا [دِلْفِينٌ] دُلْفِينٌ – моҳии Юнус» [159, 12].

3. Тарҷумаҳои айнии моддаҳои луғавӣ. Дар ин навъи тарҷума фарҳангнигор аз сабаби набудани гунаи тоҷикии калимоти арабӣ онҳоро айнан тарҷума намудааст. Баъзе аз ин навъи тарҷумаҳо ба забони мо хос набуда, дар натиҷа таъбиру ибора ва ҷумлаҳои номаънусеро ба вуҷуд овардаанд. Аз сӯи дигар, дар забонҳо, вобаста ба меъёру қавоидашон ифодаҳое вуҷуд доранд, ки ба забони бегона тарҷума кардани он ғайриимкон аст. Шояд ба ҳамин хотир аст, ки як идда тарҷумаҳое, ки дар фарҳанги Замахшарӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дида мешаванд, номаънус метобанд. Мисол: «مص المآء – бимакид обро;

مص/يمص – мемакид обро; مصا – макидани об» [160, ҷ.2, 399].

Дар забони тоҷикӣ обро макидан аслан намегӯянд. Агар дар мисоли боло кулли калимаву ифодаҳо дар як меҳвар бошанд, ин ҳолат на дар ҳама моддаҳои луғат, ки бо ифодаҳои тарҷуманамудаи худи муаллифи он ба миён омадаанд, дида мешавад. Масалан: «صَكَّ وَجْهَهُ – бизад рӯяшро; бизад ба рӯяш; чак набишт ӯро; чак дод ӯро ба фалон чиз; чак навишт барои ӯ. صَكًّا – бар рӯй задан; чак набиштан» [160, ҷ.2, 405-406], танҳо ифодаи «чак задан», «чак додан» ва «чак навиштан» номаънус менамояд. Тарҷумаи моддаҳои «صَفُّوا بِأَنْفُسِهِمْ – худ раста шуданд» [160, ҷ.2, 403] ва «و قَادَ القَوَّادُ عَلَى المَرْأَةِ – қалтабонӣ кард қалтабон занро, зан ба музд шуд» [160, ҷ.2, 427] ҳам норасоиҳо доранд ва ба диди аввал тез дарк намешаванд. Аз самти дигар нофаҳмиҳо дар шарҳи калимоту ибороти арабӣ аз он ҳам сарчашма мегирад, ки бархе калимоту ифодаҳои замони муаллифи фарҳанг то кунун мустаъмал нест. Мисол: «عَاذَ بِاللَّهِ مِنَ السُّوءِ – андахсид ба Худой аз бадӣ; паноҳ гирифт ба Худой аз бадӣ; андахсид ба Худой аз бадии кирдор» [160, ҷ.2, 428].

3.2. Усули ташреҳи маъно дар фарҳангҳои дузабона

Роҷеъ ба усули ташреҳ дар фарҳангҳои дузабона тақрибан дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти чашмрасе вуҷуд надорад, ки усули ташреҳи моддаҳои луғавиро бо усули системанок ва принсипноки илмӣ дар онҳо нишон дода бошад. Зимнан, аз ишораҳои кӯтоҳи чанд забоншиноси ватаниву хоричӣ, аз қабили Н.И. Фелдмен, А.З. Розенфелд, Ю.А. Рубинчик, Л.В. Шерба, Е.С. Инстрина, А. Мамадназаров, К.А. Шарофиддинов, А. Ҳоҷиев, А.А. Юлдошев ва дигарон бояд бо тамҷиду эҳтиром ёд кард, зеро онҳо дар таҳқиқоти хеш ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи мавриди баҳс дахл кардаанд. Аммо бояд иқрор шуд, ки масъалаи усули ташреҳ дар фарҳангҳои тафсирии забони форсӣ-тоҷикӣ аз масъалаҳои баррасишуда ва бар замми баррасӣ шудан роҳи таҳқиқ, принсипи таъйин ва усули ташреҳи вожагону моддаҳои луғавӣ ба таври системанок дар таҳқиқоти олимони мухталифи тоҷик таъйин шудааст.

Ба назари мо роҳи дурусттарини таъйини хусусияти ташреҳшавиро дар зимн дорад. Ба қавли забоншинос Н. Ғиёсов: «Тасвири ин масъалаҳоро (манзур усули ташреҳи моддаҳои луғавиро – С.Н.) мо бояд дар васати вожаҳо ва шарҳи онҳо, дар вусъати ишораҳо ва навиштаҳои муаллифони фарҳангномаҳо дар муқаддимаи осори хеш бозҷӯй кунем ва–бо ҳамин кори муҳим ва зарурӣ дар шинохти зуҳуроти афкори забоншиносии ниёгони хеш, дар барқарор намудани сурати тазоҳур ва вуҷуҳоти аслии руҷӯи эшон ба масоили забонӣ хидмате дошта бошем» [46, 15]. Дар радифи андешаҳои мазкур бояд ба таҳқиқоти дигар луғатшиносон, аз қабили М.Г. Мамедова, В.А. Капранов, С.И. Баевский, А. Насриддин, Ҳ. Рауфов, Э.А. Умаров, К.Р. Рушанян, Ҳ. Аҳадов, А. Воҳидов, А. Нуров, А. Атахонова, Д. Баҳриддинов, М. Хоҷаева, Ф.Н. Ғиёсова, С. Саидов ва дигарон низ назар кардан манзараи умумии—таҳқикро дар самти мазкур равшантар нишон медиҳад. Аз ин хотир, олимони забоншиноси моро, махсусан, нафаронеро, ки ба таҳқиқи фарҳангномаҳо алоқамандӣ доранд, зарур аст, ки дар баробари назариёти пешиниёнро донистан, мустақиман ба худи маводи луғат, тарзи тарҷума (агар фарҳанг дузабона ва ё чандзабона бошад), васоити

шарҳи моддаҳои луғавӣ, тарзи зикри санад ва даҳҳо авомили дигари он таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Барои он ки ҳар фарҳанг, дар баробари хусусияти умумӣ бо фарҳангҳои замони худ ва ё аз ягон ҷиҳат ба фарҳангҳои ҳамсони худ доштан, хосиятҳое низ дорад.

Дар фарҳангҳои дузабона масъала ранги дигаргунатар дорад, зеро бар замми усули маъмули ташреҳ дар фарҳангҳои тафсирӣ ба он унсури дигар, яъне тарзи тарҷумаи мавод низ шомил мешавад. Аз ин рӯ, кор бар муҳаққиқ якандоза мушкил эҷод мекунад. Агар дар фарҳангҳои тафсирӣ асоси ташреҳи фарҳангнигор бар пояи тафсири калима ба калима, тафсиру ташреҳ дар асоси муайянкунии вазни калима ва тарзи навишти он, ташреҳ дар асоси унсурҳои энсиклопедӣ (яъне тафсири моддаи луғавӣ ба усули муфассал бо як ё якчанд ҷумла – С.Н.), ташреҳ бо усули овардани санад аз нигоштаҳои бузургони адабу фарҳанг ва амсоли ин сурат гирад, дар фарҳангҳои дузабона ва ё бисёрзабона бар замми зикри чигунагии навишти калимот, шарҳ тавассути зикри муродифоти форсӣ-тоҷикии моддаи луғавӣ, тарҷумаи айнии моддаи луғавӣ, боз зикри муродифи арабии моддаи луғавӣ, зикри маъниҳои гуногуни моддаи ташреҳшаванда, тавассути ҷумлаи тоҷикӣ ва ё арабӣ (ҳамчун санад дар баъзе мавридҳо, – С.Н.), тавассути зикри моддаҳои ҳаммонанд ва ё шакли тасфиршудаи феълҳо ва ё калимасозии забони арабӣ барои ташреҳи масдар ё асоси калимаи мавриди шарҳ зам мешаванд. Аммо ин усулҳо ниҳояти кор нестанд. Ба мушоҳидаи мо ҳар як фарҳанги дузабона, ки дар гузашта иншо мешудааст, бо ҳайсият ва вижагии махсус, дархур ва мутобиқи завқу зеҳни муаллифи он ба рӯйи саҳфа омадааст. Дар ин хусус дар фаслҳои пеш ҳам маълумот дода будем. Зимнан, роҳу усули таъйини ташреҳи моддаҳои луғавӣ дар луғатномаҳои дузабона ба чанд омил вобастагии зич дорад. То он ҷо, ки мо огоҳӣ дорем, то ҳол заминаҳои илмии усули ташреҳ дар ягон таҳқиқи то рӯзгори мо анҷомёфта тақсимбандӣ ва ё зикр нашудаанд. Он чӣ мавриди омӯзиш ва баррасии муҳаққиқон буда, бештар ба шакли навишти калимот дар фарҳанг тааллуқ дорад ва ба воситаи шинохти дурусти шакли калима даст ёфтан ба маънои он. Ин нуктаро аз фасли рисолаи А. Ҳоҷиев ҳам метавон

дарёфт, ки «Мушаххас кардани маънии калима ва тарзи тасвири истифодаи он» ном дорад [141, 79-96]. Ин нуктаро, ки аз анъанаҳои куҳани фарҳангнависии форсӣ-тоҷикист, С.И. Баевский ҳам дар таҳқиқоти худ, ки роҷеъ ба фарҳангҳои тафсирии форсист, ишора мекунад [102, 112-115]. Забоншиноси дигар Л.С. Пейсиков низ бар он назар аст, ки усули овардани транскрипсия усули тозаи фарҳангнигорӣ буда, дар фарҳангҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ дида намешавад [136, 200]. Албатта, агар дар хусуси калимаҳои забони арабӣ баҳс бошад, тарзи нигошти калимаҳо ҷои аввалро дар ташреҳи онҳо низ ишғол менамояд, зеро дар баробари дигар шудани шакли калимот ҳатто дар ҳаракатҳои он (манзур зеру забар аст – С.Н.) метавонад куллан маънои калима иваз шавад. Аммо кулли масоили шарҳи моддаҳои луғавӣ бастагӣ ба шакл надорад ва ба назари мо барои тадқиқи он бояд ба умқи нигоштаҳои худи луғатнигорон, чунонки дар боло дар гуфтаи Н. Ғиёсов ҳам таъкид шуд, фурӯ равем. Бо назардошти он ки кулли луғатномаҳои арабӣ-форсӣ танзими ягонаи иншо надоранд, кор бар муайян кардани тарзҳои ташреҳ ҳам як андоза ишкол пайдо мекунад. Аммо ба ҳар ҳол мо тарзҳои зеринро тарзҳои асосии ташреҳи моддаи луғавӣ дар фарҳангҳои дузабона медонем:

1. ***Усули шарҳи мухтасар.***
2. ***Усули ташреҳ бо интихоби муодили арабӣ ба тоҷикӣ.***
3. ***Усули ташреҳи муфассал.***
4. ***Усули ташреҳ бо воситаи муродифот.***
5. ***Усули ташреҳ бо истифода аз иқтибосот.***
6. ***Усули ҳавола.***

Ногуфта намонад, ки усули шарҳи мухтасар, азбаски бо усули тарҷума тақрибан як самтро нишон медиҳад, дар фасли усули тарҷума баррасӣ гардид ва ҳоҷат ба такроран баррасии он нест.

Усули ташреҳ бо интихоби муодили арабӣ ба тоҷикӣ. Чунонки дар фаслҳои пеш ҳам ба ин маъно ишора шуда буд, тарзи овардани моддаҳои луғавии фарҳанг якгун нест. Гуфта ҳам шуд, ки дар бахши исм сохтори китоб асоси мавзуӣ дораду дар бахши феъл асоси сарфию наҳвӣ.

Бештарин ишкол дар гузиниши муодили форсӣ-тоҷикӣ дар бахши феъли луғат дида мешавад. Барои он ки дар феълҳои забони арабӣ комилан корбасти дигаргуна дар ҷумла доранду дар алоҳидагӣ ҳам метавонанд мафҳуми як ҷумларо ифода кунанд. Ҳамчунин феълҳое ҳастанд, ки корбасти муайяне дар забони арабӣ доранд. Чунончи, дар мисоли поён феъли «فَرَحَ» – пир шудани сутур мебошад. Ин ҷиҳати маъноии вожа танҳо ба чаҳорпо тааллуқ дошта метавонад, ки аз мисолҳое, ки Замахшарӣ дар поёни моддаи мавриди назар овардааст, равшан мегардад:

«قَرَحَ الفَرَسُ – пир шуд асб.

معا [يَقْرَحُ] يَقْرُحُ – пир мешавад асб.

قُرُوحًا – пир шудани асб» [160, ҷ.2, 285].

Зимнан, луғатнигор ҳангоми овардани шакли тасрифи замони ҳозираоянда ва масдари феъл вожаи «фарас»-ро истифода накарда бошад ҳам, дар тарҷума калимаи «асб» барои равшантар ҷилва додани маънои аслии он истифода мешавад. Аз сӯи дигар, равшан мешавад, ки моддаи луғавӣ, дар кадом шакле, ки наояд, инҳисори маъноӣ дорад. Яъне, танҳо ба ҳамин маъно ихтисос дораду дар мавриди инсон корбаст намегардад. Аз ин рӯ, ин навъи ташреҳро, ки тавассути дигар моддаҳои луғавӣ анҷом мепазирад, шояд аз маъмултарин навъи ташреҳ дар фарҳанги мавриди назар гуфта метавонем.

Зимнан, бо таваҷҷуҳ ба чунин хусусиятҳо дар натиҷаи ковиш дар усули шарҳ як қатор навовариҳои муаллифи фарҳангро ба мушоҳида гирифта метавонем, ки дар фарҳангҳои пеш аз ӯ дида намешаванд. Дар зимн муаллиф ба танаввуи шарҳи моддаи луғавӣ танҳо аз рӯйи завқу салиқа кор накардааст, балки вобаста ба талаботи маъноии вожа ва ё мавқеи истифодаи он дар забони арабӣ барои шиносонидани бегоназабонон бар он вижагиҳо шуруҳоташ якгуна нест. Фарҳангнигор гоҳ ба хотири нишон додани вариантнокии масдари феъл кӯшиш мекунад. Масалан, дар феъли «حَصَدَ الزَّرْعَ – бидаравид киштро; бидуруд киштро; даравид киштро» якбора се навъи навишти масдари он « حَصْدًا و حِصَاداً معا [حَصَاداً] – дарав; даравидан; дарав кардан; дарав кардани кишт» ишора шудааст [160, ҷ.2, 288]. Ҳамчунин ҷумлаеро ба ҳайси далел бо тарҷумаи форсии

он овардааст: «و زَرْعٌ حَصِيدٌ – кишти дуруда» [160, ҷ.2, 288]. Дар мисоли зерин ҳам айнан ҳамин ҳолатро ба мушоҳида мегирем. Танҳо фарқ ин ҷост, ки дар он вариантнокии шакли ҷамъи калимаро мебинем:

«حَجَ الْبَيْتَ – зиёрат кард Каъбаро.

حَجًّا و حِجًّا – зиёрати Каъба кардан.

و هم الحَاجُ و الحِجُ و الحَجِيجُ و الحُجَّاجُ – ва эшон ҳоҷиён; ва эшон зоирони хонаи Худой» [160, ҷ.2, 382].

Дар мавридҳои дигар фарҳангнигор барои ҳамаҷониба инъикос кардани маънои моддаи луғавӣ дар зимн мисол дар шакли ҷумла забони арабӣ ва тарҷумаи форсии он зикр мекунад. Чунончи:

Феъл:	**Масдар:**	**Ҷумла:**
بَتَرَهُ – бибуридаш, буридаш, аз бех баркандаш, нек буридаш.	ـَتْرًا – буридан; нек буридан; баркандан аз бех.	وسيف بتير و بتار بتار – шамшери буррон, теғи тез, шамшери бурранда. و سُيُوفٌ بَوَاتِرُ – шамшерҳои буррон; теғҳои тез; шамшерҳои бурранда [160, ҷ.2, 301].
دَجَا اللَّيْلُ – шаб торик шуд; шаб сиёҳ шуд.	دُجُوًّا – торик шудани шаб; сиёҳ шудани шаб.	و هي الدُّجَى – ва ин торикӣ; ва ин торикии шаб [160, ҷ.2, 459-460].
هجاه – ҳаҷв гуфт ӯро.	هجاءا/هجوا – ҳиҷо гуфтан. هجاوتا – ҳиҷогӯй шудани шоир.	و هجو الشاعر – ҳаҷвгӯ шуд шоир; ҳиҷогӯй шуд шеъргӯянда. وهو هجئ – ва ин ҳиҷогӯй; ва ин ҳаҷвкунанда [160, ҷ.2, 461].
رَسَا – устувор шуд; барпой биистод.	رُسُوًّا و رَسْوًا – устувор шудан; барпой шудан.	و هي الرَّوَاسِي – ва ин кӯҳҳои устувор; ва ин кӯҳҳои пойдор; ва ин устуворихо [160, ҷ.2, 469].
دَعَا لَهُ – дуои нек кардаш; дуои нек кард ӯро. دَعَا عَلَيْهِ – дуои бад кардаш; дуои бад гуфт бар вай.		و دَعَا الرَّجُلَ – бихонд мардро; фарои худ бихонд мардро [160, ҷ.2, 474].
جفاه – ҷафо кард ӯро;	و جَفَا / جَفَاءً – дур	جَفَا جَنْبُهُ عَنِ الفِرَاشِ – дур шуд паҳлуи ӯ

ҷафо дод ӯро; дур кардаш; озор расонидаш; биёзурдаш.	кардан; озор додан; озурдан. جَفْوَةً / جُفُوًّا – дур шудани паҳлу аз бистар; дур шудани паҳлу аз ҷомаи хоб; паҳлу наниҳодан бар бистар [160, ҷ.2, 476].	аз бистар; паҳлу наниҳод бар бистар; дур шуд паҳлу бар бистараш; дур шуд паҳлу-ш аз ҷомаи хоб.

Чунонки аз ҷадвал мушоҳида мешавад, тарзи овардани моддаҳои дигар барои муайян кардани тарзи корбасти моддаи луғавӣ ва шинохти усули корбасти он дар забони арабӣ якгун нест. Муаллифи фарҳанг гоҳе масдари феълро зикр намекунад, гоҳи дигар аз як феъл ба тасрифи феъли наздик ба он гузашта, масдари онро низ зикр кардааст. Сабаби зикр шудани масдари дигар вижагии маъноии дигар доштани моддаро низ нишон медиҳад. Муаллиф зимни шарҳ мехоҳад, то хусусиятҳои корбурди вожаро ҳамаҷониба нишон диҳад. Ё ин ки шаклҳои гуногуни навишти масдарро таъйин созад. Мисол:

تشرا – зинда кардан.	***و نشر بنفسه*** – худ зинда шуд. ***نشورا*** – худ зинда шудан; худ бархостан.	***ونشر الخبشت*** – бибурид чӯбро бо арра. ***نشرا*** – буридани чӯб» [160, ҷ.2, 321].
عتا فى الارض – ситамгар шуд дар замин; сарфарозӣ кард дар замин. ***عتوا*** – сарфарозӣ кардан, ситамгарӣ кардан.	***و عتا الشيخ*** – сахт пир шуд; дуто шуд пир; фартут шуд пир; хамида шуд пирамард. ***عتوا/عتيا*** – сахт пир шудан; дуто шудани пир; фартут шудани пир; хамида шудани пир [160, ҷ.2, 458-459].	
نجا منه – бираст аз ӯ; раҳо ёфт аз ӯ. ***نجاتا*** – растан; раҳо ёфтан. ***ونجا*** – бидавид; бишитофт; бишитобид дар рафтан.	***نجاءا*** – давидан; биштофтан; шитобидан дар рафтан. ***ونجا*** – камиз кард; палидӣ кард.	***نجوا*** – камиз кардан; палидӣ кардан. ***وهو النجو*** – ва ин камиз; ва ин палид; ғоят [160, ҷ.2, 461]

كساه – пӯшонид ӯро; пӯшонидаш; пӯшидаш ҷома. يكسوه – мепӯшонад ӯро; мепӯшидаш. كسوتا/كسوا/كيوا – ҷома пӯшонидан. وكسى بنفسه – худ ҷома пӯшид. يكيبى – худ ҷома мепӯшад.	كسوتا – худ ҷома пӯшидан; ҷома бар тан кардан. وهو كاس – ва ин пӯшида; ва ин ҷома бар тан доранда. الكيئ/الكيب/الكسوة/وهى الكسوة – ва ин пӯшиданӣ [160, ҷ.2, 470]	

Усули ташреҳи муфассал. Яке аз хусусиятҳои муҳим ва фарогир дар ташреҳи вожагон ва ё умуман воҳидҳои луғат он аст, ки фарҳангнигор бо шарҳи калима ба калима қаноат накарда, барои пурра таҷассум кардани паҳлуҳои гуногуни маънои воҳиди шарҳшаванда ба шарҳи муфассал ва ё хусусияти энсиклопедӣ дошта муроҷиат мекунад. Ин падида, ҳарчанд дар фарҳангҳои дузабона куллан амалӣ намешавад, аммо асоси кори мо дар ин бахш шуда метавонад. Бояд таъкидан гуфта шавад, ки дар фарҳангномаҳои дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ, махсусан, дар фарҳанги Замахшарӣ, шарҳҳои энсиклопедӣ дида намешавад, аммо шарҳҳои муфассали моддаи луғавӣ дар фарҳанг зиёд ба чашм мерасад. Масалан, шарҳҳои муфассалтар бештар вақт ба ҳайси моддаи луғавӣ сабт шудани ҷумлаҳо ба кор гирифта мешавад. Сабаби асосии ба шарҳи муфассали моддаи луғавӣ пардохтани соҳибони фарҳангҳои дузабона, асосан, бо як мафҳуми мушаххас тарҷума нашудани моддаи луғавии мавриди назари онҳост. Яъне, вақте фарҳангнигор моддаи луғавиро таҳти тарҷумаи таҳтуллафзӣ қарор медиҳад, маъно ба забони тарҷумашуда пурра таҷассум намешавад. Мисол: «و ذام الرجل على الامر – пайвастагӣ кард мард бар кор; пайваста шуд мард бар кор» [160, ҷ.2, 452]. Дар тарзи тарҷумаи аввал – «пайвастагӣ кард мард бар кор» дар забони тоҷикӣ ягон маънои мушаххас ба назар намерасад. Аз ин хотир, фарҳангнигор кӯшидааст, то варианти дигари тарҷумаи моддаи луғавиро пешниҳод кунад. Дар мисоли «نَضَا الثَّوْبَ عَنْ نَفْسِهِ – баркашид ҷомаро аз хеш; боз кард ҷомаро аз танаш; берун кард ҷомаро аз танаш» [160, ҷ.2, 473] ҳам, ду гунаи аввали тарҷума – «баркашид ҷомаро аз

хеш; боз кард ҷомаро аз танаш» ифодаҳои ба забони тоҷикӣ бегонаанд. Дар ҷадвали зер намунае аз ҷумлаҳое, ки як гунаи тарҷума доранд ва ҷумлаҳое, ки ду гунаи тарҷумаи онҳо оварда шудааст, зикр мегарданд:

Ҷумлаҳое, ки як гунаи тарҷума доранд:	**Ҷумлаҳое, ки ду гунаи тарҷума доранд:**
1. «هَنَأَهُ الطَّعَامُ – бигуворид бар вай таом; бигуворидаш таом. و هَنْأً و هَنُؤَ الطَّعَامُ – гуворанда шуд таом [160, ҷ.2, 86]	عَتَبَ عَلَيْهِ – хашм кард бар вай; хашм гирифт бар вай [160, ҷ.2, 87]
2. حَصَبَهُ بِالْحَصْبَاءِ – ӯро ба сангреза бияндохт» [160, ҷ.2, 86]; « خَضَبَ الشَّعْرَ– мӯйро ранг кард [160, ҷ.2, 86]	و قَطَبَ بَيْنَ عَيْنَيْهِ – фароҳам кашид миёни ду чашмро; рӯй турш кард; ғунд кард дар миёни ду чашмаш [160, ҷ.2, 87]
3. قرسه باسبعيه – ӯро ба ду ангушт гирифт [160, ҷ.2, 94]	كَسَبَهُ كَذَا – ӯ фалон чизро касб кард; ӯро ба фалон чиз ба касб кардан дод [160, ҷ.2, 87]
4. قلس الظل والثوب – сову ҷома кӯтоҳ шуд [160, ҷ.2, 94];	***عدل فى القضييت*** – дар ҳукм ростӣ кард; дар ҳукм дод кард [160, ҷ.2, 100]
5. خلط الشىء بالشىء – чизеро ба чизе биёмехт [160, ҷ.2, 95]	***ملح المآء*** – обро бардошт; обро бирехт; обро ба даст гирифт [160, ҷ.2, 112]
6. ***عقل البعير بالعقال*** – уштурро ба зонубанд бубаст [122, ҷ.2, 100]	***و حال الرمل*** – регро фурӯ рехт; регро фурӯ ҳишт; регро бирехт [160, ҷ.2, 115]

Тибқи шумориш ва мавқеи мо соҳиби фарҳанг дар ду ҳолат, бештар аз ҳама, ба шарҳи муфассали моддаи луғавӣ пардохтааст. Яке, чунонки мушоҳида шуд, дар шарҳи ҷумлаҳо ва ё ибораҳои дароз ва дигаре дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ, яъне барои ташреҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ. Мисол: « طفى السمک فوق المآء – аз зери об баромад моҳӣ; бар рӯйи об омад моҳӣ; бар сари об омад моҳӣ; ба завари об омад моҳӣ» [160, ҷ.2, 478]. Ҷумлаи «аз зери об баромад моҳӣ» ва «бар сари об омад моҳӣ» ифодаи нокомилеро мемонад, ки, сипас, бо «ба завари об омад моҳӣ» такмил ёфтааст. Аввал, тавассути ҷумлаҳои тоҷикӣ шарҳ дода шудани модда, ки ба ин гурӯҳ иддаи хеле ками шуруҳот шомил мешаванд ва дигар, тавассути ҷумлаҳои арабӣ ё вариант, ё гунаи арабии модда, ки дар шумориш аз навъи аввал бамаротиб зиёданд. Шарҳҳое, ки ба дастаи аввал

шомиланд, тақрибан ба мисолҳое, ки дар боло зикр намудем, монандӣ доранд, фақат аз ҷиҳати гунанокии тарҷумаҳо ва миқдори ин гунаҳо бештаранд. Мисол:

«وهو الصمد – ва ин паноҳи ниёзмандон; он ки бад-ӯ паноҳ ҷӯянд; он ки ҳар ниёзманд оҳанги ӯ кунад; Худой; меҳтар, ки ба сӯи вай оҳанг кунанд; ҳамеша баланд; пур, ки тиҳӣ шудан мар ӯро набошад; марди гаронҷон дар ҷанг» [160, ҷ.2, 293].

«وهو لا يعلک جهدا – ва ӯ бознамедорад тоқатро; ва ӯ аз ту бознадорад тоқат; ва ӯ аз ту бознамедорад тоқат; ва ӯ бознамедорад аз ту тавони хешро» [160, ҷ.2, 481].

Аслан, дар фарҳанги мавриди таҳқиқ шарҳи муфассал ва донишномавие, ки хоси фарҳангҳои тафсирии забони форсӣ-тоҷикӣ бошад, вуҷуд надорад ва бар ин нукта дар саҳифаҳои пеш ҳам таъкид шуда буд. Ин хусусиятҳо, ки мо шартан шарҳи муфассал қабул мекунем, бар мабнои он ки мутарҷим ба ҷуз тарҷумаи таҳтуллафзӣ бар он иқдом карда ва рӯй овардааст, мебошад.

Усули ташреҳ бо истифода аз иқтибосот. Аз равишҳои дигари муайянсозии маънии калимаҳо, ки Замахшарӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» аз он истифода карда, ташреҳи калимаҳои арабӣ бо вожаҳое, ки аз забони оромӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва ё забони арабӣ гузашта, шакл гирифтаанд, мебошад. Дар ин навъи тавзеҳҳо, ҳарчанд Замахшарӣ асли баромади калимаҳоро ишора намекунад, онро бо руҷуъ ба дигар луғатномаҳо таъйин карда метавонем. Мисол: «مسجد ф.– мазкит, мажкит; مساجد ҷамъ» [159, 21]. Дар «Луғатнома» вожаи мазкур чанд навъи навишт дорад ва дар шарҳи «мазгит» мехонем: «Намозхона ва масҷид… намозгоҳ, ҳар ҷое, ки барои парастиши Худо созанд. Ин калимаи оромист ва аз ин забон вориди арабӣ ва форсӣ шудааст…» [156, 20759]. Ин нуктаро дар тарҷумаи калимаи «جزيه – саргазит, сархироҷ» [159, 47] ҳам дида ва таъкид карда метавонем. Ҳамчунин калимаҳои «خمر» [159, 38], «صنبله» (дар таркиби ибораи «шавки сунбула») [159, 14], «قيامة» (дар таркиби «рӯзи қиёмат») [159, 5], «نبى» [159, 263], «تنور» (дар таркиби «танӯрхона», «танӯрсоз») [159, 25-26] – решаҳои оромӣ, «قفل» [159, 293] – сурёнӣ, «لوح» (дар таркиби «лавҳи сарроф») [159, 66] – сакоӣ, «خيمة» [159, 29] – сомӣ (ҳабашӣ) доранд, ки дар

шарҳи моддаи луғавӣ истифода шудаанд. Ҳарчанд калимаҳои решаи оромӣ, сомӣ, аккадӣ, форсӣ, сурёнӣ доштаи фарҳанг зиёданд, аксари онҳо ба ҳайси моддаи луғавӣ корбаст мешаванд. Аз ин рӯ, чанд мисоли маъдуд, ки зикр гашт, аз таркиби ташреҳи моддаи луғавианд, ки ададан кам мебошанд.

Усули ҳавола. Зикр карда шуд, ки Замахшарӣ уули кори худро аз китоби "Дивону луғоти-т-турк"-и Маҳмуд ибни Ҳусайн ибни Муҳаммади Кошғарӣ гирифтааст. Чунончи, ин фарҳанг низ мисли «Муқаддимат-ул-адаб» хусусияти сохтории морфологиро пеш гузошта, махсусан тарҷумаи қисмати афъолро муфассалан бо ҷудо кардани вазнҳои он нишон додааст [ниг.: 166, 44-82; 136-154]. Аз ин рӯ, дар шарҳи усули ҳавола низ бештарин маворид Замахшарӣ ба ин китоб таваҷҷуҳ доштааст. Чунончи: "قلس – расани киштӣ; фӣ-д-"Девон"-и – " حَبْلٌ ضَخْمٌ من صوف او خوص قُلُوسٌ جمع"; جُمَالَةٌ мутародиф, جُمَالاتٌ – ҷамъ..." [159, 53]. Ногуфта намонад, ки дар тамоми мавқеъҳое, ки Замахшарӣ ба ин китоб ручӯъ мекунад, як нуктаи бисёр ҷолиб дида мешавад. Яъне, муаллиф маънии он моддаҳои луғавиеро, ки ба забони тоҷикӣ шарҳ накардааст, ба ин китоб ҳавола мекунад: "قُسْطٌ ф. – هو من عقاقير البحر фӣ-д-"Девон"-и – جزر البحر" [159, 58].

Ба ҷуз "Дивону луғоти-т-турк"-и Кошғарӣ муаллифи "Муқаддимат-ул-адаб" ба китобҳои дигар, аз қабили "Сиҳоҳ"-и Ҷавҳарӣ, "Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ"-и Майдонӣ, "Ал-Қонун-ул-адаб"-и Тифлисӣ низ дар шарҳи моддаҳои луғавӣ ручуъ кардааст. Мисол: "اطْرِيَّةٌ بكسر الهمزة و تشديد الياء كما في القانون – ришта, аришта; ош мисли аришта; угро" [159, 60]. Дар мавридҳои дигар бошад, аз чанд сарчашмаи мавриди истифодаи худ низ бо тарзи зерин хабар медиҳад: "صِنَّارَةٌ – оҳан ба сари дӯк; ва фӣ-с-"Сомӣ" – сари дӯк; و هذان أصحُّ لانّه موافقٌ لِمَا ذُكِرَ فى الصحاح" [159, 57]. Ҷамъулҷамъ Замазшарӣ ба "Дивону луғот-ит-турк" 12 бор, "Сиҳоҳ"-и Ҷавҳарӣ 4 бор, "Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ"-и Майдонӣ 9 бор, "Ал-Қонун-ул-адаб"-и Тифлисӣ 11 бор ишора кардааст.

Нуктаи ҷолиб он ки фарҳанги Замахшарӣ ишораҳои ба китобаш "Ал-Кашшоф низ дида мешавад: "تَخْوَى خَوًى و هو الفصيح – ва ин луғати фасеҳ аст; ва фӣ-л-"Кашшофи": المراد بالفصاحة أنّه على ألسنة الفصحاءِ من العَرَب الموثوق بعربيّتهم أدور" [159, 120].

3.3. Истихдом аз сермаъної, муродифшавӣ, ифодаҳои шевагӣ ва ибороти рехта дар шарҳи моддаи луғавӣ

Дар фарҳанги мавриди таҳқиқи мо ду гунаи сабти муродиф дида мешавад, ки яке муродифи моддаи луғавӣ ба забони форсист ва дигаре муродиф ба забони арабӣ. Азбаски забони форсӣ забони тарҷумашавандаи фарҳанг ба ҳисоб меравад, нахуст доир ба муродифорӣ дар ин забон таваҷҷуҳ мекунем. Барои он ки зимни тарҷума ва ташреҳи моддаҳои луғавии фарҳанг хоҳу нохоҳ зарурати нишон додани ғаномандии забон, паҳлуҳои гуногуни як моддаи луғавӣ, вариантҳои форсӣ-тоҷикии калима ва амсоли ин пеш меояд, ки гунаҳои тарҷума ва ташреҳро дар як даста – муродиф сарҷамъ мекунад.

Муродифҳои форсӣ-тоҷикӣ. Таҳқиқоте, ки дар фасли усули тарҷума анҷом додем, ба мо нишон дод, ки Замахшарӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» дар бахши асмо бо зикри муодили калимаҳо аз забони форсӣ, овардани муродифот ва калимасозӣ бо пасвандҳои ***-ӣ, -дон, -гоҳ*** ва ***-истон*** ба тарҷумаву ташреҳи воҳидҳои луғавӣ пардохтааст. Ногуфта намонад, ки тарзи муродифории муаллифи “Муқаддимат-ул-адаб” тақрибан дар ҳама мавқеъҳо монанд аст. Мисол, ӯ калимаро меорад ва тарҷумаи он, яъне гунаи форсии онро зикр менамояд ва сипас муродифи тарҷумаро меорад: “سلاله – гулвиж, пораи гул, пораи гули софӣ, гули холис...” [159, 8]. Ё ин ки: “ضوء – равшанӣ, партав, фурӯғи рӯшної...” [159, 6]. Сипас тибқи принсипи кори худ шакли ҷамъ ва муродифҳои арабии моддаи луғавиро зикр менамояд: “...اضواء ҷамъ, ضياء мутародиф, سناء мутародиф, شعاء мутародиф – партави офтоб” [159, 6]. Нуктаи бисёр ҷолиб он ки дар зимни сабти он ки фалон калимаи арабӣ муродифи моддаи луғавист, маънӣ ва муродифҳои худи онро ҳам зикр мекунад. Чунонки дар мисоли мазкур ба ин нукта ишора шуд. Азбаски дар фасли “Баъзе вижагиҳои лексикаи тоҷикии фарҳанг” [ниг.: саҳифаҳои 89-103 ҳамин рисола] ба бештарин хусусиятҳои корбасти лексикаи форсӣ-тоҷикии фарҳанг ишора шудааст, баҳсро аз боби феъли он оғоз мекунем.

Дар бахши афъол бошад, танҳо ба тарҷумаи феълҳо қаноат накарда, онҳоро ба забони форсӣ-тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ додааст, ки ин равиш аз хусусиятҳои муҳими инъикоси маънии вожаву ибора ва ё ҷумла барои омӯзандаи забони арабӣ тавассути фарҳанги мазкур ба шумор меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин тарзи ташреҳ дар фарҳангҳои қабл аз «Муқаддимат-ул-адаб» таснифшуда мушоҳида намешавад, зеро аксари фарҳангҳои қабл аз «Муқаддимат-ул-адаб» бақаламомада танҳо бо тарҷумаву ташреҳи исм пардохтаанд. Масалан, «Китоб-ул-булға» ва «Ал-Мирқот» танҳо ба тарҷумаи калимаву зикри шакли ҷамъ ва муродифот пардохта, моддаҳои луғавии «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Ал-Майдонӣ афзун бар тарҷумаи калимаҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва нишон додани шакли ҷамъи воҳидҳои луғавӣ тавзеҳу ташреҳи иловагӣ низ дорад, ки маъниҳои дигари воҳиди тарҷумашаванда ошкор мешавад, аммо «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Майдонӣ низ аз шумори фарҳангҳоест, ки танҳо ба тарҷумаву ташреҳи исмҳо пардохтааст. Вале дар «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ чунин тарзи тарҷумаву ташреҳро метавон ҳам дар бахши исм ва ҳам дар бахши феъл мушоҳида кард. Ташреҳи моддаҳои луғавиро дар «Муқаддимат-ул-адаб» тавассути муродифҳои форсӣ-тоҷикӣ метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард:

1. Ташреҳи афъол тавассути танҳо варианти форсӣ-тоҷикӣ:

«لَزَبَ الطِّينَ – гул чафсида шуд» [160, ҷ.2, 275].

«اَحَبَ – кореро бар худ боиста кард» [160, ҷ.2, 275].

«سكوتا – хашм фурӯ нишастан» [160, ҷ.2, 278].

«صن المآء على وجهه – ором рехт обро бар рӯйи вай» [160, ҷ.2, 415].

«يسوءه – андӯҳгин мекардаш» [160, ҷ.2, 417].

Чунонки аз мисолҳои зикршуда бармеояд, аксари феълҳоро Замахшарӣ тавассути ҷумлаҳо ё пораҳое мушобеҳ ба ҷумла ташреҳ додааст ва, ҳамчунин масдарро низ ба забони форсӣ-тоҷикӣ бо як калима тарҷума накарда, балки онро ҳам ба забони форсӣ-тоҷикӣ шарҳ додааст, ки дар мисоли «сукутан» дида шуд. Зикри ин нукта ҳам ба маврид аст, ки дар забони арабӣ теъдоди зиёди калимаҳое вуҷуд дорад, ки наметавон онҳоро бо як калима ва ё ибора шарҳ дод.

Сабаби ташреҳ додани моддаҳои луғавӣ, яъне асмову афъол ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар «Муқаддимат-ул-адаб» аз ҷониби Замахшарӣ низ дар набудани муодили форсии чунин асмову афъол аст.

2. Афъолу масдарҳое, ки дар «Муқаддимат-ул-адаб» ба забони форсӣ-тоҷикӣ иловатан ташреҳ дода шудаанд. Яъне, тавассути овардани муродифи тарҷумаҳо: «وثقب النجم – битофт ситора; дурахшид ситора; نجم ثاقب – ситораи дурахшанда; ситораи тобон, ситораи тобанда; وثقبت النار – афрӯхта шуд оташ; забона зад оташ; барафрӯхта шуд оташ; ثقوبا – дурахшидани ситора; тофтани ситора; афрӯхта шудани оташ; забона задани оташ; барафрӯхта шудани оташ» [160, ҷ.2, 265]; «جنبه الشر – нигоҳ дошт ӯро аз бадӣ; дур кард ӯро аз бадӣ; нигоҳ дошташ аз бадӣ» [160, ҷ.2, 265]; «حربه – хостаи бистад аз ӯ; ба ситам бистад хостаашро; ба ситам хостаашро биситонад; ба тороҷ бистад хостаашро; бирабуд хостаашро» [160, ҷ.2, 266]; «وكربت الشمس – наздик шуд офтоб ба фурӯ шудан; наздик шуд бадар омадани офтоб; ба фурӯ шудан наздик шуд офтоб» [160, ҷ.2, 273]; «رصوبا – дар об фурӯ шудан; ба об фурӯ шудан» [160, ҷ.2, 269]; «كعبت – болидапистон шуд зан; норпистон шуд зан; анорпистон шуд зан; норпистон баровард зан» [160, ҷ.2, 274].

Ба назари мо сабаби асосии як мафҳумро тавассути муродифҳои зиёд шарҳ додани Замахшарӣ дар нишон додани ғаномандии забони форсӣ-тоҷикӣ дар баробари забони арабист. Аммо сабаби дигар ҳам метавонад дар ин ҷо нуҳуфта бошад, ки дар фаҳмову дастрас кардани маънои моддаи луғавӣ нуҳуфта аст. Яъне, нозукиҳои забони арабӣ на бар ҳама аҳли аҷам фаҳмову дастрас буд. Аз ин хотир, Замахшарӣ як моддаи луғавиро бо чандин шеваҳои форсӣ-тоҷикӣ тарҷумаву ташреҳ мекунад.

3. Ҳангоми ташреҳ дар муқобили ибораҳои арабӣ қарор додани калимаҳои мураккаб ҳамчун муродиф. Замахшарӣ дар мисолҳои зерин калимаҳои мураккаби форсӣ-тоҷикиро барои ташреҳи ибораҳои арабӣ ба ҳайси муродиф истифода намудааст, ки ин падида аз хусусиятҳои хоси шарҳи ибораҳо дар «Муқаддимат-ул-адаб» ба шумор меравад: «وهو صالح – марди некшуда; марди босалоҳ; нексохта» [160, ҷ.2, 284]; «حرنا/حرانا – нофармонбардории сутурон;

тавсан шудани асбон» [160, ҷ.2, 370]; «وهى الامه – ва ин реши сар; ва ин шикастагии сар то ба мағз расида; ва ин реши сари ба мағзрасида; саршикастагӣ»_[160, ҷ.2, 411]; «وهو سخين العين – ва ин ошуфтачашм; ва ин гармчашм»_[160, ҷ.2, 373].

Ба калимаҳои мураккаби ду ё сереша рӯ овардани Замахшарӣ зимни ташреҳ ба он хотир аст, ки калимаи мавриди шарҳ ё тарҷумаи арабӣ дар забони форсӣ камистеъмол аст ё гунаҳои зиёд дар шакли калимаҳои содаву сохта надорад.

Муродифҳои арабӣ. Мо махсусан ин нави муродифориро ба фасли истифодаи унсурҳои арабӣ дар ташреҳи моддаҳои луғавии фарҳанг шомил накардем, зеро худи муаллиф бо мақсади он ки ҷиҳати синонимии моддаро боз кунад, онро бо ишораҳои махсус ҷудо кардааст. Моддаҳои луғавие, ки нахуст тавассути муродифоти арабии худ бо истифода аз таъбири «мислу», ки монанд будани ду чизро ифода мекунад, ташреҳ шуда, баъзе моддаҳои луғавӣ пас аз ташреҳи арабӣ якҷоя ба забони форсӣ-тоҷикӣ низ шарҳ дода шудаанд.

«نَقَبَ – мислу – نَقَبَ; солори мардумон гардид» [160, ҷ.2, 276].

«يَنْكُبُ و نَكِبَ – мислу – يَنْكَبُ نُكُوبً» [160, ҷ.2, 277].

«صَلَحَ / يصْلُحُ – мислу – صلح يَصْلُحُ».

«صَلُحَ يَصْلُحُ صَلَاحًا و صَلَاحَةً – мислу – صَلَحَ / يصْلُحُ» [160, ҷ.2, 284-285].

«مجَدَ/ يمْجُدُ – мислу – مجَد, يمْجَدُ» [160, ҷ.2, 296].

«امر يامر – мислу – امر, يامر» [160, ҷ.2, 301].

«خسورتا / و خَسِرَ – мислу – خسر, خسرا / وخسورا» [160, ҷ.2, 307].

Ҳамчунин бо воситаи калимаи «ай», ки ба ҳамин маъно, яънеро ифода мекунад, чандин муродифҳои арабӣ дарҷ гардидаанд: «أَحْرَى أي أَجْدَرُ و أَوْلى و أَحَقُ …» [159, 170]; «راضيه اى ماضيه» [159, 171] ва ғ.

Вале истифодаи муродифҳои арабӣ дар байни тарҷумаҳо ҳам ба назар мерасад. Чунончи, муаллиф моддаи луғавиро сабт кардаву тарҷумаи онро низ оварда, сипас ба ҳайси мисол аз муродифи арабии он намуна меоварад: « و قَرَأَ عَلَيْهِ السَّلَامَ – бирасонид бар вай саломро; أي بلَّغ إِلَيْه السَّلام – бихонд бар вай салом, салом кард бар вай» [159, 173].

Вале чунин хусусияти ташреҳ нисбат ба бахши афъол, дар бахши асмо бештар ба назар мерасад, ки Замахшарӣ пас аз тарҷумаву шарҳи воҳиди луғавӣ як қатор муродифоти арабии калимаи тарҷумашаванда ва шакли ҷамъи онро зикр мекунад. Мисол: «وقت – ҳангом, اوقات ҷ. حين м. / عجل м. / عوان м. / عبان м.» [159, 3]; «ليله – як шаб, ليل / ليال ҷ.; قطعه – пора аз шаб, як бахш аз се бахш, сиёҳии охири шаб, قطع ҷ. / زلفه м. / حضيع м. / طائفه м.» [159, 4-5]; «سماء – осмон, سماوات ҷ. / اسمييه ҷ. / خضراء м. / جرباء м. / رقيع м.» [159, 5]; «أَكَمَةٌ – тӯдаи баланд; أَكَمٌ ҷ. / آكَامٌ ҷ. / إِكَامٌ ҷ. / أُكُمٌ ҷ. / نجْوَةٌ м.» [159, 8-9]; «طريق – роҳ; طرق ҷ. / مذهب м. / صراط м. / زِرَاطٌ м. / سَبِيلٌ м. / سَرْبٌ м.» [159, 11].

Бино бар намунаҳои зикршуда, метавон гуфт, ки Замахшарӣ дар бахши исм нисбат ба бахши феъл бештар ин равиши тарҷумаву тавзеҳи моддаҳои луғавиро истифода кардааст. Аммо бартарияту аҳаммияти «Муқаддимат-ул-адаб» нисбат ба фарҳангҳои пеш аз худ маҳз дар мавҷудияти бахши афъол ҳаст, ки муаллиф ба ғайр аз тарҷумаву ташреҳи феълҳову масдарҳо дар алоҳидагӣ, бештар бо истифода аз ҳар се ақсоми ҷумла «исм» ва «ҳарф» низ ҷумлаву иборотро сохта, дар кадом ҳолат кадом маъниро ифода кардани феълҳоро нишон додааст. Ин равиши кор дар фарҳангҳои дузабонаи пеш аз худу замони ӯ ба чашм намерасад ва арзиши «Муқаддимат-ул-адаб»-ро байни фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ-тоҷикӣ бештар мегардонад.

Падидаи дигар дар овардани моддаҳои луғавӣ ин ҳолати паиҳам омадани ду шакли муродифи арабии вожа дар як калима мебошад: «يسحر / وسخر – мислу – سَحِرَ يسحر»; سحرا / سحرا / سحارا – бедорӣ; бедор шудан; бехоб шудан» [122, ҷ.2, 293]; «والمرصد / والمرصاد / وهو الرصد – ва ин сари роҳ; сари роҳ; камингоҳ; والرصد / والرصد – нигаҳбон; посбон; роҳдор; он ки дар камин нишаста» [160, ҷ.2, 289].

Ташреҳи вожаҳо тавассути калимот ва ифодаҳои шевагӣ. Дар ин шеваи шарҳи вожаҳо Замахшарӣ аз муодили шевагии форсӣ-тоҷикии замони худ, ки имрӯзҳо низ дар шеваи манотиқи гуногуни забони форсӣ-тоҷикӣ дида мешавад, истифода намуда, моддаҳои луғавии арабиро шарҳу тавзеҳ додааст: « ثَرَدَ الخُبْزَ– нонро тарит кард; нонро тарит кард; ثَرَدَ – тарит кардан; وهو الثريد – ва ин тарит; тарит» [160, ҷ.2, 287]; «والرجوم / والرجيم – шайтон; деви сатанба; меҳтари девон»

[160, ҷ.2, 363]; «و دَاسَ السَّيْفَ بالمِدْوَسِ – бисуд шамшерро ба сӯҳон; бизудуд шамшерро ба пардоғ» [160, ҷ.2, 436]; «وفاق – заганак гирифта шуд; ҳакча гирифт; ҳалок шуд»; «فواقا – заганак гирифтан; ҳақчад гирифтан; «الفواق – заганак; ҳайкак; ҳакча»[2] [160, ҷ.2, 445]; «و صَامَتِ الدَّجَاجَةُ – рих зад мокиён»; «صوما – рих задани мокиён» [160, ҷ.2, 453].

Байни моддаҳои луғавии шевагии дар шарҳи мисолҳои болоӣ истифодашуда, тарит, тарид, шайтон, дев, ҳакча ва рих имрӯз низ дар шеваи забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор дорад.

Инчунин, дар «Муқаддимат-ул-адаб» моддаҳои луғавие ёфт мешаванд, ки Замахшарӣ онҳоро дугуна шарҳ додааст. Яъне, пас аз овардани муродифоти арабӣ ва тарҷумаву ташреҳи маънии аввал, маънии дуюми моддаҳоро зикр мекунад, ки мисолҳои зерин намуна аз чунин усули ташреҳи вожаҳо ба шумор меравад: «فوضا / مفاضتا / مفاضا – пирӯз шудан; некбахт шудан; дарёфтан; даст ёфтан; وقاض المقامر – бурд қиморбоз; бибурд бозандаи қимор; даст ёфт мақомир; дастро бибурд қиморбоз; فوضا – бурдани қиморбоз дар бозии қимор; даст ёфтани қиморбоз дар қимор» [160, ҷ.2, 434].

Шарҳ тавассути зикри маънoҳои гуногун. Таваҷҷуҳ ба маънои гуногуни калимот ва касб кардани ин маъниҳоро муҳаққиқон бисёр омӯхтаву таъкид кардаанд. Профессор М. Қосимова сабаби бисёрмаъноии калимаҳоро дар натиҷаи «дар ниҳод маъноҳои зиёд доштан», «кӯчидани маънои калима» ва «хусусияти маҷозӣ пайдо» кардани он [60, 93] маънидод кардааст. Забоншинос Ю. Кенҷаев, ки доир ба хусусиятҳои луғавии «Таърихи Байҳақӣ» пажуҳиш кардааст, бар он назар аст, ки «калимаҳо категорияи доимо инкишофёбанда буда, аз рӯйи дарбаргирии маъно дар даврaҳои мухталиф аз ҳамдигар фарқ мекунанд» [58, 56-57]. Ин аст, ки дар луғатномаҳо ҳам, ки асоси таҳаввули маъноии калимаро (моддаи луғавиро) дар бар мегиранд, ин падида бисёр дида мешавад. Мо шартан ин навъи ташреҳро низ ба қатори ташреҳи муфассал шомил карда метавонем, зеро муаллиф барои зикри маъниҳои дигари моддаи луғавӣ аввал маънои якумро ҳамаҷониба шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ин падида

[2] Заганак: ҳукча, ҳакак, боди гулӯ, ҷастани гулӯ, ба тозӣ фавоқ

бештар дар қисмати афъоли луғатномаи мавриди таҳқиқ ба мушоҳида гирифта мешавад. Қисмати мутааллиқ ба исм ин хусусиятро доро нест. Аз ин рӯ, усули шарҳро бояд алоқаманд ба сохтори луғатҳо баррасӣ кард. Дар ташреҳи баъзе ҷумлаҳои феълӣ муаллиф барои боз кардани паҳлуҳои гуногуни моддаи луғавӣ як маъноро ба ибора ва таркибҳои гуногун шарҳ доданӣ мешавад ва дар натиҷаи ин маънии дигари моддаи луғавӣ ва ё паҳлуи маъноии дигари он ба вуҷуд меояд. Масалан: «و مَرَجَ الدَّابَّةَ فِی المَرْجِ – бигузошт сутурро ба чарогоҳ; раҳо кард сутурро дар марғзор; фаро гузошт сутурро дар марғзор; бичаронид сутуронро дар марғзор» [160, ҷ.2, 284]. Аз мисоли мазкур, ки дар чаҳор ҷузъ шарҳ шудааст, иддаои мо ба хубӣ бармеояд. Яъне, бо вуҷуди он ки тамоми ҷузъҳои ташреҳиро метавон ба як маъно қабул кард, аммо ҷузъҳои «бигузошт сутурро ба чарогоҳ; раҳо кард сутурро дар марғзор; фаро гузошт сутурро дар марғзор» бештар аз ҷиҳати ифодаи маъно наздиканд. Ҷузъи «бичаронид сутуронро дар марғзор» бошад, ба таври конкреттар моддаи луғавиро шарҳ медиҳад. Яъне, агар ин ҷузъ намебуд, мақсади шореҳро пурра фаҳмидан имкон надошт, зеро маънои се ҷузъи аввал, ки ироа шуд, пурра раҳо кардани сутур дар чарогоҳ, аз баҳри сутур ва чаҳорпо гузаштан ва амсоли инро низ метавонад дошта бошад. Мисоли «رصده – роҳ гирифт аз вай; роҳаш гирифт; сари роҳ гирифт ӯро; камин кард ӯро бар сари роҳ; чашм дошташ бар сари роҳ» [160, ҷ.2, 289] низ хусусияти сермаъноии ташреҳро барҷастатару пурратар ифода мекунад. Чунончи, ифодаҳои «роҳ гирифт аз вай; роҳаш гирифт; сари роҳ гирифт ӯро» маънои роҳи касеро гирифтан, монеи роҳи касе шудан ва касеро аз рафтан боздоштанро дорад. Дар ҳоле ки «камин кард ӯро бар сари роҳ» пайи роҳи касеро поидан, касеро дар сари роҳ бо нияти баде мунтазир будан, роҳи касеро мунтазир буданро таҷассум менамояд. Ҷузъи охирони шарҳ – «чашм дошташ бар сари роҳ» бошад, комилан маънои умедвор бар сари роҳи касе нишастан, умедвори касе будан ва амсоли ин маъно дорад. Бештар сермаъноии моддаҳои луғавиро дар шарҳи шумораҳо ва ё маводҳои марбут ба шумора дидан мумкин аст: «عشر القوم – даҳякӣ гирифт аз мардумон; даҳяк биситад аз мардумон; даҳяк ситад аз мардумон; даҳуми мардумон шуд» [159, 33]; «خمشا –

панҷяки мардумон шудан; панҷуми мардумон шудан; панҷяк аз мардумон ситадан» [159, 39]; «سدسا – шашуми мардумон шудан; шашяк аз мардумон ситадан» [159, 50]; «ربعا – чаҳоруми мардумон шудан; чаҳоряк аз хостаи мардумон биситадан» [159, ҷ.2, 679]; «ثلثا – сими мардумон шудан; сеяк аз хостаи мардумон гирифтан» [159, 11]; ثمنا – ҳаштум як бистад аз мардумон; ҳаштяк ситадан аз мардумон; ҳаштуми мардумон шудан» [160, ҷ.2, 370].

Хусусияти аҷиби шарҳи шумораҳои сермаъно он ки дар зимни шарҳи онҳо истихдом аз ҷумлаҳои арабӣ низ ба чашм мерасад. Мисол: «ثمن القوم – ҳаштум як бистад аз мардумон, ҳаштяк ситад аз мардумон, «اخذ ثمن اموالهم» – ҳаштум шуд аз мардумон»_[160, ҷ.2, 369] ва «ثلث القوم – сеюми мардумон шуд; «كان ثلاثهم» – гирифт сеяк аз хостаи эшонро; اخذ ثلث اموالهم» [159, 11] ва ғ.

Дар мавридҳои дигар муаллифи фарҳангнома бо тарзҳои гуногун маъноҳои дигари маводи луғатро имтиёз додааст. Дар моддаҳои луғавие, ки шарҳҳои он тақрибан маънои ягона дошта бошанд, онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад, мисли «عبد الله – бандагӣ овард Худойро; намоз бурд Худойро; парастид Худойро» [160, ҷ.2, 294] ва дар ин шарҳ ба ғайри «намоз кардан», ки хели ибодат мебошад, ҳама шарҳҳои дигар бо ҳам мусовианд. Яъне, танҳо имтиёзи «намоз кардан» дар он аст, ки он маънои мушаххасеро ифода мекунад. Ба ин монанд, шарҳи «ماج القوم – ба якдигар даромаданд мардумон; бар якдигар баромаданд мардумон; ба якдигар омехтанд мардумон» [160, ҷ.2, 423]-ро низ зикр карда метавонем. Дар моддаҳои луғавии дигар бошад, Замахшарӣ бо афтонидани ҷузъе аз шарҳи умумии худ, маънои дигареро аз моддаи луғавии мавриди ташреҳ мебароварад. Мисоли «ونقده الثمن – бидод ӯро баҳоеро дар ҷой; бидод ӯро баҳоеро бедиранг, бишумурд ӯро баҳоеро» [160, ҷ.2, 297]; «نَصَ الحَدِيثَ – бардошт ҳадисро, ривоят кард ҳадисро» [160, ҷ.2, 399] ва «وهم المارقه – ва эшон беруншудагон аз фармонбардорӣ; ва эшон гурӯҳи хориҷиён» [160, ҷ.2, 349]. Яъне, ба ин тариқ маънои умумии моддаи луғавиро нишон додааст. Аммо инҳо танҳо падидаҳое аз сермаъноӣ дар фарҳанг мебошанд. Дар асл дар забони арабӣ калимаҳо ва моддаҳои луғавии сермаъноии зиёдеро метавон дучор шуд, ки муаллиф аз ин навъи вожаҳо низ бисёр сабт кардааст: «نقشا – нигор кардан,

берун кардани хор аз по ба хоркаш; берун кардани хор аз по ба хорчин» [160, ҷ.2, 329]; «ترقا – ба хойиск кӯфтан бар оҳан; гашан кардани асб; фол кардан ба сангреза» [160, ҷ.2, 349]; «غَضَ بَصَرَهُ و صَوْتَهُ – фурӯ кард чашмашро ва овозашро; фурӯ хобонид чашмашро ва овозашро; фурӯ кард чашми ӯро ва овози ӯро; чашм бипӯшид ва овози нарм дошт» [160, ҷ.2, 400].

Шарҳ тавассути ибораҳои рехта. Аз рӯйи мушоҳидаҳои бисёр, ки дар сари луғатномаи Замахшарӣ анҷом додем, бармеояд, ки ба ташреҳот роҳ ёфтани ибораҳо ва таркибҳои рехтаи забонӣ маҳз аз сабаби ба сермаъноӣ рӯ овардани фарҳангнигор аст. Яъне, хусусияти ба маъниҳои зиёд тарҷума шудани як моддаи луғавист. Маҳз ин хусусият боис шудааст, то дар ташреҳи моддаи луғавӣ рехтаҳои забонӣ роҳ ёбанд. Аслан, забони зиндаи муошират ва забони адабии китобӣ низ бидуни истихдом аз рехтаҳои забонӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин хотир, фикри моро мисолҳои зер тасдиқ мекунад: « بَذَخَ الرَّجُلُ – бузургдилӣ кард мард; бузургӣ овард мард; лоф зад мард; гарданкашӣ кард мард; гаронсанг шуд мард» [160, ҷ.2, 285]; « سَهَمَ وَجْهُهُ – низор шуд рӯяш; низор шуд рӯйи ӯ; бигашт ранги рӯяш; ранг гардонид рӯйи вай; гунаи рӯйи вай бигашт; парида шуд ранги рухсораш; ранг аз чеҳрааш парид; рӯй турш кард; чеҳра дарҳам кашид» [160, ҷ.2, 367]; «سهوما – низор шудани рӯй; гаштани ранги рӯй; ранг гардонидани рӯй; гунаи рӯй гаштан; паридани ранги рухсора; ранг аз чеҳра паридан; рӯй турш кардан, чеҳра дарҳам кашидан» [160, ҷ.2, 367]/

Зимнан, таъкиди ин нукта, ки истифода аз ибороту таркиботи рехта дар шарҳ хеле кам ба назар мерасад, муҳим аст.

Шарҳ тавассути таъйини дараҷаи грамматикӣ. Таъйини дараҷаи грамматикӣ ва ишора ба мавоқеи истихдоми калимот ва ибораҳо аз калидҳои асосӣ барои омӯзиши дилхоҳ забон аст. Дар мавриди категорияҳои грамматикӣ таърифҳои бисёреро дучор омадан мумкин аст, вале Л.И. Баранникова мухтасаран менависад: «Категорияҳои грамматикӣ мафҳумҳои умумии грамматикие унвон дода мешаванд, ки хусусияти забонро муайян месозанд ва ифодаи худро дар калима ва ҷумла меёбанд» [105, 216]. Ю.С. Маслов бар он назар аст, ки категорияҳои грамматикӣ хеле гуногунанд ва метавонанд аз

ҷиҳати мазмуну воқеият ва ё тарзи ифодаи шаклҳо низ муайян шаванд [132, 138]. Аз ин рӯ, дар фарҳанги мавриди таҳқиқ ин падида бисёр ба назар нарасад ҳам, лекин дар мавридҳои муайян бахубӣ нишонаҳои онро дида метавонем. Масалан, танҳо дар як маврид Замахшарӣ дараҷаи калима ва ба кадом гурӯҳи грамматикӣ шомил будани онро сареҳан нишон додааст: «والحاضر – «фоъилун», он ки омада» [160, ҷ.2, 306]. Дар мавридҳои дигар бошад, асосан, мавқеи истифодаи калимот, ибораҳо, таркиботе, ки шарҳ шудаанд, таъйин мешавад. Чунин муайян карданҳои муаллифи фарҳанг, асосан, бар мабнои таъйини фоиливу мафъулии калима дида мешавад. Яъне, муаллиф бидуни зикри калимаҳои фоиливу мафъулӣ, фақат бо зикри тарзи истифодаи он дараҷаи грамматикии моддаҳои луғавиро муайян кардан мехоҳад. Ин падида, асосан, дар ду моддаи луғавии алоҳида дида мешавад, ки дар шарҳи ҳамдигар сабт шудаанд: «قطر المآء – бичакид об; قطر الماءَ – бичаконид обро» [160, ҷ.2, 319].

Яъне, феъл тағйир намеёбад, муаллиф танҳо зикри тағйири фоил ва ё мафъулро бо феъл меорад. Ин падида, дар қисмати афъоли луғатнома бештар ба назар мерасад. Мисол: « تَفَلَّلَ السَّيف– ва рахна кард шамшерро; бишикаст шамшерро; تَفَلَّلَ السَّيْفُ – худ рахнадор шуд шамшер; худ бишикаст шамшер» [160, ҷ.2, 410].

Дар мавридҳои дигар Замахшарӣ тарзи истифодаи калимаҳо, махсусан афъолро дар вобастагӣ бо истихдоми ҳуруф нишон медиҳад. Яъне, дар ҳолати бо афъол омадани ҳарфҳои муайян исм ва ё ҷумла кадом тобиши маъноиро ба худ касб мекунад. Мисол: «رَكَلَ الدَّابَّةَ برِجْلَيْهِ – бизад сутурро ба ду пойи худ; бизад сутурро ба ду пояш; бизад асбро ба ду пояш; رَكَلَ البعير برجْلَيْهِ – пой зад уштур бар замин; бизад уштурро ба пояш; бизад уштур ба пойи худ» [160, ҷ.2, 332]; « دالت له دولة – омад бар ӯ давлат; шуд ӯро давлат; ودالت عليه دولة – гузашт бар вай давлат; дур шуд аз ӯ давлат» [160, ҷ.2, 448]; «وعطا عليه احسانا – некӯи кард ба вай; «аҳсана илайҳи»; وعطا عليه اى اهلكه – табоҳ кард ӯро; ҳалок кард ӯро; ҳалок кардаш» [160, ҷ.2, 227].

Дар мавқеъҳои дигар бошад, Замахшарӣ бо ишора ба ҷонишинҳои шахсӣ тарзи истифодаи феъл ва ё умуман моддаи луғавиро мегӯяд: «وبادنة/وهى بادن – ва

ин зани тановар [160, ҷ.2, 369]; وهى الميتة – ва ин мурдор; والميت – мурда» [160, ҷ.2, 422]; «نشوتا – маст шудан; сармаст шудан; саргарм шудан аз бода; وهو نشوان – ва ин марди маст; ва ӯ маст; марди маст; марди саргарм аз бода; وهى نشوا – ва ин зани маст; зани сармаст; зани саргарм аз бода; وهن/وهم, ҷамъ نشاوية – ва эшон мардон; занон – маст; сармаст» [160, ҷ.2, 472].

Дар баъзе мавридҳо муаллифи луғат бидуни зикри ҷонишинҳо шакли муаннас ва музаккари калимаро меорад: «كبوتا – ба сар андар омадани асб; ба сар даромадани асб; лағзидани асб; كبووا/كبوا – беоташ шудани оташзана; оташ начастан аз оташзана» [160, ҷ.2, 457-458].

3.4. Ташреҳ тавассути аносири арабӣ

Табиист, ки имдод ҷустан дар ташреҳ ва кушодани ҷиҳатҳои маъноии моддаи луғавӣ аз забони асл аз ҳама усули маъмул дар ташреҳи моддаи луғавист, вале азбаски фарҳангҳои дузабона бештар хусусияти тарҷумавӣ доранд, ин падида на дар ҳама фарҳанг ба чашм мерасад. Аммо азбаски забони арабӣ яке аз забонҳои ғаноманд ба ҳисоб меояд, дар ташреҳи бисёре аз моддаҳои луғавӣ дар фарҳанги Замахшарӣ ӯ аз имконоти ин забон имдод меҷӯяд. Дар мавридҳои муаддад истифода шудани унсурҳои забони арабӣ дар ташреҳи моддаи луғавӣ моро ба ин хулоса мерасонад, ки яке аз хусусиятҳои муҳим дар шарҳи моддаҳои луғавӣ дар фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» ба ҳисоб меравад. Мо дар ин бахши рисола чанд навъи истифодаи арабиётро дар фарҳанг дар зимни шарҳ баррасӣ менамоем.

Нахуст шарҳ бо як калимаи арабӣ. Падидаи мазкур дар фарҳангҳои пеш аз Замахшарӣ ҳам будааст ва ба ин хусусияти фарҳанги «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ» А. Ҳоҷиев низ ишора кардааст [141, 83-84]. Чунин навъи ташреҳ, яъне бо калимаи ҳаммаъно шарҳ додани матлаб бештар хусусияти муродифшавиро дар фарҳанг нишон медиҳад. Мо дар мисолҳое, ки муаллифи фарҳанг бо воситаи калимаи «мислу», «ай» ва амсоли ин таъкид карда буд, дар фасли пешин баррасӣ намудем. Ҳамчунин муродифҳое, ки дар бахши исми фарҳанг ба зикри махсуси муродиф зикр шудаанд, низ дар ин баррасӣ ишора гардида буданд. Дар ин ҷо танҳо шарҳҳои арабие, ки бидуни ягон ишора фақат муродифи онҳо оварда шудааст, зикр хоҳад шуд. Барои он ки дар бахши муродифҳо калимаҳо ва шарҳҳое, ки бо ишора ва таъкиди махсус ҳамчун муродиф зикр шуда буданд, ба риштаи қайд даромадаанд. Табиист, ки мавқеи аносири арабӣ дар шарҳ аз ҷузъи хурдтарини он, яъне калима баррасӣ хоҳад шуд. Аз ин рӯ, дар зайл чанд намуна аз калимаҳои арабӣ, ки дар шарҳи моддаи луғавӣ бе ягон ишорат омадаанд, сабт мегардад. Пеш аз зикри мисол бояд қайд карда шавад, ки ин навъ мисолҳо бештар хоси бахши феъланд. Зикри муродиф бошад, хоси бахши

исм. Мисол: «تَقَعْقَعَ – تحرَّك; تَنَهْنَهَ – كفَ» [159, 284]; «اهْتَضَّهُ – كسَره» [159, 240]; « افْتَكَ الرَّهْنَ – خلَّصه…» [159, 241] ва ғ.

Яке аз муҳимтарин хусусияти иштироки калимаи арабӣ дар шарҳи моддаҳои луғавии фарҳанги Замахшарӣ дар он падидор мегардад, ки муаллиф дар бахши исм барои ҳарчи ҷомеътар нишон додани матлаби шарҳ ба зикри шакли ҷамъи калимаҳо мепардозад. Мароқовар дар зикри ҷамъи калимот он аст, ки бархе калимот чанд шакли ҷамъбандӣ доранд ва муаллифи «Муқаддимат-ул-адаб» аз ягонтои он сарфи назар накардааст: «قريب – хешованд; اقرباء ҷамъ, اقاريب ҷамъ…» [159, 44]. Дар ҳолатҳои муайян бошад, шакли ҷамъи муродифҳои калимаи мавриди шарҳ низ дар зайли муродиф изофа гаштаанд: «نلت – гиёҳ; نبات ҷамъ, نباتات ҷамъ; عشب – гиёҳи тар; عشاب ҷамъ, اعشاب ҷамъ… عسفت – барги кишт; عسوف ҷамъ, عسف ҷамъ; حبه – дона; حل ҷамъ, حبوب ҷамъ… صنبله – хӯшаи гандум; صنبل ҷамъ, صنابل ҷамъ…» [159, 14]. Чунонки аз ин мисолҳои маъдуд маълум мешавад, ки муаллиф шакли ҷамъи калимотро дар дар ҳама гунаҳои мавҷуд дарзабони арабӣ мехоҳад нишон диҳад ва ин яке аз хосиятҳои боризи усули шарҳнигории ӯст. Бояд зикр шавад, ки шарҳ кардан тавассути шакли ҷамъи калима дар бахши марбут ба исм, ки хусусияти мавзуӣ дорад, тақрибан дар ҳама шарҳҳо мушоҳида мешавад.

Бар замми зикр кардани шакли ҷамъи калимаҳо муаллифи фарҳанг дар истифодаи калимоти арабӣ як хусусияти дигарро низ пеша кардааст, ки аз овардани антоними калима иборат мебошад. Ин хусусият мисли истифодаи шакли ҷамъи калима маъмул набошад ҳам, аммо мавқеъи муайян дорад. Мисол: «خَفَضَ الشَّيْءَ – фурӯ кард чизро, паст кард чизро; зидду рафаъаҳу» [159, 94]; خف – сабук шуд, сора خفيف – зидду ثقل» ва «خس – фурӯмоя шуд; зидду عز» [159, 105]. Баъзан вақтҳо зикри антоним бо ҷумлаҳои арабӣ ҳамроҳ меояд: «غَمْرَةٌ – душворӣ, тангӣ; الغمرة الشدة و الرخاء ضدّها» [159, 80]. Ё ин ки антоним ба масдари феъли шарҳшаванда мувофиқ меояд: رَتَقَ الشَّيْءَ – барҳам баст чизро, бидӯхт чизро; ضمّه, фароҳам овард чизро; يَرْتُقُ [يَرْتِقُ] معا رَتْقًا ضِدّ الفَتْق» [159, 98].

Корбасти калимоти арабӣ дар шарҳҳои моддаҳои луғавӣ танҳо ба ин падида ба итмом намерасад. Дар фарҳанг, ҳини ташреҳи калимаҳо, махсусан

феълҳо бо ҳодисаҳое низ рӯ ба рӯ мешавем, ки калимоти арабӣ дар дохили шарҳҳо оварда шудаанд. Мисол: «احتشدو – гирд омаданд, اجتمعو» [159, 234]. Яъне, муаллиф дар баробари тарҷумаи калима ва зикри маънои он ба забони форсии тоҷикӣ қаноат накарда, зикри муродифи арабии онро низ меорад. Чунончи: «اعتقد الشىء – дар дил гирифт чизеро; وهى العقيده; чизи дар дил гирифта – الاعتقاد» [159, 234]; «اخْتُضِرَ – дар ҷавонӣ бимурд; ماتَ شَابًّا»; سْتَطَرَ – набишт; كتب» [159, 235]; «اسْتَعَرَتِ النَّارُ – зуфона зад оташ, афрӯхта шуд; اتَّقَدَّتْ»; «الْتَبَسَ عَلَيْهِ الأَمْرُ – пӯшида шуд бар вай кор; اشْتَبهَ» [159, 235]. Агар пораҳои арабӣ дар дохили шарҳҳо корбаст шаванд, баъзан аз доираи калимоти алоҳида берун ҳам мегарданд ва ду ё зиёда муродифи калимаи мавриди шарҳро нишон медиҳанд: «اسْتَقَلَّ الشَّىْءَ – андак ёфт чизро, андак дошт و اسْتَقَلَّ بالحَمْلِ – ба худии худ бор баргирифт; رفَعه – бардошт борро; و اسْتَقَلُّوا عن الدَّارِ – аз хона бирафтанд; مضوا و ارتحلوا– кӯч карданд аз сарой» [159, 275].

Аз иқтибоси мазкур маълум мешавад, ки барои шарҳи ҳаматарафа додани калимаи «истақалла» муаллиф истифодаи онро дар таркиби ҷумлаҳо ва мавқеи истихдоми онро бо тағйири маъно нишон дода, якбора се муродифи феъли мавриди назарро сабт сохтааст. Ин муродифҳо дар мавридҳои муайян корбурд мешудаанд, ки аз тарзи истифодаи онҳо маълум мешавад. Мавридҳои зиёде ҳастанд, ки муаллиф аз ин навъи шарҳи оганда аз пораҳо ва ё муродифҳои арабӣ истифода мебарад. Чунончи: «اسْتَهَلُّوا الهِلَالَ – моҳи нав бидиданд و هو مُسْتَهَلُّ الشَّهْرِ – аввали моҳ; ғурратун و اسْتَهَلَّ الصَّبِيُّ – бонг кард кӯдак пеши зодан, صاحَ عند الولادة و اسْتَهَلَّ المَطَرُ – фурӯ рехта шуд борон; бонг кард борон ба вақти рехтан و اسْتَهَلَّ وَجْهُهُ– битофт рӯйи вай, бидурахшид рӯйи вай» [159, 275].

Ин хусусият сабаб мешавад, ки муаллиф барои ҳарчӣ тамомтар нишон додани маъниҳои гуногуни моддаи луғавӣ ба овардани ҷумлаҳои арабӣ низ дар байни шарҳҳо иқдом намояд. Зимнан, бояд таъкид шавад, ки дар ин навъи шарҳҳои муфассал ҷумлаҳои арабӣ, новобаста аз қоида ва принсипи ягона, оварда мешаванд. Яъне, мавқеи истифодаи ягона надоранд. Чунончи, дар мисолҳои «و حَجَزَ بَيْنَ الشَّيْئَيْنِ – боздоште афканд миёни ду чиз; «فرق لبنهما»; боздоранда шуд миёни ду чиз» [160, ҷ.2, 325]; «مَخَضَ اللَّبَنَ – бичунбонид ширро;

дуғ кард; حرّك اللّبن; – бизад ширро» [160, 95] дар мобайни шарҳҳо ва ҷумлаҳои форсӣ-тоҷикӣ ва дар мисолҳои «وخرض النخل – андоза кард дарахти хурморо; «خرض ما اليه من الرطب» [160, ҷ.2, 330]; «عرض عليه الشىء – арза кард бар вай чизе; قال له الشىء اى حاله» [160, 94] дар охир омадааст.

Дар шарҳҳое, ки дар он ҷумлаҳои арабӣ дар охири шарҳ омадаанд, хусусияти ягонае дида мешавад, ки он ба вазифаи ҷумлаҳои таъкидӣ омадани онҳост. Мисол дар ҷумлаи «آن لک ان تفعل كذا – вақт омад туро, ки фалон кор кунӣ; вақт шуд туро, ки фалон кор бикунӣ; جاء لک وقت ان تفعل عملا» [160, 115], ҷумлаи арабии «جاء لک وقت ان تفعل عملا» таъкидан маънои воҳиди луғавиро мекушояд ва аз тарафи дигар ҷумлаи солими арабиро пеши назари хонанда ҷилвагар месозад. Мисоли дигар: «اسْمَدَرَّ البَصَرُ – хира шуд биноӣ; و هو السَّمَادِيرُ – хирагии чашм, хирагиҳои чашм; السَّمَادِيرُ ضَعْف البصر و يقال هو الشىءُ الذى يَتَرَاءَى أى للإنسان من ضَعف بَصَرِه عند السُّكر من الشراب و غيره» [159, 285]. Лозим ба таъкид аст, ки ин навъ ҷумлаҳо ғолибан тарҷума намешаванд ва усули шарҳи дигари Замахшариро дар «Муқаддимат-ул-адаб» барои шарҳу тафсири вожаҳо нишон медиҳанд, ки ин шарҳи калимаҳо ба забони асл аст. Яъне, муаллиф бо тарҷумаи он ба забони форсӣ-тоҷикӣ қаноат накарда, чунонки дар мисолҳои боло мушоҳида шуд, калимаҳоро ба забони арабӣ тавассути ҷумлаҳои арабӣ низ тавзеҳ медиҳад. Мисол:

Моддаи луғавӣ:	**Шарҳи тоҷикӣ:**	**Шарҳи арабӣ:**
اعْجَمي	ҳар кӣ араб набошад	العجمى كل من هو منسوب الى العجم و الاعجمى غير الفسيح و هذا فرق حسن بينهما[159, 31].
آلٌ	Қабила	الآل يقال هذا لأشراف و الأهل لما دون الاشراف[159, 32].
صَدْغٌ	Зулф	بالصّاد و السّين ما بين العين و الاذن و يسمّى أَيْضًا الشعر المتدلى عليه صدغًا و سدغًا أَصْدَاغٌ جمع [159, 34].

وجنب الفرس	ҷанибат кард асбро; асбро дар паҳлу кашид	قاده الى جنبه [160, ҷ.2, 265].
وهربت الرجل	он хоста, ки мард ҳазинаи хеш кунад [160, ҷ.2, 266].	ماله الذى يعيش به
بَسَرَ	туршрӯй шуд; чеҳра дарҳам кашид	كلَح وجهُه بُسُورًا [160, ҷ.2, 302].
سَبَّهُ	дашном дод ӯро; носазо гуфт ӯро	شَتَمَهُ [160, ҷ.2, 379].
شَبَ النَّارَ	афрӯхт оташро	أوْقَدَ النار [160, ҷ.2, 379].
حسَّه	бикушташ; бикушт ӯро; бикушташ ё бидонисташ	قتَله أو عَلِمَه [160, ҷ.2, 395].
و الحَسِيسُ الصَّوْتُ الخفىُ	овози нарм; бонги нарм ва	و معنى تَحُسُّونَهُمْ بِإِذْنِهِ أي تستأصلونهم قَتلًا [160, ҷ.2, 395].

Усули ташреҳи Замахшарӣ ҳангоми муайян намудани маънии калимаҳо дар баъзе ҳолот ба худ хусусияти энсиклопедӣ мегирад, ки намунаи зерин аз ин қабил вожа ҳаст:

«عُكَّازَةٌ – асой бо оҳан; асой сар бо оҳан; ج. عُكَّازٌ إذا طالت قليلا و استظهر بها الراعي و الأعرج و الشيخ و غيرهم فهى العصا فإذا استظهر بها المريض و الضعيف فهى المِنْسَأَةٌ فاذا كانت فى طرفها عُقّافة فهى مِحْجَنٌ فاذا طالت فهى الْهِرَاوَةٌ فاذا كانت فيها سنان صغير فهى الْعُكَّازَةٌ فاذا طالت شيئا و فيها سنان دقيق فهى الْمِطْرَدٌ فاذا زادت طولَها و فيها سنان عريض فهى أَلَّةٌ و حَرْبَةٌ فاذا اجتمع فيها الطول و الاستواء و السنان فهى الْقَنَاةُ و الصَّعْدَةُ و الرُّمْحُ» [159, 70]. Тарҷума: “Агар андаке дароз бошад, чӯпон, лангу шайх ва дигарон онро истифода кунанд, он асо аст ва дандонҳои хуб дораду устувор аст. Агар дарозиаш зиёд шавад ва дандонҳои васеъ, пас он тир ва найза аст. Агар дарозӣ, баробарӣ ва дандонҳо дар он дар як вақт бошанд, он тири парвозкунанда, шпор ва найза аст.

Ё ин ки ин шарҳҳо чанд матлабро фаро мегиранд: «تَيَامَنُوا – сӯе рост шуданд; يَامَنُوا – бо якдигар муборакӣ карданд; و بعضُهم يَرُدّ هذين و يقول يَامَنَ و يَاسَرَ، التَّيَامُنُ الأخذُ يمينًا يقال تَيَامَنُوا و تَيَاسَرُوا عن الفُورى يَامَنَ و تَيَامَنَ بمعنًى و عن القُتَبىّ تَيَامَنَ أخذ نحو اليمين و يَامَنَ و أَيْمَنَ أتاها و إذا أردتَ خُذْ يَمينًا و شمالًا قُلْتَ يَامِنْ و شَائِمْ و لا تَقُلْ تَيَامَنْ و لا تَشَاءَمْ و فيه نظرٌ» [159,

267]. Дар ин навъ шарҳҳо муаллиф масоили марбут ба маъниҳои гуногуни калима ва мавқеи истифодаи онро дар забони арабӣ бозгӯ мекунад.

Ахиран, дар мавриди шарҳ тавассути ҷумлаҳои арабӣ инро қайд карданием, ки дар мавридҳои маъдуд фарҳангнигор ба шарҳи хусусияти энсиклопедидошта рӯ оварда, афкори худро тавассути забони арабӣ баён доштааст: «تَيْهًا و تَاهَ فِى المَفَازَةِ متحيّر – саргардон шудан дар биёбон; гум шудан дар биёбон; саргашта шудан дар биёбон. و بِلَادُ التِّيهِ ما بين بَيْت المُقَدَّس الى قِنَّسْرِينَ وهى اثنا عشر فرسخا» [160, ҷ.2, 224-225].

Дар баъзе ҳолат муаллиф аз тарҷумаи калима худдорӣ карда, онро танҳо ба забони арабӣ тавзеҳ додааст: «جَاثُومٌ – мутародиф; الجاثوم الذى يقع بالليل على الرجل فلا يقدر أن يتكلّم» [159, 32]; «سَحَنَةٌ [سَحْنَةٌ] معا – мутародиф; حِلْيَة الرجل صفته و ما يُرَى منه و الزِّيّ الزينة و الهَيْئَة الحالة الظاهرة و السَّحَنَة بالتحريك و التسكين مثله و الشَّارَة حسن الهَيْئَة سَحَنَاتٌ جمع» [159, 32].

Дар ингуна ҳолатҳо фарҳанги мавриди назар якандоза ба фарҳангҳои тафсирии забони арабӣ монандӣ дорад. Маҳз ҳамин сабаб аст, ки он на танҳо барои навомӯзони забони арабӣ тавсия дода мешавад, балки барои шахсоне, ки аллакай бо забони арабӣ ошноӣ доранд низ ба ҳайси дастур истифода мегардад.

Ба ҷуз ин, мо мавридҳои зиёдеро медонем, ки муаллиф дар забони арабӣ бошад ҳам, ба ихтисорбаёнӣ риоя кардааст. Масалан, дар ҳолатҳои муайян Замахшарӣ танҳо муродифоти арабиро зикр мекунаду халос: «و حَمَأٌ مَسْنُونٌ – مَصْبُوبٌ او مُصَوَّرٌ او مُنْتِنٌ» [160, ҷ.2, 415]. Дар баъзе ҳолатҳо бошад, вариантнокии забони ифодаро дар дохили худи моддаи луғавӣ меорад: « و احسنت اليه حسب الطاقة/وعلى حسب الطاقة – некӯӣ кардам бад-ӯ ба андозаи тавонам; чандон ки тавонистам бад-ӯ некӯӣ кардам; некӯӣ кардам ба вай дархури тавонам» [160, ҷ.2, 266].

Дар мисолҳои дигар мутаваҷҷеҳ мешавем, ки муаллиф танҳо бо ҷумлаҳои арабӣ моддаи луғавиро шарҳ додаву тарҷумаи онро зикр намекунад. Яъне, дар фарҳанг иддае аз моддаҳои луғавӣ вуҷуд дорад, ки тарҷума нашудаасту танҳо бо забони арабӣ ташреҳ гардидааст: «تَدَلْدَلَ الشَّىْءُ – تحرَّك مُتَدَلِّيًا»; «تَدَهْدَهَ الحَجَرُ – تدهدها» [159, 284]; «تغانوا / تغانا – استغنا بعضهم عن بعض»; «تفانوا – افنى بعضهم بعضا فى الجرب» [159,

269]; «الْتفَّ و صارَ بعضُه أطولَ من بعضٍ – تَنَاتَلَ النَّبْتُ» [159, 266]; «سَكْرَانُ مُلْتَخٌ لا يتماسكُ – الْتَخَ»; «أتياه مِنْ جانبَيْه و كذلك الرَّضيعَانِ أُمَّهُمَا – ابْتَدَّ السَّبُعَانِ الرَّجُلَ» [159, 240].

Ғолибан чумлаҳои арабӣ дар ташреҳи навъи мазкур кӯтоҳ ва мухтасар иншо мешаванд. Аммо ҳолатҳое ҳам дида мешавад, ки муаллиф бидуни зикри вожае аз забони форсӣ матолиби марбут ба шарҳи моддаро зикр карда бошад. Мисол: «اضْطجعَ و امتدَّ – اعتدلَتْ و اسْبَكَرَّ الرَّجُلُ –اسْبَكَرَّتِ الجَارِيَةُ / اسْبَكَرَّ» [159, 285].

Хусусияти дигаре, ки дар шарҳи муфассали тавассути ҷумлаҳои арабӣ суратгирифта дида шуд, он ки муаллиф ҷумлаҳои арабиро ба ҳайси моддае дар дохили моддаи луғавии дигар шарҳ додааст. Яъне, кори муаллифи фарҳанг дар забти матолиби фарҳанг пайиҳам чидани матлабҳои монанд буда, ин хусусият агар дар қисмати асмо боризтарин падидаи сохтори фарҳанг бошад, дар қисмати афъол ин хусусият барҳам мехӯрад. Барои он ки қисмати афъол принсипи морфологӣ дошта, боббандии ин кисмат маҳз аз рӯйи шакл ва навъи феъл сурат мегирад. Пас, барои нигаҳдошти хусусияти ягона, Замахшарӣ барои ҳарчӣ тамомтар нишон додани усули корбасти феъл, мавридҳои истифодаи он ба ҳамин маънои шарҳшаванда ва амсоли ин баъди ҳар феъл ҷумлае ба забони арабӣ овардаву онро ба форсии тоҷикӣ шарҳ низ додааст. Чунин мисолҳо хеле кам ба назар расанд ҳам, усули аҷибе дар шарҳнигории моддаҳои луғавӣ ба шумор мераванд. Чунонки: «فَرَضَ اللَّهُ الصَّلوةَ – фариза кард Худой намозро; و فَرَضَتِ البَقَرَةُ – пир шуд гови мода» [159, 94]; «عَقَلَ الغُلَامُ – ҳушманд шуд ғулом; оқил шуд кӯдак; صار عاقلا – хирадманд шуд ғулом; و عَقَلَ القَتِيلَ – дият дод аз кушта; أَعْطَى المقتولَ الدّيةَ و عَقَلَ عَنِ القَاتِلِ – дият дод аз кушанда...» [159, 100]. Дар мавридҳои дигар бошад, муаллиф калимаро дар луғат танҳо тавассути ҷумлаи арабӣ шарҳ медиҳад. Мисли «الذى رَكِبَ لَحْمُهُ بعضه بعضا – و الخَظَوَانُ» [160, ҷ.2, 474]; «زكو/يزكو – و زَكَا الرَّجُلُ; زَكَا الزَّرْعُ: мислу» [160, ҷ.2, 479]; «***غمت السماء غما:*** الغم – هو الغيم الرقيق – абри нозук; меғ. ***و قوله عليه السلام*** – انه ليغان على قلبى – اى يطبق عليه اطباق الغين» [160, ҷ.2, 223].

Чунонки пештар ҳам зикр намудем, муаллиф хусусияти сабти мушаддади калимотро пеши кори худ гирифтааст. Аз ин хотир аст, ки ҳангоми зикр кардани бархе феълҳои забони арабӣ муаллиф онро шарҳ надода, балки ба

ҳайси мисол ҷумлаеро ба забони арабӣ бо истифодаи ин феъл сабт мекунаду халос. Чунонки дар зимни феъи «افترش» ҷумлаи зерин меояд: «افترشه – اتخذه فراشا و افترش السبع ذراعيه و افترش الشىء البسيط» [159, 236].

Дар бахши исми китоби Замахшарӣ ҳам ҷумлаҳои зиёди арабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бештар ба ҳайси мисол омадаву тарҷума надоранд. Мо дар зайли калимаи амвол чунин ҷумларо мехонем: « المال كلها يتملكه الناس و يعد ليوم الحاجة» [159, 47]. Ба ин монанд ҷумлаҳои зиёдеро аз ин бахш ба ҳайси мисол сабт карда метавонем, ки як амалро дар шарҳи вожагони фарҳанг иҷро мекунанд, ки иборат аз зикри мисол мебошад.

ХУЛОСАИ БОБИ III

1. Тарҷумаҳои моддаҳои луғавӣ дар фарҳанги Замахшарӣ бо тарзу усулҳои гуногун сурат пазируфта бошад ҳам, бештар дар самт рӯнамо мешавад, ки яке тарҷумаи калима ба калима аст ва дигаре тарҷумаи тавзеҳдор. Зимнан, муаллифи фарҳанг барои риояи танзими калима ба калимаи тарҷума ба ибтикороте аз қабили калимасозӣ даст ёфта, дар ин роҳ чанд калимаи сохтаву мураккаби номаънусеро ҳам истифода кардааст.

2. Тарҷумаи ҳамроҳ бо тавзеҳ низ дар либоси таркиб ва ҷумлаҳое, ки мавқеъҳои махсусу корбурд доранд, зуҳур намуда, ҳудуди фарогирии чашмрас доранд. Зимнан, ин тарзи тарҷумаро ба моддаҳои луғавие хос медонад, ки дар забони тоҷикӣ варианти ягона надоранд. Ин гуна моддаҳои луғавӣ бештар ба мафоҳими динӣ-мазҳабӣ ихтисос доранд.

3. Тарҷумаи айнии моддаҳои луғавӣ низ дар фарҳанг ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷаи он ифодаҳои номаънус ва бегонае ба забони адабӣ пайдо шудаанд. Муаллиф аз сабаби даст наёфтан ба гунаҳои форсӣ-тоҷикии бархе калимот, махсусан афъол ба ин навъи тарҷума даст задааст.

4. Барои таъйини усули ташреҳ дар фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ бояд нахустин омил таркиби луғавӣ ва усули нигошти худи фарҳангҳо ба назар гирифта шавад. Бо ин тарз муҳимтарин омилҳои бавуҷудоии тарзҳои ташреҳ ва тарҷумаи маводро муайян кардан имкон дорад. Чунончи, тибқи ин равиш мо усули ташреҳи моддаи луғавиро тавассути таъйини усули мухтасар, гузиниши вариантҳои форсӣ-тоҷикӣ, ба воситаи зикри муродифот, ташреҳи муфассал, ташреҳ тавассути иқтибосот, дар асоси зикри сермаъноии моддаи луғавӣ, бо таъйин кардани категорияи грамматикӣ ва тарзи корбасти моддаи луғавӣ, ва ахиран бо усули ҳавола кардан ба дигар фарҳангҳо бармешуморем.

5. Зимнан, ҳар фарҳанг вобаста ба замони таълиф, рушду тараққии забон дар он замон, ишколоти тарҷумаи воҳидҳои арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва омилҳои дигар усул хоси ташреҳ ва таркиби худро дорад. Сохтор ва масоили ҷобаҷогузории моддаҳои луғавӣ дар фарҳангҳои тарҷумавӣ низ ба усули ташреҳи моддаи луғавӣ бетаъсир нест.

6. Дар «Муқаддимат-ул-адаб» Замахшарӣ моддаҳои луғавиро чунон тарҷумаву тавзеҳ ва ташреҳ намуда, ки он ба истиснои фарҳанг будан, ҳамчун дастури омӯзиши забони арабӣ низ ба кор меояд. Дар бахши исм Замахшарӣ дар 98 мавзуъ моддаҳои луғавиро ҷамъоварӣ намуда, дар аксар маврид ба ҷузъитарин ифодаҳои моддаҳои луғавии тарҷумашаванда ишора мекунад. Дар бахши феъл низ чунин равиши тарҷумаву ташреҳи феълҳоро ба кор мебарад, вале дар ин самт Замахшарӣ бештар таваҷҷуҳи худро ба феълҳое, ки дар якҷоягӣ бо исму ҳарфҳо маъниҳои гуногунро ифода мекунанд, равона карда, маъмултарин ҷумлаҳоро бо истифода аз феълу исму ҳарф сохта, онҳоро ба забони форсӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад.

7. Замахшарӣ кӯшидааст, то вожаву ҷумлаҳои маъмули даврони худро дар фарҳанги мазкур гирд оварда, шарҳу тавзеҳ диҳад. Аз ин лиҳоз, ҷолиби диққат он аст, ки бештари воҳидҳои луғавии арабиву форсии фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» дар забони арабиву забони форсӣ-тоҷикӣ мавриди истифода қарор дошта, то ҳол аз истифода боз намондаанд. Аз ин сабаб, метавон гуфт, ки «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ байни фарҳангҳои дузабонаи арабӣ-форсӣ-тоҷикӣ ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам аз ҷиҳати тарҷумаву шарҳи моддаҳои луғавӣ аз аҳаммияти бузург бархурдор аст.

8. Ҳамчунин усули ташреҳи вожаҳо тавассути зикри муродифҳо якчанд хосият дорад, ки он зикри чандгунаи муродифи форсӣ-тоҷикӣ, зикри муродифоти арабии моддаи луғавӣ ва зикри якҷояи муродифҳои форсӣ ва арабӣ мебошад.

9. Усули дигари ташреҳи моддаи луғавӣ дар фарҳанг бакоргирии аносири арабӣ мебошад, ки аз таквожаҳо сар карда, то ҷумлаҳои хусусияти тавзеҳӣ дошта дар фарҳанг ба ин нақш сабт шудаанд. Дар баъзе мавридҳо танҳо калима ба калимаи арабӣ ба ҷои тарҷума омада бошад, дар мавридҳои дигар фарҳангнигор онро ба тавзеҳи бештари хусусияти энсиклопедӣ дошта зикр месозад.

10. Дар шарҳи тӯлоние, ки тавассути муаллиф асосан ба хусусияти корбурди вожаи мавриди зикр истода мегузарад. Тибқи мушоҳидаи мо вақте

фарҳангнигор моддаи муфассалеро, мисли ҷумлаҳои арабӣ мавриди ташреҳ қарор медиҳад, хоҳу нохоҳ ба овардани шарҳи муфассал мепардозад.

11. Сабаби дигари пардохтани муаллиф ба шарҳи нисбатан муфассал дар он зоҳир мешавад, ки ба бисёрмаъноии калимаву ибораҳо ишора мекунад. Ба сермаъноии маводҳои луғавӣ ишора кардани муаллиф сабаб шудааст, то ибораҳо ва таркибҳои рехта ҳам дар ташреҳи моддаҳои луғавӣ иштирок кунанд. Тавассути мушаххас кардани мавқеи истифода ва дараҷаи грамматикӣ шарҳ кардани моддаи луғавӣ ҳарчанд каммаъмул аст, аммо ба ҳар ҳол дар мавқеъҳои муайян дар фарҳангнома дида мешавад, ки хусусияти бисёр ҷолиби шарҳи моддаи луғавиро ташкил медиҳад.

ХУЛОСА

Фарҳангнигорӣ яке аз шохаҳои бисёр муҳимми забоншиносӣ ба шумор меравад, ки он низ монанди соири улуми марбут ба забону адабиёт таърихи дерина дорад [4-М]. Мақоми фарҳангҳо дар ҷамъоварӣ ва ҳифзи захираҳои луғавии ин ё он забон бузург аст ва онҳо аз сарчашмаҳои муҳим ва арзишманде дар ҳифзи забони адабӣ, забони зиндаи ин ё он давр, шеваҳои гуногунминтақа, истилоҳҳои марбут ба ин ё он соҳаи илм ва ғ. ба шумор мераванд [3-М]. Фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб» аз фарҳангҳои муътабари дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ мебошад ва баробари истихдом аз лексикаи мутафовити арабӣ дар он лексикаи тоҷикӣ дар рангу тароватҳои хосе дида мешавад [5-М; 8-М]. Махсусан, фарҳангнигории арабӣ-тоҷикӣ, ки омили бисёр муҳимми такмил ва тавсеа ёфтани забони моро метавонад таҷассум намояд, ба таври густарда ва фарогир таҳқиқ нашудааст. Ин самт ба андешаи мо аз самтҳои бисёр пурбор дар фарҳангнигории тоҷикӣ, дар шинохт ва муаррифии вожагони қадим, решашиносии вожагон ва, умуман, таърихи забон хоҳад буд. Дар партави ақидаи мазкур, дар рисолаи ҳозир кӯшиши таҳқиқ ва баррасии «Муқаддимат-ул-адаб»-и Ҷоруллоҳи Замахшарӣ, ки яке аз фарҳангҳои муҳташам ва дорои сохтори хос буда, аз марҷаъҳои бисёр нодири забони арабӣ ва, ҳамзамон форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад, шудааст. Дар ин радиф, китоб ҳиссаҳои нутқи забони арабӣ ва дараҷаҳои грамматикии онро ба таври густардатар аз дигар китобҳои ҳамсони худ фаро мегирад. Замахшарӣ аввалин нафарест, ки ҳиссаҳои нутқи забони арабиро дар шакли алоҳида дар фарҳанг оварда, мавриди тарҷумаву тавзеҳ қарор медиҳад ва ба ин восита роҳи комилан наверо дар омӯзиши забон ва фарҳангнигории арабӣ тоҷикӣ мекушояд.

1. Фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ таърихи қариб ҳазорсола дорад ва дар ин росто фарҳангҳое, чун «Китоб-ул-масодир»-и Зӯзанӣ, «Китоб-ул-булғат-ил-мутарҷими фи-л-луғат», «Ас-Сомӣ фӣ-л-асомӣ»-и Абулфазл Аҳмад ибни Муҳаммади Майдонӣ, «Тоҷ-ул-масодир»-и Абуҷаъфар Аҳмад ибни Алии Ҷаъфараки Байҳақӣ, «Тарҷумон-ул-аоҷим»-и Муҳаммад ибни Абулқосим

Бакқолии Хоразмӣ, «Миркот»-и Бадеъуззамони Натанзӣ ва даҳҳо китобу расоили дигар ба миён омадааст, ки ҳар кадом аз арзиш ва аҳаммияти махсус бархурдор аст.

2. Бархе фарҳангҳои дузабона то замони мо нарасида ва аз онҳо танҳо ном ва ишорае ва ё чанд вараҚи парешоне боқӣ мондаасту халос. Ба ин гурӯҳ фарҳангномаҳои «Мушкилот-ул-булғат» «Китоб-ул-халос»-и Натанзӣ, «Зуҳрат-ул-адаб» ва «Нисоб-ус-сибён»-и Фароҳии Сиҷзӣ, «Таҷнис-ул-алфоз»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Силк-ул-ҷавоҳир»-и Ангурӣ ва дигар фарҳангҳо мебошанд.

3. Давраи иншои фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ давраи рушд ва шукуфоии фарҳангнависии дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, он дар тарвиҷи ин шохаи лексикография аҳаммияти махсус дорад. Сипас, баъди рӯйи кор омадани фарҳанги мазкур мо дар таърихи лексикографияи дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ ду қарни сукутро ба мушоҳида мегирем.

4. Замахшарӣ аз олимони бузурги ислом, донишманди илми тафсир, суханвари мумтоз ва луғатнигори бузурги охири асри V\XI ва нимаи аввали асри VI\XII буда, дар ҳадису наҳв, калом ва балоғату адаб низ аз саромадони асрҳои мазкур ба шумор мерафт [1-М; 7-М]. Асари муҳимтарини ӯ «Муқаддимат-ул-адаб» буда, он нусхаҳои зиёди қаламӣ ва нашрҳои гуногун дорад. Аз фарҳанг тақрибан ҳафтод нусхаи қаламӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон ва 8 нашр ба назар мерасад [6-М; 9-М].

5. Фарҳанги «Муқаддимат-ул-адаб», ки аз фарҳангҳои машҳури дузабона аст, аз худ нусхаҳои зиёди қаламӣ ва нашрҳои гуногун дорад. То кунун муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҳудуди бист нусхаи хаттии он муаррифӣ шудааст, вале то он ҷо, ки мо ҷустуҷӯ кардем, аз фарҳанги Замахшарӣ тақрибан ҳафтод нусхаи қаламӣ вуҷуд дорад ва ин нусхаҳо дар китобхонаҳои кишварҳои Эрону Россия, Олмону ИМА, Фаронса, Ҳиндустону Покистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ғ. нигаҳдорӣ мешаванд. Луғати мазкур ҳанӯз соли 1843 аз ҷониби И.Ҷ. Ветзштейн ба нашр расидаву минбаъд соли 1936 Николас Поппе, соли 1951 Закӣ Валидии Туғон, соли 1342/1963 Муҳаммад Козими Имом (дар ду муҷаллад), соли 1988 Нурӣ Юҷа (ҳамроҳ бо шарҳи туркии луғат), соли

1387/2008 Маҳдии Муҳаққиқ (аз рӯйи нашри Лейпсик) ва, ахиран, Ҳусайн Муҳаммадзодаи Сиддиқ онро ба нашр расонидаанд. Зиёдии нашрҳо ва нусхаҳои хаттии фаровон аз фарҳанг як нишонаи шуҳрат ва эътибори он буда метавонад.

6. «Муқаддимат-ул-адаб» ба ҳайси яке аз махзанҳои бузурги забони арабӣ ва забони тоҷикӣ аз аҳаммияти вижае бархурдор аст. Он, дар баробари хидмати беназир дар рушди фарҳангнигории дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ, дар рушди фарҳангнигории тоҷикӣ низ саҳм дорад ва далели боризтарини он ин ки дар шарҳи бисёре аз моддаҳои луғавии «Луғатнома», ки аз бузургтарин фарҳангҳои форсист, истифода шудааст. Ҳамчунин дар тасҳеҳи матнҳои зиёди классикӣ мусаҳҳеҳону муҳаққиқон онро мавриди истифода қарор ддаанд.

7. «Муқаддимат-ул-адаб» бо сохтор ва таркиби луғавии хоси худ даричаи наверо дар иншои фарҳангҳои дузабона боз карда, моддаҳои луғавиро ба гурӯҳҳои грамматикӣ тақсим мекунад. Тибқи ин тақсимот ба он қисматҳои «Танбеҳ барои хонанда аз муаллиф», «Дебоча», «Номҳо» (Ал-асмо), «Феълҳо» (Ал-афъол), «Ҳарфҳо» (Ал-ҳуруф), «Гардонидани номҳо» (Сарфу-л-асмо) ва «Гардонидани феълҳо» (Сарфу-л-афъол) дохил мешаванд [11-М].

8. Чунин тақсимбандии фарҳанг, агар аз як тараф хусусияти таҳлилӣ-морфологӣ доштани онро нишон диҳад, аз тарафи дигар хусусияти таълимӣ доштанашро низ ба намоиш мегузорад.

9. Қисмати исми фарҳанг аз 98 боб иборат буда, тамоми ақсоми исмро фаро гирифта, ки аз замону авқоти он, осмон ва ҳар он чӣ дар он аст, ба бобҳо тақсим шудааст [2-М]. Боби феълҳо бошад, аз 24 фасл иборат аст, вале он тақсимоти мавзуӣ надорад. Дар он тартиби алифбоӣ риоя мешавад. Дар бештарин маврид дар ин боб кӯшиши ба тариқи алифбо овардани афъол сурат гирифтааст. Қисмати ҳарф аз ҳашт фасл иборат буда, кӯтоҳтарин қисмати фарҳангро қисмати чорум ва панҷуми он ташкил медиҳад.

10. Муҳимтарин падидаи сохторӣ, ки дар фарҳанг бояд шинохта шавад, он ки моддаҳои луғавие, ки дар он мавриди шарҳу тавзеҳ қарор мегиранд, ба вожаҳои меҳварӣ ҷудо мешаванд. Ин хусусият ҳам дар қисмате, ки вожаҳо аз

рӯйи мавзуъ омадаанд ва ҳам дар қисмате, ки моддаҳо тартиби наҳвӣ доранд, дида шуд. Ҳамчунин фарҳанги мавриди таҳқиқ барои шинохти решаву аслу баромади бисёре аз калимаҳои забони арабӣ хидмат мекунад. Бар замми ин, хеле аз калимаҳои муарраби забони форсӣ-тоҷикиро тавассути фарҳанги мазкур метавонем дарёбем, ки низ бар аҳаммияти он меафзояд. Азбаски қисмати бузурги он гароиши мавзуӣ дорад, истилоҳоти зиёд, калимоти матруку камистифода ва амсоли ин дар он басомади бештар доранд. Як хусусияти дигар дар овардани моддаҳои луғавӣ дар фарҳанг ба ҳайси воҳиди луғавӣ омадани ибораву таркибот ва ҷумлаҳои арабист.

11. Мо дар натиҷаи омӯзиши маводи «Муқаддимат-ул-адаб» ба чунин хулоса расидем, ки моддаҳои луғавиро дар фарҳанги дузабона ба ҷуз он ки муаллиф мавриди тарҷумаи маъноӣ қарор медиҳад, бо усули шашгонаи зайл метавонад тавзеҳ ва ташреҳ диҳад: усули шарҳи мухтасар; усули ташреҳ бо интихоби муодили арабӣ ба тоҷикӣ; усули ташреҳи муфассал; усули ташреҳ бо воситаи муродифот; усули ташреҳ бо истифода аз иқтибосот; усули ҳавола [10-М].

12. Дар фарҳанг тавъам бо калимот ва ифодаҳои нодири арабӣ калимоту ибороти нодир ва зебое аз забони форсӣ-тоҷикӣ низ корбаст мешавад, ки шоистаи таъкиди алоҳида мебошад. Замахшарӣ зеботарин ва нодиртарин ифодаҳои забони моро дар зимни шарҳ ба риштаи таълиф кашида, ки қабатҳои гуногуни лексикӣ ба шумор мераванд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инҳо: калимот ва ё ифодаҳои шевагӣ, калимаҳои архаистӣ, мураккабвожаҳо, ибороти синтаксисиву рехта, ҷумлаҳо, истилоҳвожаҳо ва ғ. мебошанд. Хусусиятҳои мазкур имкони омӯзиш ва баррасии таърихи забонро дар давраи фаъолияти Замахшарӣ, ки аз пурбортарин даврахо ба шумор меояд, барои муҳаққиқон бештар месозад.

13.Дар фарҳанг, чун дар дигар китобҳои ҳамсони он калимаҳо ва ифодаҳое ҳастанд, ки танҳо тавассути овардани муродиф ва ё бозкушоии маъноӣ ба хонанда пурра фаҳмо намешаванд. Аз ин хотир бештари муаллифони қомусҳои пешин ба ташреҳи нисбатан муфассал, ки хусусияти донишномавӣ дорад, даст

задаанд. Ҳарчанд дар фарҳанги Замахшарӣ ин падида ба таври барҷаста дида намешавад, аммо нақши ташреҳи муфассали арабиро дар шинохти хусусияти шарҳнигории муаллиф барои вожаҳо берун кардан аз рӯйи инсоф нест. Муаллифи «Муқаддимат-ул-адаб» бештар ташреҳи муфассали худро дар қолаби як ё ду ҷумла меорад, ки, одатан, ин ҷумлаҳо ба забони арабианд. Ҷумлаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар шарҳи моддаҳое, ки дар шакли ҷумла омадаанд, истифода шудааанду халос.

14. Ҳамчунин зимни шарҳ муаллифи фарҳанг аз калима, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ бисёр истифода кардааст. То он ҷо, ки ин навъи ташреҳи моддаи луғавиро яке аз хусусиятҳои шарҳ дар фарҳанги Замахшарӣ шинохта метавонем. Дар шарҳҳое, ки аносири арабӣ истифода мешаванд, гоҳе ташреҳ хусусияти энсиклопедӣ мегирад.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ водор кард, ки барои омӯзиши амалии натиҷаи рисолаи мазкур тавсияҳои зерин пешниҳод гардад:

1. Матолиби рисоларо метавон дар шаклгирии корҳои илмӣ-таҳқиқотии оид ба лексикография ва лексикология истифода намуд.

2. Рисола дар омӯзишу баррасии масоили фарҳангнигорӣ, семинар ва курсҳои махсус ва таълифи осори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

3. Дар маҷмуъ, ҳосили таҳқиқоти рисола дар хондани лексияҳои назарӣ, машғулиятҳои амалӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, магистрӣ, дипломӣ ва корҳои курсӣ дар факултетҳои марбут ба улуми филологӣ ба кор меояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Сарчашмаҳо

1. Балхӣ, Баҳоуддин Муҳаммад. Маориф [Матн] / Баҳоуддин Муҳаммади Балхӣ. Тасҳеҳи Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Ҷ.2. – Теҳрон, 1382. – 492 с.
2. Балхӣ, Баҳоуддин Муҳаммад. Маориф [Матн] / Баҳоуддин Муҳаммади Балхӣ. Тасҳеҳи Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Ҷ.2. – Теҳрон, 1382. – 418 с.
3. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Эҳё улум-ад-дин [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Тасҳеҳи Ҳусайни Хидевҷам. Ҷ.2. – Теҳрон, 1386. –771 с.
4. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Эҳё улум-ад-дин [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Тасҳеҳи Ҳусайни Хидевҷам. Ҷ.3. – Теҳрон, 1386. –791 с.
5. Ғазнавӣ, Садидуддин Муҳаммад. Мақомоти Жандапил [Матн] / Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ. Тасҳеҳи Ҳашмати Муайяд. –Теҳрон, 1384. – 464 с.
6. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Атвоқ-уз-заҳаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. –Қоҳира: Дор-ул-фазилат, 2008. – 212 с.
7. Замахшарӣ, Муҳаммад ибни Умар. Ал-Кашшоф ан ҳақоиқ-ит-танзили ва уйун-ул-ақовили фӣ вуҷуҳ-ит-таъвил [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Ба кӯшиши Халил Маъмун Шиҳо. – Байрут: Дор-ул-маърифат, 2009. – 1236 с.
8. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Мақомот [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Байрут: Дор-ул-кутуб-ил-илмийя, 2009. – 278 с.
9. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Ал-Мустақсо фӣ амсол-ил-араб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Байрут, бидуни соли нашр. – 452 с.
10. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Муфассал [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Уммон: Дору Аммор, 2003. – 565 с.
11. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Навобиғ-ул-калим [Матн] /Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Қоҳира, 1935. – 42 с.
12. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ан-Намузаҷу фи-н-наҳв [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Бидуни макони нашр, 1999. – 40 с.

13. Замахшарӣ, Ҷоруллоҳ. Рабеъ-ул-аброр [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.1. – Байрут: Муассисат-ул-аъламӣ ли-л-матбуот, 1412. – 477 с.
14. Зириклӣ, Хайруддин. ал-Аълом [Матн] / Хайруддини Зириклӣ. Ҷ.7. – Байрут: Дор-ул-илми ли-л-малоин, 2002. – 352 с.
15. Ибни Имод, Шиҳобуддин Абулфаллоҳи Димишқӣ. Шазарот-уз-заҳаб. Ба кӯшиши Абдулқодир ал-Арноут. Ҷ.6. –Байрут, бидуни соли нашр. – 600 с.
16. Ибни Муқаффаъ, Абдуллоҳ. Калила ва Димна [Матн] / Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ. Тасҳеҳи Муҷтабо Минӯӣ. –Теҳрон, 1383. – 451 с.
17. Ибни Муҳаммад, Зиёуддин. Ойини шаҳрдорӣ [Матн] / Зиёуддин ибни Муҳаммад. Тарҷумаи Ҷаъфари Шиор. – Теҳрон, 1360. –234 с.
18. Ибни Фақеҳ, Аҳмад ибни Муҳаммад. Мухтасар-ул-булдон [Матн] / Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Фақеҳ. Тарҷумаи Муҳаммадризо Ҳакимӣ. – Теҳрон, 1379. –301 с.
19. Ибни Фаҳд, Умар ибни Муҳаммад. Итҳоф-ил-варо биахбори Умм-ил-қуро [Матн] / Умар ибни Муҳаммад ибни Фаҳд. Ҷ.4. –Макка: Ҷомиъату Уммил-қуро, 1403. –751 с.
20. Ибни Халликон. Вафайот-ул-аъйон. Ба таҳқиқи Эҳсон Аббос. Ҷ.5. – Байрут: Дору содир, 1978. – 337 с.
21. Исмоилпошшо. Ҳадият-ул-орифин [Матн] / Исмоилпошшо. Ҷ.1. – Истамбул, 1951. – 842 с.
22. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома [Матн] / Унсурулмаолии Кайковус. Тасҳеҳи Ғуломҳусайн Юсуфӣ. – Теҳрон, 1383. – 209 с.
23. Купрозода, Тош, Аҳмад ибни Мустафо. Мифтоҳ-ус-саъода ва мисбоҳ-ус-сийода [Матн] / Аҳмад ибни мустафо Тош Купрозода. Ҷ.2. – Байрут, 1985. –734 с.
24. Қазвинӣ, Закариё. Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод [Матн] / Закариёи Қазвинӣ. Тарҷума ва тавзеҳи Абдушукур Ғафуров. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 684 с.

25. Мискавайҳ, Аҳмад ибни Алӣ. Таҷоруб-ул-умам [Матн] / Аҳмад ибни Алии Мискавайҳ. Тарҷумаи Абулқосими Имомӣ ва Алӣ Нақӣ Мунзавӣ. Ҷ.1. – Теҳрон, 1369. – 383 с.

26. Садрулафозил, Қосим ибни Ҳусайн. Бадоеҳ-ул-милҳ (Навоҳои намакин) /Қосим ибни Ҳусайни Садрулафозил. Тарҷумаи Тоҳири Хоразмӣ ва тасҳеҳ ва таҳқиқи Мустафо Авлиёӣ. –Теҳрон: Мероси мактуб, 1383. – 212 с.

27. Саховӣ, Муҳаммад ибни Абдурраҳмон. Туҳфат-ул-латифа фӣ таърих-ил-мадинат-иш-шарифа [Матн] / Муҳаммад ибни Абдурраҳмони Саховӣ. Ҷ.1. – Байрут: Дор-ул-кутуб-ил-илмийя, 1414. – 475 с.

28. Суютӣ, Абдурраҳмон ибни Абубакр. Ҳусн-ул-муҳозара фӣ ахбори Мисра ва-л-Қоҳира [Матн] / Абдурраҳмон ибни Абубакри Суютӣ. Ҷ. 1. –Байрут: Дор-ул-кутуб-ил-илмийя, 1418. – 472 с.

29. Таббох, Муҳаммад Роғиб. Аълом-ун-нубалои битаърихи Ҳалаб-иш-шуҳабои [Матн] / Муҳаммад Роғиб Таббох. Ҷ.4. – Ҳалаб: Дор-ул-қалам-ил-арабиййи, 1408. –564 с.

30. Таббох, Муҳаммад Роғиб. Иълом-ун-нубалои битаърихи Ҳалаб-иш-шуҳабои [Матн] / Муҳаммад Роғиб Таббох. Ҷ.5. – Ҳалаб: Дор-ул-қалам-ил-арабиййи, 1408. – 556 с.

31. Фасоӣ, Ҳасан ибни Ҳасан. Форсномаи Носирӣ [Матн] / Ҳасан ибни Ҳасани Фасоӣ. Ҷ.1. –Теҳрон: Амири Кабир, 1382. – 867 с.

32. Фосӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Шифоу-л-ғароми би ахбори-л-балади-л-ҳароми /Муҳаммад ибни Аҳмади Фосӣ. Ҷ.1. –Макка, 1956. – 440 с.

33. Хонсорӣ, Мӯсавӣ; Муҳаммадбоқир, Мирзо. Равзот-ул-ҷаннот фӣ аҳвол-ил-уламои ва-с-содот [Матн] / Мӯсавии Хонсорӣ; Мирзо Муҳаммадбоқир. Ба кӯшиши Асадуллоҳ Исмоилиён. – Қум, 1392. – 408 с.

34. Ҳамавӣ, Ёқут. Муъҷам-ул-удабо [Матн] / Ёқути Ҳамавӣ. Ба таҳқиқи Эҳсон Аббос (иборат аз шаш ҷилд). – Байрут, 1993. – 2942 с.

35. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун. Ҷ.2. – Байрут: Дору иҳйо-ит-турос-ил-арабиййи. Бидуни соли нашр. – С.945-2056.

36. Ҷаҳшиёрӣ. Китоб-ул-вузарои ва-л-куттоб [Матн] / Ҷаҳшиёрӣ. – Қоҳира, 1937. – 216 с.
37. Шерозӣ, Ҷунайд ибни Маҳмуд. Тазкираи Ҳазор мазор [Матн] / Ҷунайд ибни Маҳмуди Шерозӣ. Тарҷумаи Абдулваҳҳоб Висоли Нуронӣ. –Теҳрон, 1364. – 536 с.
38. Шерозӣ, Фурсат. Осори Аҷам [Матн] / Фурсати Шерозӣ. Ҷ.2. –Теҳрон, 1377. –732 с.

II. Адабиёти илмӣ

39. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода [Матн] /А. Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1988. – 155 с.
40. Абдулҳафиз, Назрулҳафиз. Аз-Замахшарию котибан ва шоиран [Матн] / Назрулҳафиз Абулҳафиз. –Қоҳира: Куллият-ул-луғат-ил-арабийяти, 1982. –64 с.
41. Абҳарӣ, Камол Ҷабрӣ. Аз-Замахшарӣ – сиратуҳу, осоруҳу, мазҳабуҳу-н-наҳвийи [Матн] / Камол Ҷабрии Абҳарӣ. Уммон: Дору-л-ҷинони ли-н-нашри ва-т-тавзеъи, 2014. – 413 с.
42. Алиева Ф.Н. Вожаҳои муфаррас дар “Ғиёсу-л-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ [Матн] / Ф.Н. Алиева // Номаи донишгоҳи давлатии Хуҷанд. –№1(38). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – С. 22-28.
43. Алиева Ф.Н. Нигоҳи Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ ба роҳҳои муаррабшавии вожаҳо [Матн] / Ф.Н. Алиева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Бахши илмҳои филологӣ. –№9(199). – Душанбе: Сино, 2016. – С.71-75.
44. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абӯалӣ ибни Сино [Матн] /А.М. Байзоев. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – 196 с.
45. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос [Матн] / Т.Бердиева. – Душанбе: ДДТ, 1991. – 73 с.
46. Броккелман, К. Таърих-ул-адаб-ил-арабӣ [Матн] / К.Броккелман. Тарҷумаи Рамазон Абдуттаввоб. Ба кӯшиши Яъқуби Бакр. Ҷ.5. – Қоҳира, 1975. – 392 с.

47. Ғиёсов, Н. Андешаҳо пиромуни робитаҳои забони форсӣ-тоҷикӣ ба забони арабӣ [Матн] / Н.Ғиёсов / Шамъи анҷуман. Муҳаррири масъул: А.Сайфуллоев ва А. Насриддинов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1996. – С. 68-78.

48. Ғиёсов, Н. «Луғати Фурс»-и Асадии Тӯсӣ нахустфарҳанги маврус дар таърихи фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Н.Ғиёсов / Луғати Фурс. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – С.3-39.

49. Ғиёсов, Н. Сӣ мақола [Матн] / Н.Ғиёсов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – 300 с.

50. Ғиёсов Н. Фарҳангнигории арабу аҷам: «Кадомӣ муассир ва кадомӣ муассар?» [Матн] / Н.Ғиёсов // Ахбори ДДҲБСТ. –№3. –Хуҷанд: Меъроҷ, 2019. – С.65-76.

51. Ғиёсова Ф. Ташреҳи маъно дар фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Ф.Ғиёсова / Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавон бахшида ба 60-солагии таъсисёбии академияи илмҳои ҶТ. –Душанбе, 2011. – С.89-92.

52. Ғиёсова, Ф. Усули ташреҳи шакли воҳидҳои лексикӣ дар фарҳангҳои қарни XVII [Матн] / Ф.Ғиёсова. –Хуҷанд, 2005. – 68 с.

53. Дадохонова, М., Ҳасанов, А. Мухтасаре аз таҳқиқи таърихи забони адабии классикӣ (аз аҳди Сомониён то ибтидои а. XX) [Матн] / М.Дадохонова, А.Ҳасанов. –Хуҷанд, 1999. – 96 с.

54. Деҳхудо, Алиакбар. Муқаддимаи Луғатнома. Ба қалами гурӯҳе аз нависандагон. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. – 573 с.

55. Ад-Дурус-ун-наҳвийа. Гурӯҳи муаллифон. – Кувайт: Дору ийлоф-ид-дувалийа, 2006. – 414 с.

56. Зайф, Абдуссаттор. Ҷоруллоҳ Маҳмуд ибну-л-Умар аз-Замахшарӣ – ҳаётуҳу ва шеъруҳу [Матн] / Абдуссаттор Зайф. – Қоҳира: Оламу-л-кутуб, 1994. – 302 с.

57. Исломов, З. Махмуд Замахшарийнинг «Муқаддимат-ул-адаб» асаридаги туркий феъллар таҳлили [Матн] / З.Исломов. Автореф. дис. …номз. филол. илм. – Ташкент, 1993. – 28 с.

58. Кенҷаев, Ю. Хусусиятҳои луғавӣ ва калимасозии «Таърихи Байҳақӣ» [Матн] / Ю.Кенҷаев. Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22. – Хуҷанд, 2004. – 155 с.

59. Кишахола, Муҳаррам Ризоятӣ. Замахшарӣ [Матн] / Муҳаррам Ризоятии Кишахола / Донишномаи забон ва адаби форсӣ. Ҷ.3. – Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1388. – С.536-538.

60. Қосимова, М. Таърихи забони адабии тоҷик. Асрҳои IX-X [Матн] / М.Қосимова. Ҷ.1. – Душанбе, 2003. – 488с.

61. Қосимова, М. Таърихи забони адабии тоҷик. Асрҳои XI-XII [Матн] / М.Қосимова. Ҷ.2. – Душанбе: Сино, 2016. – 240с.

62. Мамадназаров, А. Аз таърихи луғатнигории тафсирии истилоҳии тоҷик дар садаи XX ва аввали XXI [Матн] /А.Мамадназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2013. – № 4/1(105). – С.19-25.

63. Мамадназаров, А. Аз таърихи фарҳангнигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / А.Мамадназаров // Фарҳанги англиси-тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 10-16.

64. Мамадназаров, А. Чашмандозе ба луғатнигории соҳавӣ-истилоҳии тоҷик дар садаи XX ва аввали XXI [Матн] / А.Мамадназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2012. – № 4/3(88). – С.18-25.

65. Мардонов, Т. Бори дигар роҷеъ ба осори боқимондаи устод Рӯдакӣ [Матн] / Т.Мардонов // Ахбороти АФ Тоҷикистон, шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1985. – №.1. – С.87-93.

66. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Луғатшиносӣ [Матн] / Ҳ.Маҷидов. Ҷ.1. –Душанбе, 2007. – 243 с.

67. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. – 294 с.

68. Мунзавӣ, А. Фарҳангномаҳои арабӣ ба форсӣ / Луғатномаи Деҳхудо: Муқаддима [Матн] / А.Мунзавӣ. –Теҳрон, 1993. – С.265-372;
69. Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Замахшарӣ ва «Муқаддимат-ул-адаб» [Матн] / Маҳдии Муҳаққиқ // Муқаддимат-ул-адаб. –Теҳрон: Муассисаи мутолиоти исломии Донишгоҳи Теҳрон, 1386. – С.9-16
70. Назарзода, С. Сарнавишти талхи «Луғати русӣ-тоҷикӣ» [Матн] / С.Назарзода // Миллат. – 2011. 9 ноябр.
71. Насриддинов, Ф. «Рабеъу-л-аброр»-и Замахшарӣ [Матн] / Ф.Насриддинов // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ. – №3 (3) 2015. –Хуҷанд: Ношир, 2015. – С.133-135.
72. Наҳовандӣ, Муҳаммад Маликӣ. Исботи «ҳуҷҷияти қавли луғавӣ» бо истинод ба таърихи луғати араб [Матн] / Муҳаммад Маликии Наҳовандӣ // Пажуҳишҳои фиқҳии давраи дувоздаҳум. –Тобистони 1395. –Шумораи 2. –С. 415-445.
73. Нақафӣ, Забеҳуллоҳи Ризо. Замахшарӣ ва осораш [Матн] / Забеҳуллоҳд Ризои Нақафӣ // Ҳавзаи Исфаҳон. – Шумораи 12, 1382. – С.180-187.
74. Оқилов М.И. “Атвоқу-з-заҳаб”-и Маҳмуди Замахшарӣ (таҳқиқи адабӣ, тарҷума ва шарҳи он) [Матн] / М.Оқилов. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – 228 с.
75. Отахонова, А. «Фарҳангнома»-и Ҳусайн Вафоӣ [Матн] / А.Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1986. –124 с.
76. Раупов, Х. Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии иқтибосоти арабӣ дар «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / Х.Раупов. Рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филолгӣ. – Хуҷанд, 2006. –183 с.
77. Раҳматуллоӣ, М. Китобшиносии фарҳангҳои дузабона ва чандзабонаи форсӣ [Матн] / М.Раҳматуллоӣ. –Теҳрон, 1987. –49 с.
78. Рӯҳонӣ, Муҳаммадҳусайн. Замахшарӣ ва мактаби луғавии ӯ [Матн] / Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ // Омӯзиш ва баррасӣ. – Давраи чиҳилу панҷум. – № 5. –1354. – С.301-311.

79. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д.Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
80. Сафарӣ, Бобо. Ардабил дар гузаргоҳи таърих [Матн] / Бобо Сафарӣ. Ҷ.3. – Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломӣ, 1370. – 559 с.
81. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / Забеҳуллоҳ Сафо. Ҷ.2. – Теҳрон: Фирдавс, 1366. – 730 с.
82. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / Забеҳуллоҳ Сафо. Ҷ.3. – Теҳрон: Фирдавс, 1363. – 993 с.
83. Содиқӣ, Алӣ Ашраф. Баҳсе дар бораи фарҳанги арабӣ ба форсии «Ал-Мирқот» [Матн] / Алӣ Ашрафи Содиқӣ. Нашри Дониш, зимистони 1381. – С.18-31.
84. Сулаймонӣ, С. Аз таърихи фарҳангнигорӣ дар забони тоҷикӣ ва арабӣ [Матн] / С.Сулаймонӣ / Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Дар 2 ҷилд. Ҷ.1. –Душанбе: Эр-граф, 2005. – С.15-23.
85. Убайдӣ, Рашид Абдурраҳмон. Аз-Замахшарию ал-луғавию ва китобуҳу «Ал-Фоиқ» [Матн] / Рашид Абдурраҳмони Убайдӣ. Бағдод: Матбаъату-л-маҷмаъу-л-илмийя, 2001. – 198 с.
86. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI [Матн] / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.
87. Хоҷазода, А. Муқаддима [Матн] / А.Хоҷазода / Луғати Абулфазли Майдонӣ «Ас-Сомӣ фил-асомӣ». –Душанбе, 2020. – С.6-19.
88. Ҳакимжонов, М. Маҳмуд Замахшарининг «Муқаддимат-ул-адаб» асаридаги арабча-туркийча сўзлиннинг лексикографик таҳлили «Исмлар» [Матн] / М.Ҳакимжонов. Автореф. дис. …номз. филол. илм. – Тошкент, 1994. – 19 с.
89. ал-Ҳуфӣ, Аҳмад Муҳаммад. Аз-Замахшарӣ [Матн] / Аҳмад Муҳаммад ал-Ҳуфӣ. – Каир: Дору-л-фикри-л-арабийя, 1966. – 331 с.
90. ал-Ҷорис, Шайх Аҳмад. Маҷаллат-ул-араб [Матн] / Шайх Аҳмад ал-Ҷорис. Ҷ.8. – Шумораи 2155. – Соли чаҳорум. – 1970.

91. Шакурӣ, М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ [Матн] / М.Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2002. – 148 с.

92. Шерозӣ, Мустафо Оятуллоҳзода. Аз-Замахшарию луғавийина ва муфассирина [Матн] / Мустафо Ояту-л-Лоҳзода Шерозӣ. – Уммон: Дору-с-саҚофа, 1977. – 455 с.

93. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандозе ба луғатноманависӣ дар Эрон [Матн] / Алиасғар Шеърдӯст // Фарҳанги истилоҳоти техникаи кишоварзӣ ва технологияи филизот. – Душанбе, 2011. – С. 3-18.

Ба забонҳои дигар:

а) ба забони русӣ

94. Агрикола, Э. Микро-, медио- и макроструктура как содержательная основа словаря [Текст] / Э.Агрикола // Вопросы языкознания. 1984. – Вып. 2. – С. 72-82.

95. Азимова, М. Сопоставительно-типологическое исследование фразеологической системы таджикского и английского языков [Текст] / М.Азимова. – Душанбе, 2006. – 242 с.

96. Амир, Табаси. Влияние арабской грамматики на грамматику персидского языка [Текст] / Табаси Амир. Автореф. дисс. …канд. филол. наук: 10.02.22. – Душанбе, 2003. – 23 с.

97. Апресян, Ю. Лексикографическая концепция нового англо-русского словаря [Текст] / Ю.Апрессян // Новый большой англо-русский словарь. В 3 томах. Под общ. рук. Ю.Д. Апресян, Э.М. Медниковой, А.В. Пертровой. Т.1. – Москва, 2001. – С.6-17.

98. Арабская филология: сборник статей. Под ред. А.А.Ковалева и Г.М.Габучана. –Москва: Изд-во Московского университета, 1968. –208 с.

99. Атахонова, А. Сравнительное и тематическое изучение лексики фарҳангов: (на материале “Фарҳангнома” Хусайна Вафои) [Текст] / А.Атахонова. Автореф. дис. ...канд. филол. наук. – Душанбе, 1974. – 21 с.

100. Ахвледиани, В. Арабское языкознание средних веков. История лингвистических учений. Средневековый Восток [Текст] / В.Ахвледиани. – Ленинград, 1981. –291 с.

101. Ахунжанов, Ш. Имам аз-Замахшари и его научная деятельность [Текст] / Ш.Ахунжанов // Известия Вузов (Кыргызстан). – № 2. – Бишкек, 2011. – С. 280-291.

102. Баевский, С. «Опис на персидские рукописи в нородного библиотека Кирил и Методий» Джамшеда Сайяра (София, 1973. –238 с.) (рецензия на книгу) [Текст] / С.Боевский / «НАА». – №2. – 1975. – С. 200-203.

103. Баевский, С. Ранняя персидская лексикография. Х-ХУвв. [Текст] / С.Баевский. – Москва: Наука,1989. –164 с.

104. Баракаева, Г. Принципы составления таджикско-английского словаря и вопросы таджикской и английской лексикографии [Текст] / Г.Баракаева. Дис. ...канд. филол. наук. – Душанбе, 1968. – 121 с.

105. Баранникова, Л. Введение в языкознание [Текст] / Л.Баранникова. – Саратов: Саратовский университет, 1973. – 384с.

106. Баранов, Х. Арабско-русский словарь [Текст] / Х.Баранов. –Москва: Изд-во иностранных и национальных словарей, 1958. – 1187 с.

107. Бартольд, В. Рукописи Замахшари со старотюркскими глоссами. Сочинения [Текст] / В.Бартольд. Т.УШ. – С.265-268.

108. Берков, В. Вопросы двуязычной лексикографии [Текст] / В.Беркова. – Ленинград, 1973. –188 с.

109. Берков, В. Двуязычная лексикография [Текст] / В.Берков. – Москва, 2004. –237 с.

110. Берков, В. Двуязычная лексикография [Текст] / В.Берков. –СПБ: СПУ, 1996. – 248 с.

111. Бобоева, Г. Лингвистичекие принципы схематизации лексических единиц в двуязычном учебном словаре [Текст] / Г.Бобоева. Автореф. дис. …канд. филол. наук. – Душанбе, 2007. – 25 с.

112. Боровков, А. К истории словаря «Мукаддимат ал-адаб» Замахшари [Текст] / А.Боровков // Вопросы Языкознания. – Москва, 1965. – №2. – С.98-101.

113. Боровков, А. Монголские глоссы в бухарском списке «Мукаддимат ал-адаб» [Текст] / А.Боровков // Народы Азии и Африки. – Москва, 1964. – №1. – С.140-145.

114. Боровков, А. Тюркские глоссы в бухарском списке «Мукаддимат ал-адаб» [Текст] / А.Боровков // Acta Orientalia Acad. Scaint. Hungaricae. – Будапешт, 1962. Т. XV (Сборник в честь L.Ligeti). –С.31-39.

115. Вавичкина, Т. Морфологическая структура глагольного слова в арабском языке (Типологический анализ) [Текст] / Т.Вавичкина. Дисс. … канд. филол. наук: 10.02.20. – Москва, 2003. – 199 с.

116. Виноградов, В. Лексикология и лексикография: Избранные труды [Текст] / В.В. Виноградов. – Москва: Наука, 1977. – 312 с.

117. Гиясова Ф. Роль и место Балёни в таджикской литературе и лексикографии [Текст] / Ф.Гиясова / «Сурма-и сулаймони» Такиуддин Авхади Балёни. –Худжанд: Нури маърифат, 2006. –С.376-400.

118. Гиясова Фируза Нуруллоевна. Способы Описания форм и приёмов толкования лексических единиц в персидско-таджикских словарях XVII в. [Текст] / Ф.Н.Гиясова. Дисс. на соискание учёной степени к.ф.н. – Худжанд, 2006. –184 с.

119. Гиясова Ф. «Фарҳанги Джафари» и его лексикографические особенности [Текст] / Ф.Гиясова // Ученые записки Худжандского госуниверситета. –№10. – Худжанд: Нури маърифат, 2005. –С.54-73.

120. Десницкая, А. Сравнительное языкознание и история языков [Текст] / А.Десницкая. – Москва: УРСС, 2004. – 352 с.

121. Джуразода, Ш. Лексико-грамматические особенности «Маснавии маънави» Джалоладдина Руми [Текст] / Ш.Джуразода. – Душанбе, 1998. –144 с.

122. Зайончовский, А. Глава о жывотных в арабском труде Замахшари (с персидскими и тюркскими глоссами) по стамбульскому списку 655 г. х. (=1257)

[Текст] / А.Зайончковский // Rocznik Orientalistyczny. T. 30. З. 2 (1967) [5] – С. 27-82.

123. Звегинцев, В. История арабского языкознания. Краткий очерк [Текст] / В.Звегинцев. –3-е, стереотипное. – Москва: Ком. Книга, 2007. – 80 с.

124. Истрина, Е. Заметки по двуязычным словарям [Текст] / Е.Истрина /ИАН СССР, ОЛЯ. Том III. – Вып. 2-3. – Москва, 1944. – С.78-97.

125. Капранов, В. Таджикско-персидская лексикография в Индии XVI-XIXвв. [Текст] / В.Капранов. – Душанбе: Дониш,1987. –221 с.

126. Кримский, А. Арабская литература в очерках и абразцах [Текст] / А.Кримский. – Москва, 1911. – С.91-106.

127. Мамадназаров, А. Из истории современной русско-таджикской специальной лексикографии [Текст] /А.Мамдназаров // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – Душанбе: РТСУ, 2013. – № 1(40). – С.259-266.

128. Мамадназаров, А. Проблемы перевода в двуязычных словарях. [Текст] / А.Мамдназаров // Вест. Тадж. гос. пед. ун-та им. С.Айни. – Душанбе, 2013, – №2(51). – С.311-317.

129. Мамадназаров, А. Пути развития современной двуязычной лексикографии в условиях глобализации [Текст] / А.Мамдназаров // Состояние и перспективы изучения и преподавания языков в современном мире: Материалы межвузов. конф. – Душанбе: РТСУ, 2013. – С.145-149.

130. Мамадназаров, А. Сравнительный анализ использования грамматических помет в двуязычных словарях [Текст] / А.Мамдназаров // Вест. Тадж. гос. пед. ун-та им. С.Айни. – Душанбе, 2013, – №1(50). – С.335-339.

131. Мамадназаров, А. Становление и развитие таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв. (второе переработанное и дополнонное) [Текст] / А.Мамдназаров. – Душанбе, 2016. – 416 с.

132. Маслов, Ю. Введение в языкознание [Текст] / Ю.Маслов. –4-е издание. – Москва: Высшая школа, 1975. – 328 с.

133. Окилов М.И. «Атвоку-з-захаб» Замахшари (научное исследование, перевод и его толкование). [Текст] / М.И.Окилов. Дисс. на соискание учёной степени к.ф.н. –Москва,1981. –157 с.

134. Оранский, И. Введение в иранскую филологию [Текст] / И.Оранский. – Москва: Изд-во восточной литературы, 1960. –490 с.

135. Очилова М.И. “Ал-Кашшоф” Джаруллах Махмуда Замахшари и проблемы становления в персидско-арабской экзегтики. [Текст] / М.И.Очилова. Дисс. на соискание учёной степени д.и.ф. –Душанбе: Эр-граф, 2022. –355 с.

136. Пейсиков, Л. Лексикология современного персидского языка [Текст] / Л.Пейсикова. – Москва: МГУ, 1975. –205 с.

137. Прозоров, С. «Гордость Хваризма» Махмуд аз-Замахшари и его титулованные ученики (= «Pride of Khorezm» Mahmud az-Zamakhshary and his titled Pupils) [Текст] / С.Прозоров /Mahmyt Zamakhshary and Oriental Literary-Scientific Renaissance. –Aşgabat-Daşoguz, 2007. – С. 420-423 (ба забони русӣ). – С. 261-262 (ба забони англисӣ).

138. Робакидзе, Н. Фонетическая концепция аз-Замахшари [Текст] / Н.Робакидзе. Автореф. дис. …канд. филол. наук. – Тбилиси, 1984. – 18 с.

139. Рубинчик, Ю. Грамматика современного персидского литературного языка [Текст] / Ю.Рубинчик. – Москва: Восточная литература РАН, 2001. –600 с.

140. Рушанян, К. Лексикографический и лексикологический анализ персидско-иноязычных словарей - XV-XVIII вв. [Текст] / К.Рушанян Автореф. дис...канд. филол.наук. –Тбилиси, 1987. – 23 с.

141. Ходжиев, А. Лексикографическое сочинение Абулфадл ал-Майдани «ас-Сами фи-л-асами» [Текст] / А.Ходжиев. – Душанбе: Деваштич, 2003. –143 с.

142. Халидов, А. Аз-Замахшари [Текст] / А.Халидов // Ислам: энциклопедический словарь. Отв. ред. С.М.Прозоров. –Москва: Наука, ГРВЛ, 1991. – 315 с. – С. 74-75.

143. Халидов, А. Арабские рукописи и арабская рукописная традиция [Текст] / А.Халидов. – Москва: Наука, 1985. – 305 с.

144. Щерба, Л. Языковая система и речевая деятельность [Текст] / Л.Щерба. – Москва: Изд-во Наук», 1974. – 428 с.

б) ба забони англисӣ

145. Horezmce Tercumeli Muqaddimat al-Adab – Khoresmian Glossary of the Muqaddimat al-Adab в серии: «Horesm Kulturu Vesikalari – Documents on the Khorezmian Culture». Part I. Edited by Zeky Velidi Togan. –Istanbul: Publications of the Faculty of Letters of the University of Istanbul, [Text], 1951. –No. 498.

146. Velidi, Togan Z. Zimahsarinin dogu turcesi ile “Mukaddimatu-l-edeb”-I, “Turkiyat Mecmuasi”, cild XIV. –Istanbul , [Text], 1965. –С.81-92.

III. Фарҳангу луғатномаҳо

147. Буснавӣ, Исҳоқ Афандӣ Аҳмад. Ақса-л-араб фӣ тарҷимати «Муқаддимат-ул-адаб» [Матн] / Исҳоқ Афандӣ Аҳмади Буснавӣ. – Нусхаи хаттии №4660-и китобхонаи Аёсӯфия. – Соли китобат: номаълум. –326 б.

148. Буснавӣ, Исҳоқ Афандӣ Аҳмад. Ақса-л-араб фӣ тарҷимати «Муқаддимат-ул-адаб» [Матн] / Исҳоқ Афандӣ Аҳмади Буснавӣ. – Нусхаи хаттии №4661-и китобхонаи Аёсӯфия. – Соли китобат: номаълум. – 269 б.

149. Буснавӣ, Исҳоқ Афандӣ Аҳмад. Ақса-л-араб фӣ тарҷимати «Муқаддиматул-адаб» [Матн] / Исҳоқ Афандӣ Аҳмади Буснавӣ. – Нусхаи хаттии №3180-и китобхонаи Асъад Афандӣ. – Соли китобат: номаълум. –225 б.

150. Буснавӣ, Исҳоқ Афандӣ Аҳмад. Ақса-л-араб фӣ тарҷимати «Муқаддимат-ул-адаб» [Матн] / Исҳоқ Афандӣ Аҳмади Буснавӣ. – Нусхаи хаттии №3181-и китобхонаи Асъад Афандӣ. – Соли китобат: номаълум. –178 б.

151. Буснавӣ, Исҳоқ Афандӣ Аҳмад. Ақса-л-араб фӣ тарҷимати «Муқаддимат-ул-адаб» [Матн] / Исҳоқ Афандӣ Аҳмади Буснавӣ. –Нусхаи хаттии №5415-и китобхонаи Ҳоҷӣ Маҳмуд. – Соли китобат: номаълум.

152. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн] / Алиакбари Деҳхудо. Ҷ.1. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. –С. 1-1600.

153. Деҳҳудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн] / Алиакбари Деҳҳудо. Ҷ.7. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. –С. 9609-11198.
154. Деҳҳудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн] / Алиакбари Деҳҳудо. Ҷ.8. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. –С. 11209-12799.
155. Деҳҳудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн] / Алиакбари Деҳҳудо. Ҷ.9. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. –С. 12809-14464.
156. Деҳҳудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн] / Алиакбари Деҳҳудо. Ҷ.13. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. –С. 19465-21119.
157. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Асосу-л-балоғат (иборат аз се ҷилд) [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Байрут: Дору-л-кутуби-л-илмийа, 2007. – 1392 с.
158. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Ба кӯшиши Ветзштейн И.Ҷ. – Лейпсик, 1843. – 269 с.
159. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Ба кӯшиши Маҳдии Муҳаққиқ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоти исломии Донишгоҳи Теҳрон, 1386. – 269 с.
160. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб ё Пешрави адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Ба эҳтимоми Муҳаммадкозим, Забеҳуллоҳ. – Теҳрон, 1342-1343. Ҷ.1– 400 с. Ҷ.2. –840 с.
161. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Нусхаи хаттии № PPN1687677832 маҳфуз дар Китобхонаи давлатии Берлин. – Соли китобат: 682/1283. – 196 б.
162. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Нусхаи хаттии №344. Китобхонаи Донишгоҳи Лейпсик. – Соли китобат: 867/1462-1059/1649. – 200 б.

163. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. – Нусхаи хаттии №4289. Китобхонаи миллии Фаронса. – Соли китобат: номаълум. – 120 б.

164. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Ал-Фоиқу фӣ ғариби-л-ҳадис [Матн] / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Иборат аз панҷ ҷилд. – Бидуни макони нашр, 2010. – 1709 с.

165. Зӯзанӣ, АбуАбдуллоҳ Ҳусайн ибни Аҳмад. Китоб-ул-масодир [Матн] / АбуАбдуллоҳ Ҳусайн ибни Аҳмади Зӯзанӣ. Бо муқаддима ва ҳавошиву таълиқот ва феҳрасти аълому луғоти Тақии Биниш. Ҷ.1-2. – Машҳад, 1339. – 481 с.

166. Кошғарӣ, Маҳмуд. Дивону луғот-ит-турки [Матн] / Маҳмуди Кошгарӣ. – Қустантания: Дор-ул-хилофат-ил-алиййа, 1335. –351 с.

167. Кошғарӣ, Маҳмуд. Дивону луғот-ит-турки (номҳову сифатҳову замирҳо ва пасвандҳо) [Матн] / Маҳмуди Кошгарӣ. Тарҷумаву танзим ва тартиби алифбоии Саййид Муҳаммади Дабирсиёқӣ. –Теҳрон: Баҳман, 1375. –1101 с.

168. Майдонӣ, Абулфазл. Ас-Сомӣ фи-л-асомӣ [Матн] / Абулфазли Майдонӣ. Таҳияи матн, муқаддима аз Аҳмад Ҳоҷизодаи Мадрушкатӣ. – Душанбе: Шоҳин-С, 2020. – 367 с.

169. Майдонӣ, Абулфазл. Ас-Сомӣ фи-л-асомӣ [Матн] / Абулфазли Майдонӣ. – Нусхаи хаттии маҳфуз дар Институти шарқшиносии шаҳри Санкт-Петербург. – 155 б.

170. Майдонӣ, Абулфазл. Ас-Сомӣ фи-л-асомӣ [Матн] / Абулфазли Майдонӣ. Нашараҳу ва раттаба ихроҷаҳу Муҳаммад Мӯсо Ҳиндуӣ. – Қоҳира, 1967. –195 с.

171. Нассор, Ҳусайн. Ал-Муъҷам-ул-арабӣ [Матн] / Ҳусайн Нассор (ҷилди 1 ва 2). Ҷ.1. – Қоҳира, 1971.

172. Натанзӣ, Бадеъуззамон. Ал-Мирқот [Матн] / Бадеъуззамони Натанзӣ. Тасҳеҳи Ҷаъфари Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1346. – 202 с.

Ба забони англисӣ:

173. Das Chwaresmische Sprachmaterial einer Handschrift der Muqaddimat al-adab von Zamaxsari. –Wiesbeden, [Text], 1968. –424 p.
174. Mogolskiy Slovar Mukaddimat al-adab. Part I-II. –Moskova- Leningrad, [Text], 1938. –P. 44-65.
175. Mukaddimetü`l edeb (Zemahşeri), Hārizm Türkçesi ile Tercümeli Şuşter Nushası. –Ankara, [Text], 1988, 1993. –175 p.

IV. Феҳриствораҳо

176. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ [Матн] / Аҳмад Мунзавӣ. Ҷ.6. –Теҳрон: Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382. – 909 с.
177. Саид, Фуод. Феҳрас-ул-махтутот-ил-мусаввараті [Матн] / Фуод Саид. Ҷузъу-л-аввал. – Қоҳира, 1954.
178. Феҳристи нусахи хаттии форсии Институти осори хаттии Тоҷикистон. Зери назари Саййид Алӣ Мавҷонӣ ва Амрияздон Алимардон. Ҷ.1. –Теҳрон: Маркази мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқози Вазорати умури хориҷа, [Матн] 1376. – 387 с.
179. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Институи ховаршиносии Фарҳангистони улуми Россия. – Қум, [Матн] 1375. – 486 с.

Ба забони русӣ

180. Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР. Том 1. – Ташкент: Издательство Академии наук УзССР, [Текст], 1952. – 440 с.

Ба ҳуруфи англисӣ

181. Blochet, E. Catalogue des manuscripts Persian de le Bibliotheque Nationale / E. Blochet. T.I-XV. –Paris, [Text], 1905-1934.
182. Blochet, E. Catalogue des manuscrits persans de la Bibliothèque nationale / E. Blochet. T.III. Nos 1161-2017. –Paris, Réunion des Bibliothèques nationales, [Text], 1928. – 498 p.

183. Catalogue of the Persian manuscripts in the British Museum. V.1-3. –London, [Text], 1879-1883.
184. Catalogue of the Persian manuscripts in the British Museum / Ch.Rieu.–V.2. [Text], 1881. –329 p.
185. Schefer Ch. Catalogue de la collection de manuscripts orientaux Arabes, Persans, et turcs, formee par MC Schefer et acquise par I etat publice par E.Blochet / Ch.Schefer. –Paris, [Text], 1900. –264 p.
186. Vajda, Georges. Notices de manuscrits arabes Bibliothèque nationale de France. – Paris, [Text], 1940-1969. –779 p.
187. Vajda G. Index General des Manuscripts Arabes Musulmans de la Bibliotheque Nationale de Paris /G.Vajda. – Paris, [Text], 1953. –753 p.

V. Сомонаҳо

188. Махмудов, Ф. Новооткрытый письменный памятник начала XIV в. «Муқаддимат ал-адаб» аз-Замахшари [Текст] /Ф.Махмудов https://einfolib.uz /index.php/2020/10/02/novootkrytyj-pismennyj-pamyatnik-nachala-xiv-v-muqaddimat-al-adab-az-zamahshari/ (санаи муроҷиат: 21.01.2022)
189. Наршахӣ, Абубакр. Таърихи Бухоро [Матн] / Абубакри Наршахӣ. Тарҷума ва талхиси Абунасри Қабовӣ. Нашри элетронникӣ: Вебгоҳи «Эронтаърих». –126 с. (санаи муроҷиат: 23.03.2021)
190. http://drsadigh.ir (санаи муроҷиат: 10.09.2020)
191. https://lektsia.com/1x5bc9.html Раздел 10. Арабская лексикография (санаи муроҷиат: 01.05.2020)
192. http://wikinoor.ir/ مقدمةالادب(санаи муроҷиат: 15.06.2022)
193. http://hamadaljasser.com (санаи муроҷиат: 12.08.2022)
194. https://ketabpedia.com/صحائف (санаи муроҷиат: 06.04.2022)

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Низомова, С.И. “Муқаддимат-ул-адаб” ва аҳаммияти он дар рушди фарҳангнигорӣ [Матн] / С.И. Низомова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2021. – № 5. – С. 86-93.

[2-М] Низомова, С.И. Замахшарӣ ва осори ӯ [Матн] / С.И. Низомова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2021. – № 6. – С. 219-226.

[3-М] Низомова, С.И. Аз таърихи фарҳангнигории дузабонаи арабӣ – тоҷикӣ [Матн] / С.И. Низомова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 137-143.

[4-М] Низомова, С.И., Нуруллозода, Ф. Истилоҳи фарҳангнигорӣ аз нигоҳи забоншинос В.Г. Гак [Матн] / С.И. Низомова, Ф. Нуруллозода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6-2 (101). – С. 106-110.

[5-М] Низомова, С.И., Нуруллозода, Ф. Баъзе вижагиҳои лексикаи тоҷикии “Муқаддимат-ул-адаб”-и Замахшарӣ [Матн] \ С.И. Низомова, Ф. Нуруллозода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2023. – №1 (94). – С. 87-94.

II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ

[6-М] Низомова, С.И. Нусхашиносии “Муқаддимат-ул-адаб”-и Замахшарӣ [Матн] / С.И. Низомова // Номаи ховаршиносон. – Хуҷанд, 2020. – №14. – С. 29-33.

[7-М] Низомова, С.И. “Муқаддимат-ул-адаб”-и Ҷоруллоҳ Замахшарӣ [Матн] / С.И. Низомова // Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд, 2020. – №4 (24) – С. 54-61.

[8-М] Низомова, С.И., Нуруллозода, Ф. Некоторые особенности таджикской лексики “Мукаддимату-л-адаб” Джаруллаха Замахшари [Текст] / С.И. Низомова, Ф. Нуруллозода // Сборник научных статей по итогам работы

Международного научного форума. Наука и инновации-современные концепции. – Москва, 2021. – С. 31-38.

[9-М] Низомова, С.И. Рукописи и публикации «Мукаддимат-ул-адаб» Замахшари [Текст] / С.И. Низомова // Международная научная конфренция «Актуальные научные исследования в современом мире». – Украина, 2022. – С.154-158.

[10-М] Низомова, С.И. Усули ташреҳи маъно дар фарҳангҳои дузабона [Матн] / С.И. Низомова // Вестник магистратуры. – Коллоквиум, 2022. – № 12-5 (135). – С.56-58.

[11-М] Низомова, С.И. Semantico-grammatical peculiarities the chapter of harf “Arabic Preposition” (AP) of the dictionary entitled as “Muqaddimat-ul-adab” by Zamakhshari [Text] / С.И. Низомова // Тенденции развития науки и оброзавания. – Самара, 2023. – № 95. – С.147-150.